IMPROVING MIGRATION MANAGEMENT IN THE SILK ROUTES

ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ МУҲОҶИРАТ ДАР КИШВАРҲОИ РОҲИ АБРЕШИМ

МАРКАЗИ ЗАХИРАВИИ МУҲОҶИРОН
MIGRANT RESOURCE CENTRE

# Тоҷикистон

# Дастур оид ба омодагии махсус ва роҳнамоии муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз сафар (ДОМРПС)

Funded by the European Union

Implemented by

ICMPD
International Centre for Migration Policy Development

## Мундариҷа


**Муқаддима** .................................................. 3

**Ихтисорот** .................................................. 5

**Луғати истилоҳҳо доир ба муҳоҷират** .................................................. 8

**МОДУЛҲОИ ТАЪЛИМӢ** .................................................. 9

**Аз чӣ оғоз бояд кард – муқаддима ба курси таълимӣ** .................. Error! Bookmark not defined.

**Чӣ тавр Дастури омӯзиши муҳоҷиронро истифода бояд бурд** .................................................. 9

**МОДУЛИ 1 МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ– МАЪЛУМОТИ УМУМӢ** ..................................................12

**Машғулияти 1 – Намудҳои муҳоҷират**..................................................12

**Машғулияти 2 - Системаи дастгирии сарпарастӣ (спонсорӣ)** ..................................................14

**Машғулияти 3 - Бартариҳо ва мушкилоти муҳоҷират** ..................................................15

**Машғулияти 4 - Муҳоҷирати бехатар**..................................................16

**Худро санҷед**.................................................. Error! Bookmark not defined.

**МОДУЛИ 2 БОКОРТАЪМИНКУНӢ ДАР ХОРИҶА**..................................................21

**Машғулияти 1 – Системаи бакорҷалбкунӣ (рекрутинг) дар Тоҷикистон** ..................................................21

**Машғулияти 2 – Сафари шумо ба хориҷа**..................................................28

**Машғулияти 3 – Истиқомат дар хориҷа** ..................................................42

**Машғулияти 4 – Кор дар хориҷа** ..................................................49

**Худро санҷед**.................................................. Error! Bookmark not defined.

**МОДУЛИ 3. ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ**..................................................58

**Машғулияти 1 – Мақоми ҳуқуқӣ (қонунӣ)**..................................................58

**Машғулияти 2 – Ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ**..................................................58

**Машғулияти 3 – Мушкилоти маъмулии муҳоҷирони меҳнатӣ** ..................................................60

**Машғулияти 4 – Кӯмаки ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ** ..................................................63

**Худро санҷед**.................................................. Error! Bookmark not defined.

**МОДУЛИ 4 БОЗГАШТ ВА АЗНАВМУТОБИҚШАВӢ** ..................................................70

**Машғулияти 1 – Алоқа ва робитаҳо бо кишвари аслӣ** ..................................................70

**Машғулияти 2 – Бозгашта рафтан ё депортатсия**..................................................71

**Машғулияти 3 – Бозгашт ва реинтегратсия (азнавмутобиқшавӣ)**..................................................72

**Машғулияти 4 – Сармоягузории воситаҳои пулӣ дар Тоҷикистон**..................................................73

**Худро санҷед**.................................................. Error! Bookmark not defined.

**МУҚАДДИМА**

Қарори шумо оиди кор ва фаъолият дар хориҷа яке аз муҳимтарин қарорҳои қабулкардаи шумо мебошад, чунки шумо бо як қатор мушкилоти нав дучор мешавед. Кору фаъолият ва будубош дар хориҷа, хусусан дар аввал, метавонад барои шумо як таҷрибаи мушкил ва ҳамзамон завқовар гардад. Имконияти гирифтани маоши калон ҳангоми кор дар хориҷа хеле ҷолиб ба назар мерасад. Муҳоҷирони меҳнатӣ бо мушкилоти ғайричашмдошт дучор мешаванд. Аксари ин мушкилот дар раванди ба кор қабул шудан ба вуҷуд меоянд ва баъзеи онҳо бо муҳити нави корӣ вобастаанд.

Ин **Дастур оид ба омодагии махсус ва роҳнамоии муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз сафар /муҳоҷират (ДОМРПС)** аз ҷониби Маркази байналмилалии рушди сиёсати муҳоҷират (ICMPD) дар доираи лоиҳаи "Такмили идоракунии муҳоҷират дар кишварҳои Роҳи Абрешим", бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупо, таҳия карда шудааст. Инҷо ҳама маълумоти зарурӣ барои омода шудан ба сафари шумо ва оилаатон барои кор ба хориҷа оварда шуддаст.

Дар ин дастур диққати асосӣ ба маълумоти зарурӣ барои одамоне оварда шудааст, ки аллакай оиди муҳоҷират қарор қабул кардаанд ё ҳуҷҷатҳои худро барои кор дар хориҷа пур карда истодаанд ва ба наздикӣ аз Тоҷикистон барои кор ба кишвари таъинот мераванд. Дар инҷо маълумот оиди марҳилаҳои раванди муҳоҷират оварда шудааст, ва диққати асосӣ ба муҳоҷирати бехатар, чараёни ҷалб ва кирокунии қонунии коргарон дар Тоҷикистон дода мешавад; инчунин маслиҳатҳо оиди санҷидани қонунӣ будани ширкати бакорҷалбкунӣ (рекрутингӣ) дода шудаанд. Инчунин маълумот оиди ҳуҷҷатҳое, ки барои сафар талаб карда мешаванд ё лозиманд, оиди ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои коргарон, оиди барномаҳо ва хадамотҳои давлатӣ, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқ ва шабакаҳои дастгирӣ, маслиҳатҳо оиди омодагӣ ба бозгашт ва азнавмутобиқшавии муҳоҷирон пас аз бозгашт ба Тоҷикистон ва ғайра оварда шудааст.

Агар шумо оид ба муҳоҷират ҳоло қарори ниҳоӣ қабул накарда бошед ва ҳоло ҳам роҳи ба худ мувофиқро муайян карда истодаги бошед, лутфан Дастури асосиро оид ба омодагӣ ва роҳнамоии муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз ба хориҷа/муҳоҷират рафтан хонед.

Азбаски барои кор кардан дар хориҷа тарзи ҳаёт ва муносибати худро ба кор тағйир додан лозим меояд, тавсия медиҳем, ки шумо ин дастурро хонда бароед ва агар имкон бошад, дар яке аз машғулиятҳо оид ба ДОМРПС дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ё Марказҳои захиравии муҳоҷирон гузаронида мешавад, иштирок кунед. Мо боварӣ дорем, ки пас аз хатми ин курси омӯзишӣ шумо дар бораи мусибат ва мушкилоти кор дар хориҷа маълумоти муфассал мегиред ва барои зиндагӣ ва кор дар кишвари дигар беҳтар омода хоҳед шуд.

**Изҳори сипосгузорӣ**

Ин Дастур аз ҷониби кормандони ICMPD, ки оид ба масъалаҳои муҳоҷират кор мекунанд, бо истифодаи маводҳое, ки аз ҷониби мушовирон дар соҳаи тахассуси онҳо пешниҳод шудаанд, хусусан аз ҷониби хонум Михаэла Матей, таҳия карда шудааст. Тақризҳоро коршиносони **ICMPD** дар саридора (штаб-квартира) ва инчунин дар сатҳи кишвар, ҳамоҳангсозони офисҳои кишварӣ, ҳамоҳангсозон ва мушовирони МЗМ ва шарикон дар сатҳи давлатӣ пешниҳод намудаанд.

**Дар бораи ICMPD**

Маркази Байналмилалии Рушди Сиёсати Муҳоҷират ин созмони байналмилалиест, ки 18 кишварҳои аъзо ва беш аз 250 корманд дорад. Марказ дар зиёда аз 90 кишвари ҷаҳон фаъолият намуда, дар фаъолияти худ, барои таъсис намудани ҳамкорӣ ва шарикии бонатиҷа дар масирҳои муҳоҷират, усули минтақавиро истифода мебарад. Афзалият ба минтақаҳое ба мисли Африқо, Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, Аврупо ва Шарқи (Ховари) Наздик дода мешавад. Муносибати сеҷонибаи Марказ нисбат ба идоракунии муҳоҷират, ки аз ҷиҳати сохторӣ тадқиқотҳо ва мусоҳибаҳоро оид ба масъалаҳои муҳоҷират ва таҳкими иқтидор дар бар мегирад, ба рушди самараноктари сиёсати муҳоҷират дар

саросари ҷаҳон мусоидат мекунад. Ин созмон, ки саридораи (штаб-квартираи) он дар Вена ҷойгир аст, дар Брюссел идораи намояндагӣ, дар Малта - идораи минтақавӣ ва дар чанд кишвар идораҳои лоиҳавӣ дорад. Фаъолияти ICMPD аз тарафи аъзокишварҳои он, Комиссияи Аврупо, СММ ва дигар институтҳои бисёрҷониба, инчунин аз тарафи донорҳои дуҷониба маблағгузорӣ карда мешавад. ICMPD, ки соли 1993 таъсис шудааст, дар СММ мақоми Нозир дорад ва бо зиёда аз 700 шарикон, аз ҷумла ниҳодҳои Иттиҳоди Аврупо ва агентиҳои СММ ҳамкорӣ менамояд.

*Миссия / Вазифаи ICMPD*
Таъмин намудани муҳоҷирати батанзим, бехатар ва қонунии одамон, аз ҷумла тавассути амалӣ намудани сиёсати муҳоҷирати ба нақша гирифташуда ва дуруст ба роҳ мондашуда.

***Радди масъулият***
Ифода ва мафҳумҳое, ки дар ин нашрия истифода шудаанд, изҳори ягон ақидаеро аз тарафи Иттиҳоди Аврупо ё ICMPD оиди вазъи ҳуқуқии ягон кишвар, минтақа ё қаламрав, мақомоти онҳо ё марбут ба муайян намудани сарҳадҳо дар назар надоранд. Истинод ба номи ширкатҳо ё маҳсулот ва равандҳои тиҷоратӣ маънои писандидани онҳоро аз тарафи Иттиҳоди Аврупо ё ICMPD надорад ва зикр накардани ягон ширкат, маҳсулот ё раванди тиҷоратӣ нишонаи маъқул надонистани он нест.

Ин дастур танҳо барои мақсадҳои иттилоотӣ пешбинӣ шудааст ва набояд ҳамчун дастур ё машваратӣ ҳуқуқӣ ба ҳисоб равад.

## Ихтисорот

| | |
|---|---|
| ICMPD | Маркази байналмилалии рушди сиёсати муҳоҷират |
| МЗМ | Маркази захиравии муҳоҷирон |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ДОМРПС | Дастур оид ба омодагии асосӣ ва роҳнамоии пеш аз сафар |
| ДОМРПС | Дастур оид ба омодагии махсус ва роҳнамоии пеш аз сафар |
| АХША | Агентии хусусии шуғли аҳолӣ |
| ТТТК | Таҳсилот ва таълими техникӣ ва касбӣ |
| СБМ | Созмони байналмилалии меҳнат |
| ТСБК | Таснифоти стандартии байналмилалии касбҳо |

## Муқаддима ба Дастур

### Гурӯҳҳои мақсаднок

Ин дастури омӯзишӣ барои истифода бурдан дар курсҳои омӯзишӣ, ки барои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон пеш аз сафари онҳо барои кор кардан ба хориҷа гузаронида мешаванд, пешбинӣ шудааст.

Иштирокчиёни ҳадафӣ инҳо буда метавонанд:

- хатмкунандагони курсҳои ОТТК (таҳсилот ва таълими техникӣ ва касбӣ), ки аллакай барои кор дар хориҷа пешниҳод доранд;
- муҳоҷирони эҳтимолӣ, ки барои кор дар хориҷа муроҷиат кардан ният доранд ё дар марҳилаи ниҳоии ҷараёни бакорқабулкунӣ (рекрутинг) қарор доранд;
- муҳоҷирони эҳтимолӣ, ки аз раванди ҷалбкунии коргарон гузаштаанд ва интизори равона шудан барои кор ба хориҷа мебошанд.

Дар бисёр кишварҳо, омӯхтани ДОМРПС шарти зарурӣ барои сафарӣ муҳоҷирони меҳнатӣ аз кишвари аслӣ мебошад. Бо ин мақсад сертификат (шаҳодатнома), ки мувофиқатро бо талаботи омӯзиш ва роҳнамоии пеш аз сафар тасдиқ мекунад, дода мешавад. Он метавонад дар шакли мӯҳр дар шиноснома ё ҳамчун ҳуҷҷати алоҳида дода шаад. Шаҳодатнома ба коркунони хадамоти муҳоҷират ҳангоми сафар нишон дода мешавад.

### Ҳадаф ва вазифаҳо

Ҳадафи асосии ин дастур – таъмин намудани маълумот оиди тартиби бакорҷалбкунӣ (рекрутинг), шароити ба кор қабулкунӣ ва шароити зист дар хориҷа, оиди қонунгузории меҳнат, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои коргарон дар кишварҳои таъинот ва оиди хароҷотҳо бо муҳоҷират вобаста ба муҳоҷироне, ки ба хориҷа сафар мекунанд.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии (ВММША) Ҷумҳурии Тоҷикистон ин дастурро таҳия намуда, курсҳои омӯзиширо барои муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади зерин мегузаронад:

- мусоидат намудан ба муҳоҷирати бехатар ва қонунӣ ва
- кам кардани миқёси истисмор ва муносибати бераҳмона нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ.

Илова бар ин, ҳадафҳои ин курси омӯзишӣ чунинанд:

- ба шумо маслиҳат додан оиди масъалаҳои муҳимтарин, ки онҳоро пеш аз рафтан ҳал кардан лозимаст, аз ҷумла оиди тартиби бакорҷалбкунӣ, анҷом додани тартиботи сафар, омода намудани ҳуҷҷатҳое, ки барои кор дар хориҷа лозиманд, ва инчунин оиди тартиботи муҳоҷират.
- шуморо бо ҳуқуқҳои худ шинос кардан
- пешниҳод намудани маълумоти лозима оиди кор ва зиндагӣ дар хориҷа, пеш аз ба сафар баромадани шумо.
- додани маълумот оиди бозгашт ба ватан, ба Тоҷикистон.

Машғулиятҳои ДОМРПС– ро дар шакли зерин гузарондан мумкин аст:

1. **Машғулиятҳои индивидуалӣ (дар шакли машғулиятҳои синфӣ)**, вақте ки муҳоҷирони ба сафар мебаромадагӣ ба ҷое меоянд, ки ДОМРПС гузаронида мешавад ва бо тренери ДОМРПС шахсан сӯҳбат мекунанд. Машғулиятҳо дар биноҳои МЗМ, дар вазоратҳо, идораҳои ҳукуматӣ ё агентиҳо ё дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ки барои муҳоҷирони меҳнатӣ бехатар, дастрас ва қулай мебошанд, гузаронида шуда метавонанд.

Дар Тоҷикистон машғулиятҳои ДОМРПС аз тарафи корхонаҳои зерин гузаронда мешаванд :

- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ - https://mehnat.tj
- Марказҳои машваратдиҳӣ ва омӯзиши муҳоҷирони меҳнати пеш аз ба сафар баромадан, ки ҳоло дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Хуҷанд ва Хоруғ ҷойгиранд, ва инчунин аз тарафи Агентии

бакортаъминкунӣ дар хориҷа.

Маълумотро дар бораи вақт ва ҷои ташкил кардани машғулиятҳои ДОМРПС дар сомона ёфтан мумкин аст.

**2. Дар реҷаи онлайн,** ҳангоме ки ба муҳоҷирони меҳнатии ба сафар мебаромадагӣ портали модулҳои омӯзишии пеш аз сафар дастрас гардонда мешавад https://www.icmpdsilkroutesmodules.com/. Дастурҳо оиди чӣ гуна эҷод кардани сабти ҳисоб ва гузаштани курси ДОМРПС дар қисмати муқаддимавии ин курс оварда шудаанд. Дар платформаи онлайн, муҳоҷири меҳнатӣ метавонад курси ДОМРПС-ро дар вақт ва ҷои барои худи ӯ мусоид, ки онҷо интернети пайваста ҳаст, гузарад. Дар версияи онлайн як силсила имтиҳонҳое ҳаст, ки муҳоҷири меҳнатӣ, барои гирифтани шаҳодатнома, бояд супорад. Шаҳодатнома оиди гузаштани ин курс дар реҷаи онлайн дода мешавад. Онлайн-версияи ин курсро дар сомонаи https://www.mrc-tajikistan.org ё https://www.icmpdsilkroutesmodules.com/ дастрас намудан мумкин аст.

Саволу ҷавобҳои зерин ба шумо кӯмак мекунанд, ки бо талаботҳои умумӣ, равандҳо ва ҳуҷҷатҳои гуногун шинос шавед. Ба ҷадвали дар поён оварда шуда нигаред. Агар шумо ягон савол дошта бошед, лутфан ба МЗМ муроҷиат кунед. Фаҳмида гиред, ки шумо ҳоло дар кадом марҳила ҳастед ва санҷед, ки оё шумо ҳама марҳилаҳоро дуруст гузаштаед ва анҷом додаед.

| | | **Маълумоти бештарро дар инҷо хонед** |
|---|---|---|
| Оё шумо: | мехоҳед дар хориҷа кор ёбед (доимӣ ё муваққатӣ)? | Модули 1 |
| | маълумоти бештарро оиди муҳоҷират ва мушкилот марбут ба муҳоҷират дар хориҷа кофта истодаед? | Модули 1 |
| | маълумоти бештарро оиди низоми Кафала кофта истодаед? | Модули 1 |
| Оё шумо медонед, ки: | раванди қонунии бакорҷалбкунӣ (рекрутинг) Тоҷикистон чи гуна аст? | Модули 2 |
| | чи тавр амалҳои худро бо агентии бакорҷалбкунии қонунӣ мувофиқ намудан лозим аст | Модули 2 |
| | барои ба хориҷа рафтан кадом ҳуҷатҳо лозиманд | Модули 2 |
| | талабот дар фурудгоҳ ва талаботҳои муҳоҷиратӣ чи гунаанд? | Модули 2 |
| Оё шумо: | медонед , ки шумо бояд аз муоинаи тиббӣ гузаред? | Модули 2 |
| | медонед, ки шумо бояд барои гирифтани раводид ё иҷозати кор муроҷиат намоед? | Модули 2 |
| | Дар бораи вазифаҳои корӣ, ҷои кор ва мӯҳлати шартнома маълумот доред? | Модули 2 |
| | Дар бораи ҳаҷми маоши ақаллӣ, маоши асосии моҳона ва ҳаҷми пардохт барои изофакорӣ маълумот доред ? | Модули 2 |
| | Оиди рӯзи кории бамеъёрдаровардашуда, рӯзҳои истироҳат ва идҳо маълумот доред? | Модули 2 |
| | Оиди сабабҳои асоснок барои катъ намудани шартнома маълумот доред? | Модули 2 |
| Оё шумо: | Оиди ҳуқуқҳои худ ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ медонед? | Модули 3 |
| | Оиди ӯҳдадориҳои худ дар кишвари таъинот маълумот доред? | Модули 3 |
| | Оиди мушкилоти маъмурӣ, ки дар дигар кишвар дучор меоед медонед? | Модули 3 |
| | Оиди он ки чӣ тавр сафорати Тоҷикистон ба шумо кӯмак расонида метавонад медонед? | Модули 3 |

| | | |
|---|---|---|
| Оё шумо медонед ки дар ҳолатҳои зерин чӣ кор кардан лозим аст: | Агар шартномаи шумо қатъ карда шавад? | Модули 4 |
| | Агар шумо хоҳед ба хона ба Тоҷикистон баргардед? | Модули 4 |

## Луғати истилоҳҳо доир ба муҳоҷират[1]

- **Кишвари аслӣ** - кишваре, ки манбаи ҷараёнҳои муҳоҷират мебошад (қонунӣ ё ғайриқонунӣ).
- **Эмигратсия (муҳоҷират)** - амали баромада рафтан аз як давлат бо мақсади маскан гирифтан дар кишвари дигар.
- **Озодии ҳаракат** – ин ҳуқуқи инсон аст, ки се ҷузъҳои асосиро дар бар мегирад: озодии ҳаракат дар ҳудуди кишвар[2], ҳуқуқи тарк намудани ҳар як кишвар ва ҳуқуқи бозгаштан ба кишвари худ[3].
- **Иммигратсия (муҳоҷират)** - равандест, ки тавассути он шаҳрвандони хориҷӣ ба кишвар бо мақсади сокини муқимӣ шудан ворид мешаванд.
- **Муҳоҷирати ғайриқонунӣ** – ҳаракати инсон, ки бидуни риояи меъёрҳои танзимкунандаи кишвари ирсолкунанда, транзитӣ ва қабулкунанда ҷой мегирад. Ягон таъиноти аниқ ё мақбули умум барои муҳоҷирати ғайриқонунӣ нест. Аз нуқтаи назари кишвари таъинот – ин ворид шудан, истиқомат ё кор кардан аст дар кишвар бе иҷозати зарурӣ ё бе ҳуҷҷатҳое, ки мувофиқи қонун оиди тартиби вуруд ба кишвар талаб карда мешаванд. Аз нуқтаи назари кишвари ирсолкунанда, масалан, он ҳолатҳо ғайриқонунӣ ҳисобида мешаванд, ки шахс сарҳади байналмилалиро бе шиносномаи эътиборнок ё бе ҳуҷҷати сафар мегузарад ё талаботи маъмурии тарки кишварро риоя намекунад. Аммо, тамоюле ҳаст, ки истилоҳи “муҳоҷирати ғайриқонунӣ” ва истифодаи он танҳо ба мавриди қочоқи муҳоҷирон ва савдои инсон маҳдуд карда шавад. Инчунин, нисбати муҳоҷироне, ки иҷозати лозимаи зист надоранд, истифода бурдани истилоҳи “муҳоҷири ғайриқонунӣ” ё “муҳоҷири бе ҳуҷҷат” беҳтар аст.
- **Муҳоҷирати меҳнатӣ** – ин ҳаракаткунии одамон аз як кишвар ба кишвари дигар ё дар ҳудуди кишвари истиқомати худ бо мақсади ёфтани кор. Дар аксари кишварҳо муҳоҷирати меҳнатӣ мувофиқи қонунгузории миллӣ оид ба муҳоҷират танзим карда мешавад. Илова бар ин, баъзе кишварҳо барои ба танзим даровардани муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои шаҳрвандони худ дар хориҷи кишвар фаъолона мусоидат менамоянд.
- **Муҳоҷир** – мувофиқи муқарраароти Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ), муҳоҷир ҳар як шахсе мебошад, ки ҷои зисти муқаррарии худро тарк намуда, чи дар дохили кишвар ва чи ба **тариқи** аз сарҳади байналмилалӣ гузаштан ҳаракат мекунад, новобаста аз (1) вазъи ҳуқуқӣ; (2) хусусияти ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрии ҳаракат; (3) сабабҳои ҷойивазкунӣ; ё (4) муддати будубош.
- **Муҳоҷират** – ҳаракат ва гузаштани шахс ё гурӯҳи одамон аз сарҳади байналмилалӣ ё дар дохили кишвар. Ин ҳаракати аҳолӣ аст, ки ҳама намуди ҳаракатро, новобаста аз давомнокӣ, таркиб ва сабабҳои он фаро мегирад. Ба ин ҳаракати гурезаҳо, одамони муҳоҷир карда шуда, **муҳоҷирони** иқтисодӣ ва шахсонеро, ки бо мақсадҳои дигар, аз ҷумла бо мақсади ҳамроҳшавии оилаҳо ҳаракат мекунанд, дар бар мегирад.
- **Кишвари қабулкунанда** - кишвари таъинот ё кишвари сеюм. Дар ҳолати бозгашт ё репатриатсия (*ба ватан баргардонида шудани гурезаҳо ва мухоҷирон*) - инчунин кишвари **аслӣ**. Он инчунин кишварест, ки мувофиқи қарори Президенти ин кишвар, вазорат ё парлумон ҳар сол барои қабул кардани шумораи муайяни гурезаҳо ва муҳоҷирон розӣ мешавад.

---

[1] Ин истилоҳҳои асосӣ аз глоссарий (луғати) Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ) "Истилоҳҳои асосӣ доир ба муҳоҷират" гирифта шудаанд ”

[2] Моддаи 13 (1), Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, с.1948: "Ҳар кас ҳуқуқ дорад озодона ҳаракат кунад ва ҷои истиқомати худро дар ҳудуди ҳар як давлат интихоб кунад." (Ин истилоҳҳои асосӣ аз глоссарий (луғати) Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ) "Истилоҳҳои асосӣ доир ба муҳоҷират" гирифта шудаанд.)

[3] Моддаи 13 (2), Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башар, 1948: "Ҳар кас ҳуқуқ дорад ҳар мамлакат, аз ҷумла мамлакати худро тарк кунад ва ба мамлакати худ баргардад"

**МОДУЛҲОИ ТАЪЛИМӢ**

| **Оғози кор - Муқаддима ба барномаи таълимӣ** | |
|---|---|
| Ҳадафҳои омӯзиш: | Дида бароед ки омӯзишро аз чи оғоз бояд кард ва қисматҳои гуногуни курсро аз куҷо бояд ёфт.<br>Шумо бо мақсад ва сохтори курс шинос гаштаед.<br>Бо он чизе, ки аз шумо баъд аз гузаштани курс интизоранд, шинос шудед; шумо бояд ба ин интизориҳо мувофиқат намоед |
| Натиҷаҳои омӯзиш<br>Дар охири омӯхтани ин модул шумо метавонед: | Фаҳмонда диҳед, ки тренинг кадом саволҳоро дар бар мегирад ва иштирокчиён бояд кадом қоидаҳо ва меъёрҳоро риоя намоянд |

### Чӣ тавр Дастури омӯзиши муҳоҷиронро истифода бояд кард

Ин дастур ҳамчун роҳнамои ёрирасон барои гузаронидани машғулиятҳо истифода ва инчунин ҳамчун манбаи алоҳида ва мустақили маълумот барои онҳое, ки оиди кор кардан дар хориҷа тасаввуроти дуруст доштан мехоҳанд, шуда метавонад. Ҳангоми машғулиятҳо ва омӯхтани модулҳо барои ба натиҷаҳои мусбии омӯзиш ноил шудан, маводҳои омӯзиширо, ба монанди тадқиқотҳои мавзӯӣ, викторинаҳо, омӯзиши мисолҳо ва кори гурӯҳиро дохил кардан мумкин аст.
Ин дастур барои пурра, аз аввал то охир, ҳамчун як дастури омӯзишӣ хонда баромадан пешбинӣ нашудааст; дар назар дошта шудааст, ки он манбаи иттилоотие мегардад, ки шумо ҳангоми зарурат, вақте, ки ба шумо оиди ин ё он масъала равшанӣ андохтан лозим шавад, аз рӯи он дастур машварат карда тавонед. **Бо вуҷуди ин, мо тавсия медиҳем, ки ҳама модулҳоро хонда бароед, то мушкилотҳоро, ки бо онҳо дучор шуда метавонед, беҳтар фаҳмида гиред. Ин барои он лозим аст, ки шумо ин мушкилотро дуруст ҳал карда тавонед.**

Ин дастур аз они шумост, бинобар ин шумо метавонед дар он қайдҳои худро гузоред ва он чизеро, ки ба фикри шумо, ба шумо дахл дорад, хат кашед. Пас аз хондани ҳар як бахш ё ҳатто ҳар як параграфи ин дастур, *як дақиқа вақти худро ҷудо карда чизҳои фаҳмидагиатонро нависта гиред. Қайдҳоро бо суханони худ нависед, зеро баъдтар худатон бояд ба он сарфаҳм равед*.

### Сохтори курси омӯзишӣ

Ин курси омӯзишӣ аз чаҳор модули мавзӯии зерин иборат аст:

- Муқаддима ба курси омӯзишӣ
- Модули 1. Муҳоҷирати меҳнатӣ - маълумоти умумӣ
- Модули 2. Кор дар хориҷа
- Модули 3. Кӯмаки ҳуқуқӣ
- Модули 4. Бозгашт ба хона

Дар ин чор модул диққат ба ҷанбаҳои гуногуни муҳоҷират дода мешавад. Вақти тахминӣ барои ҳар як модул ва гузаронидани машғулиятҳо оиди он модул дар поён оварда шудааст.

### Ҷадвали пешниҳодшуда барои курсҳои омӯзишӣ

Модулҳо машғулиятҳои давомнокиаш гуногунро дар бар мегиранд ва вақте, ки барои анҷом додани ҳар як модули омӯзишӣ дар барномаи таълимӣ пешбинӣ шудааст, тахминӣ мебошад. Давомнокии машғулиятро вобаста ба аудитория ва шароити мушаххас тағйир додан мумкин аст. Тренер бояд барои фаъолиятҳои интерактивӣ ба мисли кори гурӯҳӣ, бозиҳои нақшӣ ва дигар машқҳои амалӣ, вақти кофиро ба нақша гирад. Варианти тахминии дар поён овардашуда барои 3 рӯзи омӯзиш пешбинӣ шудааст. Онро бо роҳи муайян намудани афзалиятнокии мавзӯъҳои фаро гирифташуда, то як ё ду рӯз кам кардан мумкин аст. Онро инчунин барои муҳокимаи муфассалтар то ба панҷ рӯз давом додан мумкин аст.

Дар версияи онлайн, курси ДОМРПС-ро, вобаста ба натиҷаҳои имтиҳонҳо, камаш дар давоми ду соат гузаштан мумкин аст. Аммо, бо мақсади гузаронидани курси ДОМРПС, даврае, ки дар давоми он курси ДОМРПС -ро гузаштан мумкин аст, зиёдаш 10 рӯзро ташкил мекунад. Агар курс дар давоми 10 рӯз гузашта нашавад, муҳоҷири меҳнатӣ бояд омӯзишро аз аввал оғоз кунад.

**Барномаи омӯзишӣ**

| Модули | Давомнокӣ | Мазмун |
|---|---|---|
| **РӮЗИ 1** | | |
| Муқаддима ба курси омӯзиш | 30 дақиқа | Машғулияти 1: Ҳадаф ва мақсадҳои курси омӯзиш<br>Машғулияти 2: Истилоҳ ва далелҳои асосӣ<br>Машғулияти 3: Шарҳи мавзӯҳои семинар |
| Модули 1 Муҳоҷирати меҳнатӣ – маълумоти умумӣ | 2 соат | Машғулияти 1: Намудҳои муҳоҷират<br>Машғулияти 2: Системаи Кафала<br>Машғулияти 3: Бартариҳо ва мушкилоти муҳочират<br>Машғулияти 4: Муҳоҷирати бехатар |
| Саволҳо ва ҷавобҳо | 30 дақиқа | Саволҳо ва ҷавобҳо - модули 1 |
| Модули 2 Бокортаъминкунӣ дар хориҷа | 1 соат | Машғулияти 1: Бакорҷалбкунии (рекрутинг) коргарон дар Тоҷикистон барои бокортаъминкунӣ дар хориҷа<br>Системаи бакорҷалбкунӣ (рекрутинг) дар Тоҷикистон<br>Ҳуҷҷатҳо барои сафар |
| Модули 2 Бокортаъминкунӣ дар хориҷа | 1,5 соат | Машғулияти 2: Сафари шумо ба хориҷа (1) |
| **РӮЗИ 2** | | |
| Модули 2 Бокортаъминкунӣ дар хориҷа | 1 соат | Машғулияти 2: Сафари шумо ба хориҷа (1) |
| Модули 2 Бокортаъминкунӣ дар хориҷа | 2 соат | Машғулияти 3: Истиқомат дар хориҷа<br>• Кишвари таъинот<br>• Мутобиқшавии фарҳангӣ<br>• Пул ва маблағҳои пулӣ |
| Модули 2 Бокортаъминкунӣ дар хориҷа | 2 соат | Машғулияти 4: Кор дар хориҷа<br>• Шартномаи меҳнатӣ<br>• Коргарони хонагӣ |
| Саволҳо ва ҷавобҳо | 30 дақиқа | Саволҳо ва ҷавобҳо - модули 2 |
| **РӮЗИ 3** | | |
| Модули 3 Кӯмаки ҳуқуқӣ | 1.5 соат | Машғулияти 1: Мақоми қонунӣ<br>Машғулияти 2: Ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ |
| Модули 3 Кӯмаки ҳуқуқӣ | 2 соат | Машғулияти 3: Мушкилоти маъмулие, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дучор мегарданд<br>• Меҳнати маҷбурӣ<br>Машғулияти 4: Кӯмаки ҳуқуқӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ<br>• Нақши намояндагиҳои Тоҷикистон дар хориҷа<br>• Кӯмак дар ҳолатҳои фавқулодда |
| Саволҳо ва ҷавобҳо | 30 дақиқа | Саволҳо ва ҷавобҳо - модули 3 |
| Модули 4 Бозгашт ва азнавмутобиқшавӣ | 1 соат | Машғулияти 1: Алоқа бо малакати аслӣ Машғулияти 2: Бозгашт ва депортатсия<br>Машғулияти 3: Бозгашт ва азнавмутобиқшавӣ<br>Машғулияти 4: Сармоягузории маблағҳои пулӣ дар Тоҷикистон |

| | | |
|---|---|---|
| Саволҳо ва ҷавобҳо | 30 дақиқа | Саволҳо ва ҷавобҳо - модули 4 |
| Ба охир расидани тренинг | 30 дақиқа | Ба охир расидани курси таълимӣ<br>Саволҳо ва ҷавобҳо оид ба ҳама модулҳо<br>Баҳодиҳӣ |

### Манбаъҳои маълумотӣ

- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ - https://mehnat.tj
- Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа - https://mehnat.tj
- Хадамоти муҳоҷират - http://migration.tj
- Маркази захиравӣ барои муҳоҷирон - http://www.migration.tj/

## МОДУЛИ 1 МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ– МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

| | |
|---|---|
| **Ҳадафҳои омӯзиш:** | **Мусоидат намудан барои беҳтар дарк намудани равандҳо ва роҳҳои муҳоҷирати меҳнатӣ** |
| **Натиҷаҳои омӯзиш:**<br><br>**Дар охири ин модул шумо метавонед:** | - **Муайян намудани истилоҳот ва нуқтаи назар (концепсия), ки барои муҳокимаи масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ истифода мешаванд;**<br>- **Ба таври дуруст фаҳмидани ҳуқуқи озодии ҳаракат;**<br>- **Ба таври дуруст фаҳмидани системаи сарпарастӣ (спонсирование) ва хусусиятҳои он;**<br>- **Санҷида дидани роҳҳои гуногун ва қабул намудани қарори дуруст оиди он, ки оё дар ҳолати шумо, кор дар хориҷа ягон фоидае мерасонад ё не** |

## Машғулияти 1 – Намудҳои муҳоҷират

### Муҳоҷирати меҳнатӣ чист?

Муҳоҷирати меҳнатӣ маъмулан ҳамчун ҳаракати одамон аз як давлат*ба давлати дигар бо мақсади бо кор таъмин шудан дида мешавад. Муҳоҷирати меҳнатӣ ҳам муҳоҷирони кӯтоҳмуддат ва ҳам муҳоҷирон дарозмуддат ва ҳам коргарони мавсимиро дар бар мегирад. “Муҳоҷири меҳнатӣ” шахсе мебошад, ки бо фаъолияти пулакӣ дар кишваре, ки шаҳрванди он нест, машғул аст.

Бо кадом категорияҳо ва профилҳои гуногуни муҳоҷирон бояд шинос шавед? Одамон бо сабабҳои зиёд аз як ҷо ба ҷои дигар ҳаракат мекунанд. Намудҳои зерини муҳоҷирати одамон мавҷуданд:

- муҳоҷирати хориҷӣ: кӯчида рафтан ба дигар давлат, кишвар ё қитъаи замин (континент);
- муҳоҷирати бозгашт: баргаштан ба он ҷое, ки аз онҷо омадаед;
- муҳоҷирати мавсимӣ: кӯчида рафтан бо сабаби фаросии мавсими муносиб ё вобаста ба сабаби шароити иқлимӣ ё корӣ.

Байни муҳоҷирони ихтиёрӣ (дар асоси интихоби озод ва бо ташаббуси худи онҳо) ва муҳоҷирони иҷборӣ (аксар вақт дар натиҷаи истисмор) як фарқияти оддӣ вуҷуд дорад. Фарқияти дигар байни муҳоҷирони қонунӣ ва ғайриқонунӣ (онҳое, ки ба кишвар бе ҳуҷҷатҳои лозима ворид шуда, дар он ҷо мемонанд) муайян карда мешавад.

### Муҳоҷирон ба куҷо мераванд?

Дар маърӯзаи СБМ оиди муҳоҷират (СБМ, 2019) нишон дода шудааст, ки соли 2019 Аврупо ва Осиё мутаносибан 82 миллион ва 84 миллион муҳоҷирони байналмилалиро қабул кардаанд, ки 61% миқдори умумии ҷаҳонии муҳоҷирони байналмилалиро ташкил медиҳанд. Пас аз ин минтақаҳо Америкаи Шимолӣ меояд, ки соли 2019 дар онҷо қариб 59 миллион муҳоҷирони хориҷӣ, ё 22% миқдори ҷаҳонии муҳоҷирон, мавҷуд буданд. Дар муқоиса бо шумораи аҳолии ҳар як минтақа, соли 2019 ҳиссаи баландтарини муҳоҷирони хориҷӣ дар Океания, Америкаи Шимолӣ ва Аврупо буд, ки муҳоҷирони хориҷӣ мутаносибан 21%, 16% ва 11% шумораи умумии аҳолиро ташкил медоданд. Бо вуҷуди ин, дар давраи солҳои 2000-2019, афзоиши назарраси муҳоҷирон дар Осиё ба қайд гирифта шудааст - 69% (ба ҳисоби мутлақ тақрибан 34 миллион нафар)*. Дар ҳамин давра дар Аврупо афзоиши шумораи муҳоҷирони хориҷӣ, дуввумин дар бузургӣ, ба қайд гирифта шуд, ки 25 миллионро ташкил кард. Пас аз Амрикои Шимолӣ бо 18 миллион ва Африқо бо 11 миллион муҳоҷири хориҷӣ меомад.

### Чи қадар одам аз Тоҷикистон ба хориҷа меравад?

Тибқи маълумот оиди бақайдгирии вуруд ва баромади шаҳрвандон аз сарҳади давлатӣ дар соли 2020, дар шароити пандемияи COVID-19 ва бастани сарҳадҳо, 129 807 муҳоҷири меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишвар ба хориҷа рафтанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба 401,076 нафар кам шудааст (4,1 маротиба камтар). Аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ 117 912 нафар ба

Федератсияи Россия ва 4574 нафар ба Ҷумҳурии Қазоқистон рафтанд.

Ҳамзамон, дар ин давра 217 999 муҳоҷири меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвар баргаштанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 268 650 нафар (2,2 маротиба) камтар аст (тибқи омори ҶТ).

Яке аз вазифаҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ба даст овардани имкониятҳои бештар барои муҳоҷирати расмӣ ё қонунӣ, ба мисли муҳоҷирати меҳнатӣ, барои ҳалли мушкилот бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ мебошад.

### Кӣ муҳоҷират карда метавонад?

*Ҳар як инсон барои озодона аз ҷое ба ҷое рафтан ҳуқуқ дорад*. Бо вуҷуди ин, ҳуқуқи сафар ба хориҷа одатан бо мавҷуд будани шиносномаи эътиборнок, раводиди эътиборнок ва иҷозати сафар ба хориҷа вобаста аст. Дар аксар мавридҳо, **барои ворид шудан ба кишвари дигар муҳоҷирон бояд барои гирифтани раводид мурочиат кунанд**. Барои гирифтани раводид муҳоҷирон бояд аз якчанд намуди санҷишҳо гузаранд (яъне онҳо бояд шаҳодатномаи муоинаи тиббӣ, шартномаи меҳнатии эътиборнок, шаҳодатнома оиди надоштани доғи судӣ дошта бошанд). Онҳо, вобаста ба гурӯҳе, ки ба он тааллуқ доранд, бояд ба меъёрҳои муайяни воридшавӣ мувофиқат намоянд.

Бо дарназардошти шароити реҷаи бераводиди Тоҷикистон, бахусус бо Федератсияи Россия ва Қазоқистон, ҳамчун кишварҳои асосии таъиноти муҳоҷирони меҳнатӣ, мавҷуд будани раводид лозим нест. Вале ҳамзамон, шартҳои кишварҳои қабулкунанда оид ба мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои муайян бояд риоя карда шаванд.

### Барои чи одамон ба кишварҳои дигар муҳоҷират мекунанд?

Сабабҳои зиёде ҳастанд, ки одамон мехоҳанд аз як ҷой ба ҷои дигар кӯчида раванд. Инҳо метавонанд сабабҳои **иқтисодӣ** (бекорӣ, норасоии қувваи корӣ, маоши кам), **иҷтимоӣ** (набудани хизматрасонии гуногун, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат) ва ё **экологӣ** бошанд. Ба муҳоҷират одатан омилҳои пешбаранда ва ҷалбкунанда таъсир мерасонанд. Омилҳои пешбаранда – сабабҳое мебошанд, ки боиси қабул кардани қарор оиди кӯчидан мегарданд (масалан, кор нест). Аз дигар тараф, омилҳои ҷалбкунанда интизориҳое мебошанд, ки одамонро ба ҷои нав ҷалб мекунанд (пешниҳоди кор, мавҷудияти хешовандони наздик, хоҳиши сафар кардан ва ғайра).

### Давраҳои гуногуни муҳоҷират, ки аз онҳо бояд гузаред, кадомҳоянд?

Давраи муҳоҷират марҳилаҳои гуногуни ҷараёни муҳоҷиратро дар бар мегирад, аз он ҷумла ба сафар баромадан, дар баъзе ҳолатҳо гузашти транзитӣ аз ягон кишвар, муҳоҷират ба давлати таъинот ва бозгашт ба Тоҷикистон. Дар поён баъзе мушкилотҳое оварда шудаанд, ки дар марҳилаҳои гуногуни муҳоҷират ба вуҷуд омада метавонанд.

Надоштани имконият барои баргардондани қарз

Аҳамияти сармоягузории дарозмуддат дарк карда карда намешавад.

Дастгирии сусти инфрасохторӣ дар Тоҷикистонв

Барои ёфтани кор, барои гирифтани раводид ва аҳуҷҷатҳои гуногун шумо бояд пул пардохт кунед.

Талаб кардани ҳаққи барзиёд аз тарафи агентҳо ё агентиҳои рекрутингӣ

Тобеияти қарзӣ




Вазъияти номуайяни иқтисодӣ

Вақти кории беҳад зиёд

Шароити хеле вазнини кор

Маош дер дода мешавад ва ё пурра пардохт карда намешавад

Ҳисси ҷудогузорӣ, бегонагӣ, табъиз ва бепаноҳӣ

Истисмор ва муносибати бераҳмона аз тарафи қочоқчиён (одамҷаллобон)

Таҳдиди қурбонии одамҷаллобон шудан, таҳдиди ошкор, боздошт ва депортатсия шудан.

## Машғулияти 2 – Системаи дастгирии сарпарастӣ

### Оё кишварҳо метавонанд шумораи муҳоҷирони воридшуда истодаро маҳдуд кунанд?

Ҳуқуқи умумӣ барои вуруди хориҷиён ба дигар кишвар нест. Давлатҳои хориҷӣ метавонанд ҳуқуқи ворид шудан ва кор кардани шаҳрвандони хориҷиро дар қаламрави худ ба танзим дароранд ё маҳдуд кунанд. Вақте ки сухан дар бораи дастрас будани бозори меҳнат ба коргарони хонагӣ меравад, ҳуҷҷатҳои гуногуни танзимкунанда татбиқ карда шуда метавонанд. Ин инчунин ба коргароне, ки дар асоси шартнома кор мекунанд, коромӯзон, ба коргарони дар рухсатӣ буда, ва инчунин ба коргарон дар бахшҳои муайяни иқтисод низ дахл дорад. **Системаи махсуси таъмини дастрасии хориҷиён ба бозори меҳнат — ин системаи сарпарастӣ (спонсорӣ) намудани бокортаъминкунии онҳо мебошад.**

### Барои чӣ он системаи сарпарастӣ (спонсорӣ) намудани бокортаъминкунӣ номида мешавад?

Инро "Системаи сарпарастӣ (спонсорӣ) намудани бокортаъминкунӣ" меноманд, чунки тибқи ин система корфармоён бояд хароҷотҳоро вобаста ба гирифтани раводид, парвоз ва дигар хароҷотҳоро вобаста ба овардани коргарон ба кишвар сарпарастӣ/пардохт кунанд. Феълан, ин ба корфармоён ҳуқуқ медиҳад, ки вазъи ҳуқуқии коргарро муайян кунанд. Барои корфармо, ин кафолати он мебошад, ки коргарон пеш аз ба охир расидани мӯҳлати шартнома баромада намераванд.

Дар бисёр кишварҳо, ба монанди Малайзия, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ё Сингапур оид ба қабули муҳоҷирони меҳнатӣ ба кишвар, оиди ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, вобаста ба малакаҳои касбӣ, тахассус ва соҳаи фаъолият, қоидаҳои қатъӣ ҷорӣ карда шуда истодаанд. Маъмулан, ба коргарони хориҷӣ барои кор кардан танҳо барои он корфармо ва аз рӯи он касбе, ки дар иҷозатномаи корашон нишон дода шудааст, иҷозат дода мешавад. Қатъи фаъолияти кории коргари хориҷӣ боиси қатъи бетаъхири иҷозатномаи кор мешавад ва дар ин сурат муҳоҷири меҳнатӣ бояд аз кишвари таъинот баромада равад.

Яке аз системаҳои сарпарастӣ, ки ба қаринаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон бештар хос аст, ин системаи «Кафала» мебошад. Системаи Кафала системаест, ки барои назорат кардани муҳоҷирони меҳнатӣ, ки асосан дар соҳаҳои сохтмон ва маишӣ дар аъзокишварҳои Шӯрои ҳамкории давлатҳои

Халиҷи Форс ва чанд кишвари ҳамсоя, хусусан Баҳрайн, Кувайт, Лубнон, Қатар, Уммон, Арабистони Саудӣ ва Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) кор мекунанд, истифода мешавад.

Мувофиқи ин система талаб карда мешавад, ки ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ бояд дар дохили кишвар сарпараст (спонсор) дошта бошанд. Одатан сарпараст (спонсор) корфармои онҳо мебошад, ки барои гирифтани раводид ва мақоми ҳуқуқии онҳо ҷавобгар мебошад. Аммо инчунин онро бояд ба назар гирифт, ки ин таҷриба ба танқиди созмонҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дучор шуд, чунки ин таҷриба барои истисмори коргарон имкониятҳои осон фароҳам меоварад — бисёр корфармоён шиносномаҳои коргарони худро мегиранд ва аз ҳолати онҳо сӯиистифода мекунанд, ки имкониятҳои ҳуқуқии онҳоро кам мекунад.

## Машғулияти 3 – Бартариҳо ва мушкилоти муҳоҷират

### *Дар хориҷа кор карда, чиро ба даст меоред?*

Шаҳрвандони Тоҷикистон бо сабабҳои зиёд дар хориҷи кишвар кор меҷӯянд. Баъзеҳо мехоҳанд пули бештар ба даст оранд, дигарон мехоҳанд малакаҳои касбии худро ба кор баранд ё дар муҳити дигар зиндагӣ кунанд.

Инҷо чанд бартариҳое оварда шудаанд, ки ҳангоми дар хориҷа кор кардан ба даст оварда метавонед:

- гирифтани маоши баландтар ва имконияти фиристодани пул ба хона (набояд дар бораи хароҷотҳои иловагӣ фаромӯш кард, масалан дар бораи хароҷот барои зиндагӣ кардан);
- имкониятҳои бо кор таъмин шудан, агар дар Тоҷикистон пайдо кардани кор душвор бошад;
- таҷрибаи корӣ, ки дар ҷараёни инкишофи муҳити кор дар кишвари дигар ба даст оварда мешавад;
- инкишофи шахсӣ, ки дар натиҷаи бартараф кардани душвориҳои гуногуне, ки шумо дар хориҷа дучор мешавед, ба даст меояд;
- вусъат додани муҳити касбии худ;
- сатҳи баландтари зиндагӣ;
- имконияти ба хона фиристодани пул барои таъмини амнияти молиявии оила, ки дар хона мондааст;
- имкониятҳои зиёдтар барои худи шумо ва аъзоёни оилаи шумо барои гирифтани кӯмаки тиббӣ ва табобат ва ё барои гирифтани маълумоти олӣ.

### Мушкилоти асосие, ки ҳангоми дар хориҷи кишвар зиндагӣ ва кор кардан, бо он дучор мешавед?

Истиқомат ва кор кардан дар хориҷа инчунин бо баъзе хароҷотҳо вобастаанд, ки боиси баъзе тағйиротҳо дар ҳаёти шумо мегардад. Инҷо баъзе мушкилоти эҳтимолие оварда шудааст, ки дар хориҷа дучор шуда метавонед:

- хароҷотҳои хеле калон - сафар ба хориҷа на танҳо пардохти пули комиссиониро барои бокортаъминкунӣ дар назар дорад, балки инчунин хароҷотҳоро вобаста ба гирифтани шиноснома, раводид, иҷозати сафар кардан ба хориҷа, гузаштани муоинаи тиббӣ, суғуртакунӣ;
- ҳалли масъалаҳо, ки ба қонунҳо ва расму қоидаҳои маҳаллӣ вобастаанд;
- гум кардан ё суст шудани алоқа бо оила, дӯстон ва муҳити шумо. Масофаи дур, эҳтимол ба муносибатҳои кунунии шумо таъсир расонад ва пайдо кардани дӯстони нав душвор буда метавонад.
- оилаи дар хона монда, эҳтимол аз интиқолҳоии пулии шумо вобаста мегардад;
- дар ақиб мондани меъёрҳои одатшудаи фарҳангӣ, урфу одатҳои динӣ ва системаҳои дастгирии иҷтимоӣ;
- мушкилоти эҳтимолӣ вобаста бо саломатӣ, аз ҷумла мушкилоти равонӣ (психологӣ), ба монанди депрессия ва пазмоншавӣ барои хона ва оила.

### Хавфҳое, ки бо вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ вобастаанд

Хавфҳое асосие, ки бо вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ вобастаанд, инҳоянд:

- эҳтимоли зиёд аст, ки корфармоён ба муҳоҷирони меҳнатӣ бо беҳурматӣ рафтор мекунанд ё онҳо

бисёртар ба муносибати таҳқиромез ё обрӯпасткунӣ аз ҷониби корфармоён, нисбат ба коргарони оддӣ, дучор мегарданд;
- кор ва шароити кории бо фаъолияти меҳнатии муҳоҷирон вобаста, метавонад боиси мушкилот бо саломатӣ гардад;
- баъзе корфармоён озодии ҳаракати коргарони худ ва, мутаносибан, имконияти онҳоро барои мулоқот намудан бо дӯстон ва нигоҳ доштани робитаҳои иҷтимоии худ, маҳдуд мекунанд. Маҳдудияти иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ метавонад мушкилоти саломатиро афзунтар гардонад;
- истисмори меҳнатӣ, хусусан нисбати онҳое, ки вазъи ғайриқонунӣ доранд;
- низоми ҳуқуқӣ дар бисёр кишварҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ, аксар вақт бинобар миллат ва мақоми муҳоҷиратии онҳо, ҳимояи кофӣ таъмин намекунад.

### Оё бо муҳоҷирон дар кишварҳои таъинот хуб муносибат мекунанд?

Тавре ки маълум мешавад, дар бисёре аз кишварҳои қабулкунанда аҳолӣ нисбат ба муҳоҷирони меҳнатӣ ба таври манфӣ муносибат менамояд. Аксар вақт муҳоҷирони меҳнатӣ ба табъиз дучор мешаванд, ки он метавонад ба онҳо фишори зиёд оварда ба ҳаёти иҷтимоӣ ва саломатии онҳо таъсир расонад.

**Агар ба шумо, оиди ягон масъалаҳои дар боло зикршуда, шарҳ додан лозим ояд, шумо метавонед бо МЗМ ҳар вақт тавассути почтаи электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ё телефон тамос гиред.** Шумо инчунин метавонед барои навигариҳои мунтазам аккаунтҳои иҷтимоии МЗМ -ро дида бароед.

## Машғулияти 4 – Муҳоҷирати бехатар

Ҳангоми ба таври қонунӣ ба муҳоҷирати меҳнати рафтан, ҳуқуқҳои шумо ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ, пас аз он, ки аз Тоҷикистон дар ҷустуҷӯи кор ба хориҷи кишвар меравед, ҳифз карда мешаванд. Муҳоҷирати бехатар ҳаракати қонунӣ ва инчунин баланд бардоштани сатҳи огоҳиро оиди хавфҳое, ки бо равандҳои муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва хатарҳое, ки бо савдои одамон вобастаанд, дар назар дорад.

### Шаклҳои гуногуни одамҷалбкунии ғайриқонунӣ, ки аз тарафи одамҷалбкунандагони ғайрирасмӣ истифода мешаванд, чи гунаанд?

Одамҷалбкунандагони ғайрирасмӣ дар кӯшиши фиреб додан ва аз осебпазирии шумо истифода бурдан рӯз ба рӯз моҳиртар шуда истодаанд. **Ҳушёр бошед ва маслиҳатҳои моро риоя карда, худро эҳтиёт кунед, то фиреб нахӯред.**

### Ҷалбкунандагони ғайриқонунӣ ҳар касро ҳадафи худ итихоб карда метавонанд

Ҷалбкунандагони ғайриқонунӣ ҳама гуна одамонро, аз ҳар синну сол ва бо ҳар гуна сатҳи даромад, саросари Тоҷикистон ҳадафи худ интихоб менамоянд. Ягон гурӯҳи одамоне нест, ки эҳтимоли зиёдтари қурбонии онҳо шудан дорад; ҳар яки мо метавонем ягон вақт осебпазир гардем. Ҷалбкунандагони ғайриқонунӣ ба мақсади худ муваффақ мешаванд, чунки онҳо чун одамони меҳрубон ва ростқавл ба назар мерасанд ва шуморо ногаҳон, дар ғафлат ёфта, ба мақсади худ мерасанд.

### Аломатҳои изтиробовар

- Шахсе / агентие, ки ба шумо ваъда медиҳад, ки дар хориҷа шумо ҳатман соҳиби даромад ё кори хуб мешавед; тарзе рафтор мекунад, ки гӯё роҳи кӯтоҳтари **қонуниро барои анҷом додани ҳама тартибу қоидаҳо медонад, ё ки бо одамони лозима алоқаи хуб дорад**. Ба он пешниҳодҳо оиди кор, ки онҳо бо ташаббуси худ, бе ягон дархост аз тарафи шумо, пешниҳод мекунанд, бовар накунед.
- Шахсе / агентӣ аз шумо талаб мекунад, ки барои гирифтани маълумоти муфассалтар дар бораи кор **пул пардохт кунед**. То ҳоле, ки аввал маълумотро дар бораи хизматрасониҳо ва хароҷотҳои дохилшуда, ки аз тарафи корфармоён дар хориҷа пардохт мешаванд, дониста нагиред, ҳеҷ пул надиҳед. Маълумоти иловагиро дар бораи пардохтҳои зарурӣ дар сомонаи МЗМ https://https://www.mrc-tajikistan.org пайдо кардан мумкин аст.

- Шахс / агентӣ ба шумо маълумотро барои тамос, ба мисли рақами кӯча ва хона надода, танҳо рақами қуттии почта ё суроғаи почтаи электрониро медиҳад. Ба корфармо ё ширкате, ки рақами кӯча ва манзилро нишон намедиҳад, сарукор накунед; баъдан, вақте, ки зарур мешавад, онҳоро ёфтан ё бо онҳо тамос гирифтан душвор хоҳад буд.
- Аз шумо хоҳиш мекунанд, ки аз номи шахси дигар пул равон кунед. Ин метавонад бо «шустани пул»[4] алоқаманд бошад. Кӯшиш кунед ки бо шахсоне, ки пардохтани пулро тавассути интиқоли пулӣ, интиқоли бонкӣ ё асъори электронӣ талаб мекунад, сарукор надошта бошед. Баргардонидани маблағҳои бо ин роҳ фиристодашуда феълан ғайриимкон аст.

## Худро ҳифз намоед

- Омода бошед, ки **ҷалбкунандагони ғайриқонунӣ** ҳастанд. Ҳангоми сарукор доштан бо тамосҳои одамон ё агентиҳое, ки онҳоро даъват накардаед, хоҳ шахсан ва хоҳ тавассути сомонаи шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳамеша дар хотир доред, ки ин эҳтимол қаллобӣ ё фиребгарӣ бошад. Дар хотир доред, ки агар ягон пешниҳод хеле хуб ба назар мерасад, вале аз ҳақиқат дур аст, пас ин яқинан чунин аст. **Эътимоднокии агентии рекрутингиро, ки шумо бо он сарукор доштан мехоҳед, санҷида бинед.** Аз онҳо иҷозатномаро барои фаъолият оиди бокортаъминкунии шаҳрвандон дар хориҷа, ки аз тарафи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дода мешавад, талаб намоед. Эҳтиёт бошед ва аз сарукор доштан бо агентие, ки ба қайд гирифта нашудааст ва ё қайди он эътибор надошта бошад, худдорӣ кунед. **Агар шубҳа дошта бошед, ҳар вақт метавонед пеш аз ба хориҷа рафтан, тавассути почтаи электронӣ ё телефон бо Маркази машваратӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ тамос гиред.**
- Бо кӣ сарукор доштанатонро фаҳмида гиред! Агар шумо бо касе танҳо ба тарзи онлайн вохӯрда бошед ё агар шумо ба қонунӣ будани ин тиҷорат боварӣ надошта бошед, шитоб накунед ва кӯшиш кунед, ки дар бораи он шахс ё агентӣ каме бештар маълумот пайдо кунед. Хоҳиш кунед, ки тавсияи дигар одамонро, ки аз хизматрасонии ин агент ё ширкат истифода бурдаанд, пешниҳод кунанд ва кӯшиш кунед бо онҳо тамос гиред.
- Ҳеҷ гоҳ ба **фиристодани пул** барои ягон каси дигар розӣ нашавед - ин «шустани пул» аст ва ин ҷиноят аст.

## Пешниҳодҳои қаллобона оиди кор ва бокортаъминкунӣ

Ҷалбкунандагони ғайриқонунӣ бо шумо тамос гирифта роҳи бехавф ва боэътимоди бокортаъминкуниро ё усули зуд ва ҳатман ёфтани корро дар хориҷи кишвар, бе риоя кардани маҳдудиятҳо ва монеаҳои қонунӣ, пешниҳод мекунанд.

Дар инҷо танҳо якчанд роҳҳое оварда шудаанд, ки ҷалбкунандагони ғайриқонунӣ истифода бурла метавонанд:

- Сафар кардан аз кишвар ҳамчун сайёҳ барои кор кардан дар хориҷа - роҳи зудтар ва арзонтар барои гирифтани раводид, назар ба гирифтани раводиди корӣ ва иҷозатнома барои кор аст.Дар хотир доред, ки бо истифодаи раводиди сайёҳӣ шумо осебпазир мегардед ва метавонед қурбонии сӯиистифодаҳои меҳнатӣ шавед! **Эҳтиёт бошед ва ба ягон намудҳои дигари раводид ба ҷои раводиди корӣ розӣ нашавед**. Ин вайронкунии қонун аст ва дар кишвари таъинот ҷиноят ҳисобида мешавад.
- Иштироки «пардапӯш» (ниҳонӣ) дар конфронсҳо, чорабиниҳои динӣ, чорабиниҳои варзишӣ, сафарҳои омӯзишӣ, зиёратҳо ва фаъолиятҳои бо он вобаста. **Эҳтиёт бошед, ва бе ягон фармони корӣ ё шартномаи меҳнатии эътиборнок ба ягон шартҳо розӣ нашавед.** Аз агентии рекрутингӣ хоҳиш кунед, ки ба шумо мактуби дархостӣ ва ваколатномаро аз номи корфармои хориҷӣ нишон диҳанд.
- Нақшаи «донишҷӯ-коргар» ё «таҷрибаомӯз-коргар»: донишҷӯён гӯё, ки тавассути барномаи таҷрибаомӯзӣ сафар мекунанд. Эҳтиёт бошед ва бо марказҳои таълимӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, ки дар хориҷа кор ваъда медиҳанд, сарукор накунед.

[4] *қонунӣ гардондани даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноӣ ба даст оварда шудаанд*

Ҷалбкунандагони ғайриқонунӣ ба осонӣ **ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр карда метавонанд**. Баъзеҳо ба мисли аслӣ ба назар менамоянд, лекин баъзеҳояш аломатҳои шубҳанок дошта метавонанд, ба монанди муроҷиати шахсӣ не, балки умумӣ, номи ташкилотҳое, ки вуҷуд надоранд, хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ.

Тарҳи ҳуҷҷатҳо, ба монанди хатсайрҳои парвоз ва шартномаҳои меҳнатӣ оддӣ ва содда аст. Ин маънои онро дорад, ки ҷалбкунандагони ғайриқонунӣ метавонанд ба осонӣ, бо истифода аз маълумоти дар интернет мавҷудбуда, ба монанди логотипи ширкатҳо ва тасвирҳои графикӣ аз вебсомонаҳо, ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр кунанд.

Шумо бояд аз шаклҳои зерини ҷалби ғайриқонунӣ бо истифода аз ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё мукотиба огоҳ бошед:

- Аз рӯи мукотиба – ҷалбкунандагон, бо истифодаи пешниҳодҳои қалбакӣ оиди бокортаъминкунӣ, номзадҳоро тавассути почтаи электронӣ даъват мекунанд, ки талаботҳои бо кор таъминкунӣ ва таъиноти корро риоя намоянд.
- Рекламаи “номаълум” (рекламае, ки дар он номи ширкат ё маҳсулот нишон дода намешавад) – ин эълонҳои қаллобӣ ва гумроҳкунандае мебошанд, ки имкониятҳои бокортаъминкуниро ваъда медиҳанд.

**Агар ба шумо оиди ягон масъалаҳои дар боло зикргардида маълумоти бештар лозим бошад, шумо метавонед пеш аз рафтан, ҳар вақт, тавассути почтаи электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ё телефон бо Маркази машварат ва омӯзиш барои муҳоҷирони меҳнатӣ тамос гиред.**

Дар хотир нигоҳ доред, ки муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба кишвари хориҷӣ амали ғайриқонунӣ буда, боиси ҷазои сахт мегардад.

Қайдҳои худро дар ин ҷо бинависед

## Худро санҷед

Барои санҷишро супорида ба модули навбатӣ гузаштан шумо бояд камаш ба 6 савол ҷавоби дуруст диҳед.

| | |
|---|---|
| **Саволи 1. Бакорҷалбкунандагони ғайриқонунӣ ҳамчун ҳадафи худ одамонро бо сатҳи гуногуни маълумот ва тахассус, ҳамаи синну сол ва сатҳи гуногуни даромад интихоб менамоянд.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 2. Муҳоҷири меҳнатӣ ин шахсест, ки дар кишваре, ки шаҳрванди он нест, бо фаъолияти пулакӣ машғул аст.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 3. Дар аксар ҳолатҳо муҳоҷирон барои ворид шудан ба кишвари дигар, бояд барои раводид муроҷиат намоянд.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 4. Муҳоҷирони меҳнатӣ бо эҳтимоли зиёд ба беҳурматӣ ва муомилаи бад ё паст задани шаъну шарафи аз тарафи корфармоёни худ, нисбат ба коргарони оддӣ, бештар дучор мегарданд.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 5. Дар Тоҷикистон шаҳодатномаи бақайдгирӣ ба агентиҳои рекрутингӣ аз тарафи Хадамоти муҳоҷират назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дода мешавад.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 6. Беҳтар аст, ки бо агентие ки ба қайд гирифта нашудааст, ё ки қайди он эътибор надорад, сару кор надошта бошед .** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 7. Дар Малайзия, Ҷопон, Корея ё Сингапур нисбати иҷозат додани вуруди муҳоҷирони меҳнатӣ қоидаҳои сахт ҷорӣ шуда истодаанд.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 8. Рафтан аз кишвар, ҳамчун сайёҳ бо мақсади кор кардан дар хориҷа, қонуншиканӣ аст ва дар кишвари таъинот ҷиноят ҳисобида мешавад.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 9. Ягон мушкиле нест, агар шумо барои шахси дигар пул гузаронидани розӣ шавед.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 10. Бакорҷалбкунандагони ғайриқонунӣ метавонанд ба осонӣ ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр намоянд.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |

## Захираҳои маълумотдиҳӣ

**Муҳоҷирати меҳнатӣ**

- СВМ, Ҳисобот оиди муҳоҷират , 2019; Ҳисобот оиди муҳоҷират дар сатҳи ҷаҳонӣ, 2020 https://publications.iom.int/books/world-migration-report-2020
- Созмони миллали муттаҳид, Департамент оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, шӯъбаи аҳолӣ (2019). Ҳисобот оид ба муҳоҷирати байналмиллалӣ, 2019

**Сомонаҳои фоиданок**

- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ- www.mehnat.tj
- Маркази захиравӣ барои муҳоҷирон - https://www.mrc-tajikistan.org

## МОДУЛИ 2 БОКОРТАЪМИНКУНӢ ДАР ХОРИҶА

| **Ҳадафҳои омӯзиш:** | **Гирифтани маълумоти воқеӣ оиди омода шудан ба сафар** |
|---|---|
| **Натиҷаҳои омӯзиш:**<br>**Дар охири ин модул шумо метавонед:** | - **Марҳалаҳои гуногуни давраи бакорҷалбкуниро дар Тоҷикистон фаҳмонда диҳед**<br>- **Аз давраи гирифтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ гузаред**<br>- **Донед, ки дар ҳолати вайрон кардани тартиботи бакорҷалбкунӣ (рекрутинг) чӣ кор кардан лозим аст**<br>- **Ба тартиботи фурудгоҳ сарфаҳм равед**<br>- **Оиди мӯҳити атроф, ки бо он ҳангоми кор ва зиндагӣ кардан дар кишвари бегона дучор мегардед, тасаввуроти умумӣ дошта бошед**<br>- **Ба роҳҳои гуногуни ирсол намудани интиқолҳои пулӣ сарфаҳи равед ва донед ки онҳоро чӣ тавр истифода бурдан лозим аст** |

### Машғулияти 1 – Системаи рекрутинг дар Тоҷикистон

Шумо чи тавр дар хориҷа кор меҷӯед?

Шаҳрванди Тоҷикистон метавонад тавассути агентии рекрутингии ба қайд гирифташуда ё бевосита тавассути корфармои хориҷӣ дар хориҷа кор пайдо кунад. Корро дар хориҷа метавонед бо роҳҳои зерин ҷустуҷӯ кунед:

- тавассути агентиҳои рекрутингии хусусӣ, ки лисензия (иҷозатномаи) Хадамоти муҳоҷиратро оид ба бокортаъминкунӣ дар хориҷа доранд,
- тавассути муассисаҳои давлатӣ, ки инчунин лисензияи (иҷозатномаи) Хадамоти муҳоҷиратро доранд,
- бевосита тавассути корфармои хориҷӣ ё бо тавсияи аъзоёни оила / дӯстон.

Манбаҳои қонуниро ҷӯед ва танҳо бо як манбаъ қонеъ нагардед, зеро дар ҳар якеи ин манбаъҳо ҷойҳои корӣ аз ширкатҳо ё кишварҳои муайян номбар карда мешаванд. Ба ҷойҳои корие, ки миёнаравҳо (агентҳои ғайрирасмӣ) ё субагентҳо (ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар кишварҳои таъинот ҷойгиранд) пешниҳод мекунанд, диққат диҳед.

Чӣ тавр оиди агентиҳои кадрӣ (рекрутингӣ) ё имкониятҳои бокортаъминкунии қонунӣ маълумот гирифтан мумкин аст? Чӣ тавр ба онҳо муроҷиат кардан мешавад?

Агентиҳои кадрӣ (рекрутингӣ) — ин шахсони воқеӣ ё корпоратсияҳое мебошанд, ки барои ҷалб ва киро кардани коргарон дар кишварҳои дигар ваколатдоранд. Тибқи муқаррароти меъёрии ҷорӣ, агентиҳои ҷалбкунанда бояд лисензия (иҷозатномаи) Хадамоти муҳоҷират дошта бошанд. Шумо бояд танҳо тавассути агентиҳои кадрӣ (рекрутингӣ), ки аз ҷониби Хадамоти муҳоҷират ба қайд гирифта шудаанд ва лисензия (иҷозатномаи) онро доранд, муроҷиат кунед.

Ҳангоми интихоби агентӣ, шумо бояд дар хотир нигоҳ доред, ки шумо аз ин агентӣ оиди бисёр хизматрасониҳо, аз ҷумла гирифтани раводид ё дигар ҳуҷҷатҳо барои истиқомат, сафар, манзил ва гирифтани маълумот оиди хусусияти кор ба он агентӣ вобаста мегардед. Аз ин рӯ, ҳангоми интихоби агентии рекрутингӣ (кадрӣ) —и дуруст, ба шумо ҳама дастгирӣ ва роҳнамоие, ки дар инҷо гирифта метавонед, лозим мегардад.

Мутаассифона, **бaъзе агентиҳои рекрутингии беинсоф мавҷуданд** ва дар ин ҷо баъзе аломатҳои таҷрибаҳои нодурусти рекрутингӣ оварда шудаанд. Донистани ин аломатҳо ба шумо кӯмак мерасонад, ки ин гуна агентиҳоро муайян намоед ва аз сарукор доштан бо онҳо худдорӣ намоед. Инчунин дар инҷо оиди якчанд роҳҳои истифода бурдани имкониятҳои худ барои сарукор доштан бо агентии лозима хонед:

- Ба намояндаи агентӣ савол диҳед, масалан: Шумо чанд сол боз бо ин тиҷорат машғулед? Агар ӯ ҷавоб надиҳад ё ҷавоби норавшан ва номуайян диҳад, ин баъзан метавонад аломати огаҳӣ

бошад.

- Аз агентӣ пурсед, ки тавсияҳоро пешниҳод намояд. Ба он бояд маълумоти тамос дохил карда шуда бошад, то шумо ба онҷо занг зада тавонед ва лозим бошад, саволҳои иловагӣ диҳед. Ба агентие, ки коргаронро дар марказҳои савдо, боғҳо, тарабхонаҳо, хонаҳо ва ҷойҳои дигаре, ки суроғаи расмӣ ё бақайдгирифташудаи он нест, киро мекунад, бовар накунед.
- Агар агентии рекрутингие, ки шумо бо он сарукор доред, кӯшиш кунад, **ки аз пардохти қонунӣ маблағи зиёдтар талаб кунад**, бояд ҳушёр бошед. Инчунин, агар агентӣ расид (квитансия) ё ҳисобнома-фактура надиҳад, ё, агар диҳад ҳам, он дар шакли оддӣ ва муқаррарӣ аст ва дар он тафсилоти лозима, ба монанди суроға, рақами мушаххаси андозсупоранда, иҷозатнома ё рақами бақайдгирӣ ва ғайра нест, бехтараш ба ҷои дигар муроҷиат кунед.
- Агар маълум шавад, ки мушовири агентӣ оиди он ҷои корие, ки ба шумо пешниҳод мекунад, чандон маълумоти кофӣ надорад, ин метавонад нишони он бошад, ки агентии рекрутингӣ ҳеҷ ягон пешниҳоди корӣ надорад. Эҳтиёт бошед, вақте ки агентӣ маълумоти дуруст намедиҳад ё раванди ба кор кирокунӣ ё бокортаъминкуниро ба таври муфассал фаҳмонда намедиҳад ё вақте, ки онҳо аз ҷавоб ё маълумот додан саркашӣ мекунанд.
- Агар мушовири агентӣ гӯяд, ки дар **резюмеи худ дар бораи фаъолияти касбии худ гапи дурӯғ гуфтан** ҳеҷ бадӣ надорад, аз ин агентӣ баромада равед. Ин метавонад боиси мушкилоти зиёде дар ҷои кори шумо гардад. Ғайр аз ин, ин аз рӯи одоб нест ва дар баъзе ҳолатҳо ин метавонад ҷиноят ҳисобида шавад. Ҳамзамон, эҳтиёт шавед, агар дар агентӣ ба шумо оиди маълумот, инчунин оиди малакаҳои касбӣ ва доираи салоҳияти шумо савол намедиҳанд ё онро санҷида намебинанд, ва ҳар як дархосткунандаро, агар маблағи лозимаро пардохт кунад, қабул менамоянд.
- Барои кор кардан дар он соҳа ё касб розӣ шавед, ки ба шумо ҷолиб аст ва шуморо қаноатманд мекунад. **Шартҳои ҳадди аққалиеро**, ки ба қабули онҳо омодаед, аз аввал аниқ муайян намоед. Нагузоред, ки шуморо ба қабули чизе, ки аз интизориҳоятон камтар бошад, розӣ кунонанд. Агар ба шумо коре пешниҳод кунанд, ки аз он чизе, ки умедвор будед, пасттар аст, фикр накунед, ки шумо ҳатман бояд онро қабул кунед.
- Худбоварии барзиёди онҳо, ки шуморо ҳатман бо кор таъмин мекунанд ё боварикунониҳои онҳо, ки бо **мансабдорони олирутба** ё шахсони салоҳиятдор шиносоӣ доранд, ин як аломати аниқи он аст, ки усули кории онҳо аз одоб берун аст. Агентиҳоеро ҷӯед, ки аз аввал ҳалолкор бошанд. Шумо бояд ҳамеша эҳсос кунед, ки шумо бо агентӣ муносибати хуб доред ва онҳо ҳамеша ба манфиати шумо кор мекунанд.
- Ба агентӣ ё шахсе, ки ба шумо маслиҳат медиҳад, ки ба муассисаҳои салоҳиятдори давлатӣ муроҷиат накарда, танҳо бо онҳо сарукор дошта бошед ё ба шумо ваъда медиҳанд, ки бо истифода аз раводиди сайёҳӣ ё меҳмонӣ раванди супоридани дархостро оиди ба кор қабулкунӣ метезонанд, бовар накунед.

Агар ба шумо дар бораи яке аз масъалаҳои дар боло зикршуда равшанӣ андохтан лозим шавад, шумо метавонед ҳар вақт бо **Маркази машваратдиҳӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз ба хориҷа рафтан тавассути почтаи электронӣ ё телефон тамос гиред**.

## Раванди бакорҷалбкунӣ (рекрутинг)

Корро дар хориҷа метавонед тавассути агентиҳо оид ба рекрутинг (агентиҳои давлатӣ ё хусусӣ) ё мустақилона пайдо кунед.

**Раванди муҳоҷират тавассути агентиҳои рекрутингӣ аз марҳилаҳои зерин иборат аст:**

| Давраи раванди бакорҷалбкунӣ | Ҳуҷҷатҳо |
|---|---|
| **Бадастовардани ҳуҷҷатҳое, ки шахсиятро тасдиқ менамоянд** | Шаҳодатномаи шахсии миллӣ<br>Шиноснома |
| **Рухсатнома барои кор/дархости корфармои** | Мактуб-дархост/супоришнома барои кор |

| | |
|---|---|
| **хориҷӣ**<br>Корфармо ва агентии рекрутингӣ мактуб-дархост равон мекунад | Шартнома ё мактуб – тасдиқнома оид бокортаъминкунӣ дар хориҷа |
| **Интихоби коргарон**<br>Агентии хусусии бокортаъминкунӣ (АХБ) оиди ҷойҳои корҳои холӣ эълон медиҳад (рақами ҷои кор, намуди кор, маош, ва инчунин дигар шартҳо ва қоидаҳо);<br>Гузаронидани мусоҳиба ва интихоби номзадҳо<br>АХБ аз номи корфармо шартномаи меҳнатиро тайёр мекунад | Шаҳодатномаи шахсии миллӣ / Шиноснома<br>Диплом (шаҳодатнома оиди малакаҳои касбӣ)<br>Нархи хизматрасонии АХБ |
| Супоридани тести тиббӣ | Маълумотномаи тиббӣ |
| **Имзо кардани шартнома**<br>Шартнома аз тарафи коргар азТоҷикистон имзо карда мешавад | Шартнома оиди кор дар хориҷа |
| **Муроҷиат намудан барои раводиди корӣ/гирифтани раводид ва чиптаи сафар** | Пардохти маблағ барои раводид.<br>Ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани раводиди корӣ лозиманд<br>Нақлиёти байналмиллалӣ - чиптаҳо |

### Меъёрҳои интихоб аз чӣ иборатанд?

Меъёрҳои маъмулии интихоби муҳоҷирони меҳнатӣ стандарти муайяни малака, тахассус ва таҷрибаро дар бар мегиранд. Дар муҳоҷирати меҳнатӣ на ҳамеша танҳо коргарони баландихтисос лозиманд - аксари корфармоён коргарони хориҷиро барои кор кардан аз рӯи касбҳои миёна ва пастихтисос меҷӯянд. Баъзеҳо ҳатто ҳадди ниҳоии тахассусиро талаб намекунанд.

### Чораҳои эҳтиётӣ

- Бори дигар аниқ кунед, ки агентии рекрутингӣ чи қадар пул талаб мекунад; пурсед, ки кадом хароҷотҳоро корфармои хориҷӣ пардохт мекунад, (хароҷотҳо вобаста ба гирифтани раводид, иҷозатномаи кор, чиптаҳои ҳавопаймо);
- Талаб кунед, ки ба шумо ҳуҷҷати хаттӣ диҳанд (шартномаи хизматрасонӣ / шартномаи меҳнатӣ).
- Пеш аз бастани шартномаи меҳнатӣ, боварӣ ҳосил кунед, ки ҳамаи шартҳои он ба шумо фаҳмо мебошанд;
- Аниқ кунед, ки оё дар шартномаи меҳнатӣ намуди коре, ки онро бояд иҷро кунед, пешбинӣ шудааст ё не.
- Ҳеҷ гоҳ ба варақаҳои холӣ имзо нагузоред.
- **Ба ҳуҷҷатҳо шахсан худатон имзо гузоред.** Нагузоред, ки агентҳо аз номи шумо варақаҳоро имзо кунанд. Бо ин шумо худро дар кишвари таъинот зери хатар мегузоред, ҳангоме ки мақомоти муҳоҷират мувофиқат накардани ин имзоҳоро бо имзои дар шиносномаи шумо буда ошкор мекунанд.

### Дар сурати вайрон кардани тартиби қабул ба кор чӣ бояд кард?

- Шикоятро аз болои агентиҳо оид ба рекрутинг ба яке аз ин муассисаҳо равон кардан мумкин аст:
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ - http://www.mehnat.tj/
- Хадамоти муҳоҷират - http://www.migration.tj/
- Вазорати корҳои хориҷӣ - https://www.mfa.tj

### Ҳуҷҷатҳо барои бокортаъминкунӣ дар хориҷа

Агар шумо тасмим гирифтаед, ки барои кор кардан ба хориҷа меравед, пас шумо аллакай дар ин самт баъзе корҳоро кардаед. Ҷамъ намудан ва ба таври қонунӣ тасдиқ кардани ҳамаи ҳуҷҷатҳои лозима - ин як қадами муҳим аст.

Дида бароед, ки кадом ҳуҷҷатҳоро шумо аллакай доред. Боварӣ ҳосил кунед, ки ҳуҷҷатҳо «лентаи сурх» / сертификат, тасдиқи аслӣ будани ҳуҷҷатҳо ё верификатсия доранд, то мӯътақид бошед, ки ин ҳуҷҷатҳо дар кишвари таъинот эътиборнок дониста мешаванд. Одатан «лентаи сурх» барои ҳуҷҷатҳо дар Вазорати корҳои хориҷӣ https://www.mfa.tj тартиб дода мешавад.

Рӯйхати санҷишии ҳуҷҷатҳои шумо (он ҳуҷҷатҳое, ки пеш аз тарк кардани Тоҷикистон бояд гирифта шаванд).

| | Алакай гирифта шудааст ✓ | Ҳоло не | Санаи тахминии гирифтан |
|---|---|---|---|
| Шиноснома шаҳрвандӣ | | | |
| Шаҳодатномаи ақди никоҳ | | | |
| Ҳуҷҷад оиди тасдиқ намудани шаҳрвандӣ – шиносномаи хориҷӣ | | | |
| Шаҳодатнома оиди надоштани доғи судӣ | | | |
| Ҳуҷҷатҳо оиди маълумот ва тахассус – диплом, сертификатҳо ва ғайра | | | |
| Ҳуҷҷатҳо оиди бокортаъминкунӣ дар хориҷа – Шартномаи меҳнатӣ ва раводиди корӣ | | | |
| Раводиди корӣ | | | |
| Шаҳодатномаи ронандагӣ, агар чунин вуҷуд дошта бошад ва агар барои корфармои шумо лозим бошад | | | |
| Маълумотномаи тиббӣ | | | |
| Суғуртаи тиббӣ | | | |

**Барои гирифтани маълумоти бештар оиди ҳуҷҷатҳо, ба монанди шаҳодатномаи таваллуд, шаҳодатномаи ақди никоҳ, шиноснома, маълумотнома оиди надоштани доғи судӣ, шаҳодатномаи маълумот ва малакаҳои касбӣ ва инчунин дар бораи роҳи қонунии ба даст овардани онҳо, ба сомонаи МЗМ https://www.mrc-tajikistan.org гузаред**

Лутфан дар хотир доред, ки дар бисёр кишварҳо дар ҳолатҳои зерин ҷазои ҷиноӣ ё маъмурӣ пешбинӣ шудааст:

- барои шахсоне, ки ҳуҷҷатҳои қалбакӣ истифода мебаранд (масалан, истифода аз ҳуҷҷати сафар/ ё ҳуҷҷатҳои қалбакии тасдиқкунандаи шахсият ва дигар ҳуҷатҳои қалбакӣ барои вуруди ғайриқонунӣ ба кишвари таъинот).
- барои истифодаи ҳуҷҷатҳо, барои тасдиқи дархостҳои қалбакӣ оид ба додани ҳуҷҷатҳои аслии сафар, раводид ё тамдиди иҷозат барои истиқомат дар кишвари таъинот (ҳуҷҷатҳои аслии сафар/раводид/шаҳодатномаи миллии тасдиқи шахсият ва ғайра, ки бо роҳи қаллобӣ ба даст оварда шудаанд).
- тайёр кардан ё истифода бурдани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ҷинояти вазнин аст. Фиреб ва қаллобӣ ин роҳи рост ба суд, додгоҳ ва аксар вақт ба зиндон аст. **Эҳтиёт бошед ва ҳеҷ гоҳ ба истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ розӣ нашавед.** Агар шубҳа дошта бошед, ҳуҷҷатҳо ба осонӣ аз тарафи муассисаи, ки ин ҳуҷҷатро додааст, тафтиш ва тасдиқ карда шуда метавонанд.

Гирифтани нусхаи контракт (шартнома) ҳанӯз ҳангоми дар Тоҷикистон будан

Агентиҳо оид ба рекрутинг бояд нусхаи шартномаи меҳнатиро ба корманде, ки ба кор қабул карда мешавад, ҳануз пеш аз сафари ӯ диҳанд. Кӯшиш кунед, ки нусхаи шартномаи меҳнатии худро (ё пешниҳодро оид бокортаъминкунӣ) на дертар аз 5 рӯз пеш аз парвоз гиред, на дар фурудгоҳ, рост пеш аз ба сафар баромадан. Дар баъзе кишварҳо, коркунони хадамоти муҳоҷират пеш аз ба шумо иҷозати тарки кишвар додан, доштани нусхаи шартномаи меҳнатиро талаб мекунанд.

Аз болои агентиҳое, ки ӯҳдадориҳои худро иҷро намекунанд, ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ шикоят кардан мумкин аст.

## Кадом намуди раводид ба шумо лозим аст?

Намудҳои бисёри раводидҳои гуногун мавҷуданд. Боварӣ ҳосил кунед, ки шумо фарқиятро байни раводидҳо мефаҳмед ва медонед, ки кадом навъи раводид ба шумо лозим аст. Дар кишвари дигар бо раводиди сайёҳӣ ба таври қонунӣ кор карда наметавонед. Ҳар як кишвар равандҳои худро барои додани **РАВОДИДИ КОРӢ** ба шаҳрвандони Тоҷикистон дорад. Лутфан, саросема нашавед ва маълумотро дар сомонаи сафорати кишвари таъинот барои гирифтани раводид дида бароед ва инчунин ҷавобҳоро ба саволҳои аз ҳама бештар додашуда аз назар гузаронед.

**Дар хотир доред: муҳим аст, ки ба кишвари таъинот бо раводиде, ки ҳадафи будубоши шуморо аниқ инъикос мекунад, ворид шавед.**

## Раводиди корӣ

Агар шумо ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани раводид супорида бошед, шумо метавонед рафти баррасии раводиди худро дар сомона дида бароед. Шумо метавонед ҳолати баррасии раводиди худро дар сомонаҳои зерин бо ворид кардани рақами раводид ё рақами шиносномаи худ дида бароед.

| Мамлкат | Сомона |
|---|---|
| КОРЕЯИ ҶАНУБӢ | http://www.moel.go.kr/english |
| ГЕРМАНИЯ | https://www.germany.info/us-en/service |
| ЛАҲИСТОН/ПОЛША | https://mfa.tj/en/main/country/pl |
| ИМА | https://tj.usembassy.gov/visas/ |
| КАНАДА | https://www.kazakhstan.gc.ca/2 |
| ТУРКИЯ | https://www.konsolosluk.gov.tr/VisaInfo/Index |
| ҚАТАР | https://eservices.moi.gov.qa/eservices-portal/ |
| АМОРАТИ МУТТАҲИДАИ АРАБ | http://www.moi.gov.ae/ |

Дар хотир нигоҳ доред, ки дар рафти интизорӣ барои тасдиқ шудани раводид аз ҷониби кишвари қабулкунанда таъхирҳо ба вуҷуд меоянд (дар баъзе ҳолатҳо тасдиқи раводид то якуним сол ба таъхир афтода буд).

Дар поён нусхаҳои намудҳои гуногуни раводид оварда шудаанд.







## Мӯҳлати эътибори раводид то кай аст?

Мӯҳлати эътибори раводид дар худи раводид якҷоя бо санаи додани он нишон дода мешавад. Аз мӯҳлати эътибори раводиди худ зиёд наистед, вагарна баъди баргаштан эҳтимоли ба душвории зиёд

дучор шудан аст. Фикр накунед, ки мӯҳлати раводиди шумо дароз ё барқарор карда мешавад, зеро барои ин дар баъзе кишварҳо эҳтимол иҷозат дода шудааст, вале на ҳамеша имконпазир аст. Беҳтар аст, ки мӯҳлати раводиди худро пешакӣ тамдид диҳед.

### Раводиди ройгон

Танҳо корфармоён ва миёнаравони беинсоф барои ба даст овардани даромад аз фурӯши раводид, фиребҳои қаллобонаро бо "раводиди ройгон" истифода мебаранд. Дар асл, "раводиди кории ройгон" вуҷуд надорад.

Муҳоҷироне, ки ба кишвари таъинот бо "раводиди ройгон" меоянд, одатан маҷбуранд худашон аз корфармо кор пайдо кунанд ва ба спонсоре, ки дар раводиди онҳо нишон дода шудааст, ҳар моҳ пул пардохт кунанд. Дар аксари мавридҳо, агар маълум гардад, ки коргар бо шахси дигар, на бо спонсори худ кор мекунад, ин коргар ба Тоҷикистон баргардонида мешавад.

**Оқибатҳои қаллобӣ бо "раводиди ройгон":**

- дар тӯли чанд моҳ кор/маош нест
- муҳоҷирони бекор аз тарафи полисияи маҳаллӣ дастгир карда мешаванд.
- муҳоҷири меҳнатӣ зери хатари боздошт ва сипас депортатсия шудан аст
- муҳоҷири меҳнатиро маҷбур мекунанд, ки шартномаи навро бо маоши хеле паст ва бо шароити бадтари кор имзо кунад.

Агар ба шумо оиди яке аз масъалаҳои дар боло зикршуда равшанӣ андохтан лозим ояд, шумо метавонед ҳар вақт тавассути почтаи электронӣ ё бо телефон бо Марказҳои машваратдиҳӣ ва омӯзиши муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз сафар тамос гиред. Шумо инчунин метавонед шабакаҳои иҷтимоии марказро барои навигариҳои мунтазам хабар гирифта истед.

### **Хариду фурӯши раводидҳо чист? Хариду фурӯши раводидҳо ба спонсорон барои чи лозим аст?**

Хариду фурӯши раводид ҳолатест, ки муҳоҷир барои кор ё барои мансаби муайян спонсорӣ карда мешавад. Баъд аз омадан ба кишвари таъинот, муҳоҷири меҳнатӣ дар асл дигар корро иҷро мекунад. Сабаб дар он аст, ки спонсор раводиди он коргарро ба таври ғайрирасмӣ бо дигар спонсор "иваз" кардааст ё "фурӯхтааст" ва акнун коргар ба таври ғайрирасмӣ ба он спонсор тобеъ мегардад.

Фарқияти асосӣ байни хариду фурӯши раводид ва муҳоҷирати маъмулии ғайриқонунӣ дар он аст, ки дар доираи хариду фурӯши раводид, муҳоҷири меҳнатӣ бо ҳуҷҷатҳои мувофиқ ва бо раводиди мувофиқ ба кишвари таъинот ворид мешавад, аммо баъдан ба «бозори сиёҳ» (бозори ғайрирасмӣ) меафтад.

### Чораҳои эҳтиётӣ

Танҳо худи раводид ба шумо имкон намедиҳад, ки ба кишвари таъинот ворид шавед. Виза танҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки сафорат ё консулгарӣ аризаи шуморо баррасӣ кардааст ва корманди дахлдор муайян кардааст, ки шумо барои вуруд ба мақсади муайян ҳуқуқ доред. **Бояд дар хотир дошт, ки ҳангоми ворид шудан ба кишвари таъинот корманди хадамоти маҳаллии муҳоҷират додани иҷозати вуруд ва мӯҳлати дар ин кишвар монданро муайян мекунад.**

### **Ҳуҷҷатҳо барои кор кардан дар хориҷа**

Рӯйхати санҷишии ҳуҷҷатҳои шумо (ҳуҷҷатҳое, ки онҳоро баъд аз ба кишвари таъинот омадан гирифтан лозим аст):

| | |
|---|---|
| | **Дар бораи ин хонед** |

| | |
|---|---|
| Далели вуруд ва мақоми қонунии шумо – қайд оиди вуруд/баромад дар шиносномаи шумо | |
| Иҷозат барои истиқомат/мӯҳр | |
| Иҷозат барои кор (агар онро пеш аз баромада рафтани шумо аз Тоҷикистон дархост кардагӣ набошанд) | |
| Суғуртаи тиббӣ (агар он пеш аз сафари шумо аз Тоҷикистон дархост нашуда бошад) | |
| Рақами бақайдгирӣ (рақами бақайдгирии шахси хориҷӣ дар системаи суғуртаи иҷтимоӣ) | |
| Шаҳодатномаи ронандагии шакли маҳаллӣ | |

**Бокортаъминкунии донишҷӯён**

Дар баъзе кишварҳо ба донишҷӯён имконият дода мешавад, ки бидуни иҷозати кор доштан, пас аз машғулиятҳо дар бастҳои рӯзона ё шабона кор кунанд. Ба ин намуди шуғл таҷрибаомӯзӣ, намудҳои гуногуни кори иловагӣ (дар бахши хизматрасонӣ, сайёҳӣ ва ғайра), кор оид ба лоиҳаҳои илмӣ, кори дурдаст ва ғайра дохил мешаванд.

Пеш аз қабул кардани қарор оиди кор кардан, донишҷӯёни хориҷӣ бояд аввал бо қонунгузорӣ оиди бокортаъминкунӣ донишҷӯёни хориҷӣ дар кишвари қабулкунанда шинос шаванд.

Дар аввали соли 2020, дар Федератсияи Россия, масалан, Думаи давлатӣ қонунро оиди бокортаъминкунии донишҷӯёни хориҷӣ дар Федератсияи Россияро бидуни иҷозати махсус қабул кард. Ба қонуни федералӣ “Дар бораи мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Федератсияи Россия” тағйирот ворид карда шуд.

Тибқи қонунгузории амалкунанда хориҷиёне, ки аз рӯи барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Россия таҳсил мекунанд, ҳуқуқ доранд, бидуни иҷозатномаи кор, дар вақти аз таҳсил холӣ, дар ташкилотҳои таълимӣ, ки онҷо таҳсил мекунанд, дар иттиҳодияҳои хоҷагӣ ё ширикӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои таълимии буҷавӣ ё худмухтори ҷои таҳсили онҳо таъсис дода шудаанд, кор кунанд. Илова бар ин, хориҷиёне, ки дар шӯъбаи рӯзона таҳсил мекунанд, танҳо дар асоси иҷозатномаи кор, ки тибқи рӯйхати ихтисоршудаи ҳуҷҷатҳо ва бе назардошти квота барои додани иҷозатномаи дахлдор дода мешавад, ҳуқуқи кор кардан доранд.

Мо тавсия медиҳем, ки пеш аз қабул кардани қарор оиди кор кардан, бо қонунгузории кишвари қабулкунандаи худ оид ба шуғли донишҷӯёни хориҷӣ шинос шавед.

*Далели вуруд ва мақоми қонунӣ – қайд оиди вуруд/баромад дар шиносномаи шумо*

Ҳангоми вуруд ба кишвари таъинот корманди хадамоти сарҳадӣ ё муҳоҷират шиноснома ва раводиди шуморо тафтиш мекунад ва сипас барои ворид шудан ба ин кишвар дар шиносномаи шумо мӯҳр мегузорад ё корти хурдакаке медиҳад. Дар он нишон дода мешавад, ки ба шумо то кай дар кишвари таъинот мондан иҷозат дода мешавад ва он далели он мебошад, ки шумо ба ин кишвар ба таври қонунӣ ворид шудаед. Дар хотир нигоҳ доред, ки агар шумо далели онро, ки ба кишвари таъинот ба таври қонунӣ ворид шудаед, пешниҳод карда натавонед, мақомоти маҳаллӣ вуруди шуморо ғайриқонунӣ меҳисобанд. Дар баъзе ҳолатҳо, ин метавонад боиси ихроҷи маҷбурии (депортасияи) шумо гардад.

*Иҷозат барои истиқомат / мӯҳр*

Иҷозат барои истиқомат ё мӯҳр дар шиноснома барои коргароне, ки дар ҷои кор зиндагӣ мекунанд, далели он мебошад, ки шаҳрванди хориҷӣ иҷозатномаи истиқомати муваққатӣ дар кишвари таъинот дорад. Онҳое, ки иҷозат барои истиқомат/мӯҳр дар шиноснома доранд, метавонанд дар кишвари таъинот ба таври қонунӣ, то мӯҳлати эътибор доштани раводиди худ, зиндагӣ ва кор кунанд.

Иҷозатнома барои кор чист? Оё он ба шумо лозим аст? Онро аз куҷо гирифта метавонед? Иҷозатномаи кор ин додани ҳуқуқ барои кор кардан дар кишвари таъинот мебошад. Ариза барои гирифтани иҷозат барои кор одатан якҷоя бо дархост барои гирифтани раводид дода мешавад ва инро дар Тоҷикистон кардан лозим аст.

Одатан, барои дархост намудан барои гирифтани иҷозати кор агент оид ба рекрутинг (бакорҷалбкунӣ) масъул аст. Аз агент пурсед, ки нархи он чанд пул аст ва онро кӣ пардохт мекунад - шумо ё корфармо/агент оиди ба ҷалбкунии кадрҳо. Дар МЗМ ё муассисаи давлатӣ ба шумо маълумоти муфассалтар дода, кӯмак карда метавонанд.

Дар поён нусхаҳои иҷозатнома барои кор/истиқомат, ки барои кор кардан дар хориҷа лозиманд, оварда шудаанд.







### Мӯҳлати иҷозатномаи шумо барои истиқомат бо шартномаи меҳнатии шумо вобаста аст.

Дар асоси раводиди шумо ва иҷозатнома барои кор, мақомоти давлатии кишвари таъинот ба шумо иҷозатномаро барои истиқомат медиҳанд, ки одатан ба мӯҳлати шартномаи меҳнатӣ вобаста аст. Ҳамин тариқ, иҷозатнома барои истиқомат зиёдаш то ба мӯҳлати ниҳоии шартномаи меҳнатии шумо эътибор дорад, ва онро пас аз тамдиди шартномаи меҳнатӣ ва раводиди корӣ, инчунин тамдид додан мумкин аст.

### *Суғуртаи тиббӣ (агар он пеш аз рафтан аз Тоҷикистон дархост шуда набошад).*

Нақшаҳои суғуртаи тиббӣ барои пардохти хароҷоти тиббии ғайричашмдошт, ки дар натиҷаи садамаҳои ногаҳонӣ, фалокат ё бемориҳо ба вуҷуд меоянд, пешбинӣ шудаанд. **Маълумоти муфассалтарро дар ин бора метавонед дар сомонаи МЗМ:**
**https://www.mrc-tajikistan.org/ ё дар сомонаҳои ширкатҳои суғуртавӣ хонед.**

### *Рақами бақайдгирии суғуртаи иҷтимоӣ (рақами бақайдгирии шаҳрванди хориҷӣ).*

Дар баъзе кишварҳо мақомоти маҳаллӣ ба мусофирон рақами идентификатсионӣ медиҳанд. Ба ҳар як муҳоҷир рақами муайяни мушаххас дода мешавад, ки бо ин рақам ӯ метавонад аз таърихи фаъолияти кории худ назорат барад, бо бонк алоқа намояд ё андозҳоро супорад.

### Шаҳодатномаи ронандагии миллӣ

Дар аксари ҳолатҳо, шумо бояд шаҳодатномаи ронандагии худро дар давоми 6 моҳ пас аз ба кишвари таъинот омадан иваз намоед. Барои гирифтани маълумоти бештар ба нишонии зерин гузаред: https://www.muhojir.info/news/314

## Машғулияти 2 – Сафари шумо ба хориҷа

### Рӯйхати санҷишӣ пеш аз рафтан

Пас аз он ки шумо барои кор ба хориҷа рафтан тасмим гирифтед, шумо эҳтимол як рӯйхати муфассали корҳоеро, ки онҳоро иҷро кардан лозим аст, тартиб додаед. Дар айни замон, шумо аллакай корҳои зеринро анҷом додед:

| КАДОМ ВАҚТ | ЧӢ БОЯД КАРД | Алакай карда шудааст |
|---|---|---|
| 6-4 моҳ пеш аз рафтан ба хориҷа | Омӯхтани забон, агар ин барои кори шумо дар кишвари нави таъинот лозим бошад | |
| | Чораҳои лозима бинед, ки шиносномаи эътиборнок дар даст дошта бошед. | |
| | Бо талабот оиди ҳуҷҷатҳо барои кишваре ки онҷо меравед, шинос шавед, аз он ҷумла бо тартиботи муҳоҷирӣ. | |
| 3 моҳ пеш аз рафтан ба хориҷа | Алоқа намудан бо агентии рекрутингӣ ва ё корфармои хориҷӣ. | |
| | Фаҳмида гиред, ки оё шумо барои хизматрасонии тиббӣ дар мамалакате, ки ба онҷо меравед, ҳуқуқ доред, ё не. | |
| | Фаҳмида гиред ки оё пеш аз рафтан аз кишвар шумо бояд ягон эм (прививка) гузаронед ё не. Агар ҳамин тавр бошад, ба духтур муроҷиат намоед. | |
| | Аз духтур ва дантисти худ нусхаи дафтарчаҳои тиббиро гиред. | |

Акнун вақти он расидааст, ки рӯйхати корҳоеро, ки бояд иҷро кунед, тартиб диҳед. Дар нақшаи умумие, ки дар поён оварда шудааст, ҳама корҳои муҳим нишон дода шудааст, ки бояд дар давоми ду моҳи оянда анҷом диҳед:

| КАДОМ ВАҚТ | ЧИ КОР КАРДАН ДАРКОР | Санҷида бинед |
|---|---|---|
| 2 моҳ пеш аз ба хориҷа рафтан | Ҳамаи ҳуҷҷатҳоро, вобаста ба сафари шумо, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳои шахсӣ, мактубҳо ва расидҳоро дар як ҷо ҷамъ карда монед. | |
| | Агар шумо ба кишвари таъинот рафтани бошед, пеш аз сафар тест супоред | |
| | Шартномаи меҳнатии худро имзо намуда, баргардонед. Шумо бояд нусхаи шартномаи меҳнатиро ҳам бо имзои худ ва ҳам бо имзои корфармои хориҷии бо худ дошта бошед. | |
| | Барои гирифтани раводид/иҷозат барои кор муроҷиат намоед. Ҳатман барои раводиди КОРӢ муроҷиат намоед. | |
| | Пардохтҳои лозимаро супоред. | |
| 1 моҳ пеш аз рафтан ба хориҷа | Чиптаҳои ҳавопаймоии рейси худро тасдиқ намоед. | |
| | Доштани раводид ва мувофиқат намуданро бо талаботҳои лозима ҳангоми ворид шудан ба кишвар тасдиқ намоед. | |
| | Бо қонунҳои маҳаллӣ оиди меҳнат, шароити зандагӣ ва кор дар кишвари таъинот шинос шавед. | |
| | Ҳамаи андозҳоро вобаста ба сафар, боҷҳои гумрукӣ ва дигар боҷҳоро, аз рӯи зарурат, пардохт намоед | |
| | Бори худро бастан гиред. Шумо бояд меъёрҳои гузарондан ва таркиби бағоҷро донед (дар бораи ашёҳое, ки барои гузарондан дар ҳавопаймо ва барои ворид намудан ба кишвари таъинот манъ шудаанд, ва ғайра, дар ёд доред). | |
| | Ба бонки худ муроҷиат намоед ва ба онҳо хабар диҳед ки шумо ба хориҷа рафта истодаед. | |
| | Суратҳисоби бонкии худро бинед ва фаҳмида гиред, ки чӣ қадар пули нақдро бо худ гирифта метавонед. Ҳама ҳисобҳои андозӣ ва бонкиро ба тартиб оред: пардохти қарзҳо, ҳисоботҳо ва хизматрансонии пардохтнашуда, рӯзғори оила, пасандоз намудани пул барои оянда ва ғайра. | |

| | | |
|---|---|---|
| | Китобчаи моро оиди омода шудан ба хориҷа, хонда бароед. | |
| 1 ҳафта пеш аз рафтан ба хориҷа | Шумо бояд раводиди эътиборнок дошта бошед. | |
| | Нусхаҳои аслии ҳама ҳуҷҷатҳои лозимаро омода намоед (шиноснома, раводид, шартномаи меҳнатӣ, иҷозатнома барои кор ва ё мактуби корфармо, шаҳодатномаи ронандагӣ, шаҳодатномаи шахсӣ, маълумотномаи тиббӣ ва таъиноти тиббӣ, шаҳодатнома оиди ваксинаи гузарондашуда, диплом оиди маълумот ва тахассус). | |
| | Роҳи худро аз фурудгоҳ то ҷойи кор фаҳмида гиред. | |
| | Оиди тартиби пайваст намудани телефони мобилии худ ба роуминг фаҳмида гиред. | |
| | Нақшаи муҳоҷиратро якҷои бо оила омода намоед (аз он ҷумла стратегияи бозгашт ва азнавмутобиқшавӣ). | |
| | Ба оила ва дустони худ нишонии нави худро хабар диҳед. | |
| | Ба оилаи худ ваколатномаи махсус ё иҷозатномаро барои ҳал намудани масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки ҳангоми дар хориҷа будани шумо пайдо шуда метавонад, тайёр карда монед. | |
| | Бори дигар китобчаи моро оиди омода шудан ба сафар ба хориҷа хонда бароед. | |

*Ҳама ҳуҷҷатҳои заруриро дар як папка ҷамъ карда монед*

Аз ҳама ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки бо худ гирифта мебаред, якчанд нусха тайёр карда монед. Яктогӣ нусха аз ҳар як ҳуҷҷат ба аъзои оила ё дӯсти худ, ки ба ӯ бовар мекунед, диҳед. Инчунин онҳоро дар диск скан карда монед ва ё ба ҷои бехатар бо дастрасии рақамӣ зеркашӣ карда гиред. Ҳуҷҷатҳои муҳим ин шиноснома, раводид, шартномаи меҳнатӣ, иҷозатнома барои кор ё мактуб аз корфармо, шаҳодатномаи ронандагӣ, шаҳодатномаи шахсият, шаҳодатномаи тиббӣ ва таъиноти (доруҳати) духтур, шаҳодатнома оиди ваксинаҳои гирифташуда, диплом оиди маълумот ва инчунин маълумот барои тамос гирифтан дар ҳолатҳои фавқулодда дар кишвари нави истиқомати шумо: рақамҳо барои зангҳои фаврӣ, рақами агентии рекрутингӣ, рақами корфармо, сафорат ё консулгарии Тоҷикистон.

*Мавҷуд будани чиптаҳои ҳавопаймо / санаи парвозро тасдиқ кунед*

Агар шумо ба воситаи агентии рекрутингӣ ба хориҷа сафар кунед, пас агентӣ эҳтимол ба тартиб овардани ҷанбаҳои ташкилии сафари шуморо бар дӯши худ мегирад.

Масъалаҳоро бо суратҳисобҳои бонкии худ ва андозҳо ҳал карда монед

Кӯшиш намоед, ки пеш аз ба сафар баромадан ҳама андозҳо ва пардохтҳоро барои хизматрасонии ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон пардохт карда монед.

*Бо қонунҳо ва қоидаҳои маҳаллӣ, ки дар кишвари таъинот амал мекунанд, шинос шавед.*

Маълумотро дар бораи қонунҳои меҳнатии маҳаллӣ, шароити кор ва зиндагӣ дар кишвари таъинот дар сомонаи МЗМ ([https://https://www.mrc-tajikistan.org](https://https://www.mrc-tajikistan.org)) ёфта метавонед. Дар инҷо инчунин метавонед нашрияҳои истинодиро дар бораи кишварҳои асосии таъинот пайдо кунед. Онҳоро хонед, то барои ба хориҷа рафтан омода шавед.

Инчунин маълумотро дар бораи вазъи бехатарӣ ё ҳолатҳои фавқулодда дар кишвари таъинот хонед. Инҳо метавонанд паёмҳое бошанд, ки оиди вазъи амниятӣ (корпартоиҳо, бесарусомониҳои шаҳрвандӣ, эътирозҳо), оиди таҳдидҳо ба саломатӣ (хуруҷи бемориҳо) ва инчунин оиди тағйироти назаррас дар муносибат бо Тоҷикистон огоҳ менамоянд. Ба рӯйдодҳои ҷаҳон ва ахбори байналмилалӣ диққат диҳед ва ин маълумотро мунтазам нав карда истед.

## БОРУ БАҒОҶИ ХУДРО ҶАМЪ ВА ОМОДА НАМОЕД

Бор бастан — ин кори шахсии ҳар як кас аст, аммо тавсия медиҳем, ки шумо рӯйхати пешниҳодкардаи моро ба инобат гиред. Пеш аз ба хулосае омадан, ки ба рӯйхат кадом чизҳоро дохил кардан лозим аст, ҳатман фаҳмида гиред, ки кадом ашёро дар кишвари таъинот ёфтан осон аст ва кадомашро не.

Рӯйхати санҷиширо тайёр кунед, то дилпур бошед, ки ҳеҷ чизро фаромӯш накардаед. **Ҷой карда бастани чизҳои худро ба лаҳзаи охирон намонед.** Агар рӯйхати чизҳоеро, ки ҳамроҳи худатон гирифтан лозим аст, ақаллан як ё ду рӯз пеш аз парвоз/сафар тартиб диҳед, хотирҷамътар мешавед. Баъдан ҳамаи чизҳоро ба ҷомадон ё борхалтаи худ мегузоред.

Дар ҳар як ашёи бағоҷ номи худ ва суроғаи почтаи электронии худ ё рақами телефонро, ки тавассути он бо шумо тамос гирифтан мумкин аст, нишон дода монед, барои мабодо, агар шумо аз дигарон ақиб монед.

| ДАР КУҶО | ЧӢ | Санҷида бинед |
|---|---|---|
| БАҒОҶИ ДАСТИ ШУМО | **Ҳама ҳуҷҷатҳои сафарии худро дар як ҷойи дастрас нигоҳ доред.** | |
| | Шиноснома, раводид ва чиптаи ҳавопаймо/поезд. | |
| | Либос/ашёи шахсӣ барои ду рӯз дар ҳоле, агар бағоҷи бақайдгирифтаи шумо гум шавад | |
| | Пули нақд (маблағи кофӣ барои он ки онро дар фурудгоҳ/истгоҳи роҳи оҳан/автовокзал мубодила карда ба ҷойи таъиноти худ расида тавонед), ва инчунин, пули нақд барои хароҷотҳои шахсии худ ақалан барои 1 моҳи зиндагӣ дар кишвари нав дар ҳоле, агар ба шумо фавран баъд аз омадан маош надиҳанд. | |
| | Корти суғуртаи тиббӣ | |
| | Нусхаҳои ҳуҷҷатҳои шумо, аз он ҷумла шартномаи меҳнатӣ ва иҷозат барои кор | |
| | Маълумот барои тамос, аз он ҷумла рақами телефонҳо, нишонии почтаи электронӣ ва нишонии воқеии шахсони зерин:<br>• Корфармои шумо (аз он ҷумла харитаи ҷойгиршавии корхонаи ӯ)<br>• Агентии рекрутингии шумо дар Тоҷикистон<br>• Сафоратхонаи Тоҷикистон дар ин кишвар ва рақами телефонҳо барои ҳолатҳои таъҷилӣ<br>• Аъзоёни оила ва рафиқон | |
| | Маълумоти тиббӣ, аз он ҷумла рӯйхати таъиноти тиббӣ, таасури аллергӣ ва гурӯҳи хун | |
| | Миёнбанд барои нигоҳ доштани пул ва ҳамёни хурд барои пули нақд ва кортҳои кредитӣ, то онро дар дохили либос гирифта гаштан тавонед. | |
| | Дастгоҳҳои электронӣ: соат, телефони мобилӣ, пуркунандаи барқ/адаптер | |
| | Таъиноти тиббӣ барои як моҳ ё зиёдтар, як ҷуфт айнаки иловагӣ. | |
| | Маводҳои хӯрока барои истеъмол намудан ҳангоми сафар, ба ғайр аз мева ва сабзавоти тару тоза, хӯрокиҳои гуштӣ, панир, ки ворид намудани онҳо ба кишвари таъинот, ки онҷо меравед, иҷозат дода нашудааст (танҳо агар шумо онро дар ҳавопаймо истеъмол мекардагӣ бошед—барои ин беҳтараш мева ва сабзавоти тару тоза дошта бошед!). | |
| БАҒОҶИ | **Ҳеҷ вақт чизҳои қимматбаҳо ва ҷавоҳиротро ба бағоҷи бақайдгирифташуда нагузоред.** | |

| | | |
|---|---|---|
| | Либос барои якчанд рӯз, ки онро дар ҷойи кор ба бар менамоед ва баъдан онро таҳ карда барои рӯзҳои хунуктар гирифта мондан мешавад ва, агар зарур бошад, онро бо даст шуста тавонед (на дар химчистка) | |
| | Либоси таг ва ҷӯробҳоро, вобаста ба боду ҳаво, бо худ гиред | |
| | Либос барои ҳавои гарм/хунук агар тағйироти мавсимӣ дар назар дошта шуда бошад | |
| | Як либоси ороста (ки барои талаботи кори шумо мувофиқат мекунад) | |
| | Як комплект либоси боло бо капюшон | |
| | Ду ҷуфт либоси хоб | |
| | Туфли бо як ҷуфт кроссовки | |
| | Либос барои оббозӣ, шляпа ва пойафзоли резинӣ (сланси) барои ҳаммом | |
| | Сачоқи ҳаҷмаш миёна ва мочалкаи хурд | |
| | Лавозимоти гигиенӣ, шона ва воситаҳои саршуӣ ва инчунин лавозимоти махсус, ки ба шумо лозим аст (тампон, риштарошаки махсус, дезодорантҳо) | |
| | Аптечка, аз он ҷумла, қошчинак ва лавозимот барои маникюр | |
| | Кордчаи қатшавандаи кисагӣ | |
| | Ин дастур ва дигар ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ оиди кишвари таъинот. | |
| | Эҳтимол шумо мехоҳед бо худ ягон маводи хӯрока гиред. Дар ин ҳолат танҳо маводҳоеро гиред, ки нағз печонда махкам карда шудаанд ва ҳатман фаҳмида гиред ки кадом намудҳои хӯрока барои ворид намудан ба кишвар иҷозат дода шудаанд. | |

## Меъёрҳо ва маҳдудиятҳо барои гузаронидани бағоҷ чи гунаанд?

Дар чиптаи шумо инчунин нишон дода мешавад, ки бо худ чӣ қадар бор гузаронидан метавонед. Дар ширкати ҳавопаймоӣ талаботҳои онҳоро нисбати бағоҷ фаҳмида гиред. Вобаста ба чиптаи худ, эҳтимол шумо бояд як ё ду ашёи бағоҷро аз қайд гузаронед. Аксари ширкатҳои ҳавопаймоӣ барои гузаронидани танҳо **ЯК АШЁИ БАҚАЙДГИРИФТАШУДА** ва танҳо **ЯК АШЁИ БОРИ ДАСТӢ ИҶОЗАТ МЕДИҲАНД.**




Инчунин оиди вазн ва андозаи ин ашёҳо маҳдудиятҳо мавҷуданд (1 адад бори дастӣ - аз 7 то 10 кг ва 1 адад бағоҷи бақайдгирифташуда - вазнаш аз 23 то 30 кг). Дар ширкати ҳавопаймоии худ маҳдудиятҳои онҳоро оиди вазни бағоҷ фаҳмида гиред.

**Кӯшиш кунед, ки чизҳои зиёдеро баста нагиред**, чунки вазни зиёдатӣ метавонад боиси падохтҳои баланд гардад. Барои он, ки ба пардохти иловагӣ роҳ надиҳед, бағоҷи худро дар хона бо тарозуи хурд баркашида гиред. Агар вазни бағоҷатон барзиёд бошад, баъзе ашёҳоро бароварда монед ё ки ба тарзи дигар тақсим карда ҷой кунед.

Қоидаҳои зеринро, ки ба **бори дастӣ** дахл доранд, дар хотир доред:

- Ҳама моеъҳо ва гелҳо бояд дар зарфҳои алоҳида, ҳаҷмаш на зиёда аз 100 миллилитр ҷой шуда бошанд ва ба даруни халтачаи пластикии шаффоф, андозааш як кварт, бо бандак-занҷирак гузошта шуда бошанд.
- Ашёи хока ба монанди қаҳва ва хӯришҳо аз санҷиши иловагӣ гузаронда мешаванд. Агар онҳо хатарнок дониста шаванд, ё муайн кардани онҳо душвор бошад, аз шумо хоҳиш карда метавонанд, ки онҳоро баровардa партоед.

- Шумо метавонед ба ҳавопаймо хӯришҳои сахт гиред, ба монанди кренделчаҳои шӯр, чипсҳои картошкагӣ ё чӯбчаҳои мевагӣ/сабзавотӣ. Ҳама хӯрокҳо бояд дуруст печонида шуда бошанд ё дар контейнерҳои зич маҳкам мешудагӣ нигоҳ дошта шаванд
- Дар бағоҷ гузаронидани батареяҳои литиягӣ бе борбанд манъ аст.
- Пинсет, алмос ё қайчӣ бояд ба сумкачае, ки ба бағоҷ месупоред, печонда баста шавад.

Дар хотир нигоҳ доред, ки **гузаронидани ашёҳои зерин дар бағоҷ манъ аст**:

- Силоҳи оташфишон, мушакҳои нурафкан ва маводи тарканда, аз он ҷумла амсилаи онҳо
- Аэрозолҳо, моддаҳои сӯзанда ё моеоти оташгир, аз ҷумла моеъ барои зажигалка (оташфурӯзак), гарчанде ки аксари ширкатҳои ҳавопаймоӣ барои истифодаи як зажигалка (оташфурӯзак) ба як нафар дар толори ҳавопаймо иҷозат медиҳанд.
- Равғани терпентин (самғ) ё моеъи ҳалкунанда барои ранг
- Воситаҳои шустагарӣ.

Дар хотир нигоҳ доред, ки ҳар як ашёи бағоҷ, ки маъмулан барои гузаронидан дар ҳавопаймо иҷозат дода шуда бошад ҳам, метавонад аз санҷиши иловагӣ гузаронда шавад ё онро метавонанд барои аз нуқтаи назоратӣ гузарондан иҷозат надиҳанд. **Фаромуш накунед, ки ба бағоҷи худ биркаи идентификатсионӣ ва ягон банди ранга часпонед, то шинохтани он осон шавад.**

**Меъёрҳои гузаронидани бағоҷ ва бори дастӣ дар қатораҳои мусофирбар**

Ҳар як мусофири қатора метавонад ҳамроҳи худ ба вагон бори дастӣ бигирад ё онро ба вагони бағоҷ супорад, агар миқдори он зиёд ё ҳаҷмаш калон бошад. Бори дастӣ ин сумкаҳо ё ҷомадонҳоест, ки андозаи онҳо дар ҷамъи се андоза (бар, дарозӣ, баландӣ) аз 180 см зиёд нест ва вазнаш — на зиёда аз 36 кг (барои вагонҳо бо купеҳои дукаса (вагони ҷоихобдор/СВ) – на зиёда аз 50 кг).

Бори дастӣ бепул интиқол дода мешавад ва онро қайд кардан лозим нест. Агар андозаи бағоҷи дастии шумо аз меъёрҳои муқарраргардида зиёд бошад, пас маблағи интиқоли онро пардохт намудан лозим аст.

Барои бори дастӣ дар вагонҳо ҷойҳои гуногун ҷудо карда шудаанд:

- дар вагонҳои платскарт, купе, СВ - хамбаҳои рафҳои поёнӣ, токчаҳо ё рафи сеюм дар зери шифт;
- дар вагонҳои нишаста - ҷойҳои махсус барои бағоҷ ва рафҳо аз болои ҷои нишаст.

Инчунин дар вагони алоҳида барои бағоҷ метавонед то се ашёи бағоҷро бепул гузаронед, агар ҷамъи се андозаи ҳар як ашё аз 180 см зиёд набошад, вазни ҳар як ашё аз 75 кг зиёд ва вазни умумии он аз 200 кг зиёд набошад. Бағоҷро пешакӣ супоридан мумкин аст.

Илова ба бори дастӣ ва бағоҷ, шумо метавонед:

- дар қатораҳои байнишаҳрӣ ва дурраванда - бори дастии вазнаш то 50 кг-ро бо маблағи ба нархи чипта баробар гузаронед;

**Дар бағоҷ ва бори дасти чиро гузаронда метавонед?**

- Ҳамчун бори дастӣ ба гузаронидани таҷҳизоти электронӣ, маишӣ, видео ва аудио, ки андозаҳои онҳо дар ҷамъи се андоза аз 180 см зиёд нест, аз ҳисоби як ашё ба як мусофир иҷозат дода мешавад.
- Гузарондани ашё ва моддаҳои даргиранда, тарканда, оташгиранда, заҳролудкунанда ва моддаҳои бӯи тез дошта, инчунин ашёҳое, ки ба вагон ва ашёи мусофирони дигарро осеб расондан ё ифлос карда метавонанд, манъ аст. Силоҳи оташфишон бояд дар ҷилд, ғилоф ё қуттии махсус, алоҳида аз патронҳо, баста печонда шавад.
- Дар қисми бағоҷ барои гузаронидани растаниҳо иҷозат дода мешавад, ба шарте ки ҳангоми ҳаракати қатора бори аз ҳад зиёд бор карда нашуда бошад. Ашё ва чизҳои шишадор ва оинадор, таҷҳизоти электронӣ бояд пешаки дар як зарф (контейнер) бо нишонгузорӣ баста печонда

шавад, ки ҳангоми боркунӣ ва борфарорӣ бутунии онро таъмин намояд.

- Ашёи қиматбаҳо (пул, ҳуҷҷатҳои молиявӣ), ашёҳои зудшикан, ки ба таври лозима бастабандӣ карда нашудаанд (байни дигар ашёҳои оддӣ), инчунин ашёҳо аз рӯйхати ашёи барои интиқол дар бори дастӣ манъ кардашуда, барои интиқол дар вагони бағоҷ қабул карда намешаванд.
- Ҳар як мусофир ҳуқуқ дорад бо худ то 36 кг бори дастӣ дошта бошад. Дар сурати мавҷуд будани расид (квитансия) барои пардохти иловагӣ, мусофир ҳуқуқ дорад то 50 кг ашёи шахсиро бо худ барад. Дар ин ҳолат фарқи интиқоли бағоҷ дар ҳаҷми 14 кг ҳамчун барои 20 кг пардохт карда мешавад.
- Аробачаҳои кӯдакона ва маъюбӣ, ки ба мусофирон рост пас аз анҷоми сафар лозиманд, барои интиқол бе бастабандӣ қабул шуда метавонанд.

## Рӯзи сафар

Тавсияҳои моро барои ҳар як қадами сафари худ як бори дигар дида бароед.

| | ДАР КУҶО | ЧӢ |
|---|---|---|
| A. | **Дар фурудгоҳ (дар Тоҷикистон):** | Тартиботи парвоз<br>Назорати бехатарӣ, Назорати муҳоҷиратӣ |
| B. | **Дар дохили ҳавопаймо:** | Қоидаҳои оддитарини одоби муоширатро риоя намоед<br>Кадом корҳоро дар ҳавопаймо кардан мумкин аст ва кадомашро не |
| C. | **Фурудгоҳи транзитӣ** | Расмиёти транзитӣ |
| D. | **Дар фурудгоҳи кишвари таъинот:** | Тартиботи омадан<br>Назорати муҳоҷиратӣ, Назорати гумрукӣ |




## *A. ДАР ФУРУДГОҲИ ПАРВОЗ(Тоҷикистон)*

### Қоидаҳои парвоз ва рафтор дар фурудгоҳ

Пеш аз парвоз кардан, санҷида бинед, ки чиптаи эътиборнок дар даст доред. Агар дар ин бора дилпур набошед, ба агентии рекрутингӣ занг занед. Маъмулан, дар чипта истинод ё **рақами брони кардашуда** ва инчунин маълумоти тамос барои агентие, ки чиптаро фурӯхтааст, дода мешавад. Шумо метавонед бо ин рақам дуруст будани чиптаҳоро фаҳмида гиред.

Агар вақти парвози шумо тағйир ёфта бошад, кӯшиш кунед, ки нақшаҳои сафаратонро мувофиқи он дуруст намоед. Вақте, ки парвози шумо ба он ба таъхир меафтад, **метавонад ба рейсҳои пайвасткунандаи ба нақша гирифташуда таъсир расонад**. Агар шумо хавотир бошед, ки бо сабаби таъхири парвоз шумо метавонед ба рейси пайвасткунанда дер кунед, ба агентии рекрутингӣ ё ширкати

ҳавопаймоии худ муроҷиат намоед.

Баъзе ширкатҳои ҳавопаймоӣ паёмҳои SMS фиристода, шуморо дар бораи таъхири парвоз хабардор мекунанд, аммо муҳим аст, ки шумо худатон вазъро мушоҳида карда истед.

**Фурудгоҳи парвоз - Тоҷикистон**

| | |
|---|---|
| 1 | Дар фурудгоҳ на камтар аз 3 соат пеш аз рейси ба нақша гирифта шуда ҳозир бошед. |
| 2 | Дар нуқтаи бақайдгирии ширкати ҳавопаймоӣ аз қайд гузаред |
| 3 | Аз минтақаи назорати бори дастӣ гузаред |
| 4 | Аз нуқтаи назорати муҳоҷиратӣ гузаред |
| 5 | Расмиёти назорати гумрукӣ |
| 6 | Ба баромади нишондодашуда барои саворшавӣ ба ҳавопаймо гузаред |
| 7 | Баъд аз эълони саворшавӣ ба ҳавопаймо гузаред |

1. *Дар фурудгоҳ ба камаш се соат пеш аз парвози ба нақша гирифташуда ҳозир будан лозим аст*
   - Барои парвозҳои байналмилалӣ шумо бояд се соат пеш аз парвоз дар фурудгоҳ бошед. Ин ба шумо вақт медиҳад, ки аз қайди рейс гузаред ва талони саворшавиро гиред, бағоҷи худро супоред, аз нуқтаи назоратии тафтиши одамон ва ашё гузаред ва дар назди дари саворшавӣ ҳозир бошед. Саворшавӣ ба рейс тақрибан ним соат пеш аз вақти ба нақша гирифташудаи парвоз оғоз меёбад.
   - Ба муҳоҷирони меҳнатӣ хусусан сари вақт дар фурудгоҳ будан муҳим аст, зеро гузаштан аз назорати муҳоҷират метавонад навбатҳои тӯлониро ба вуҷуд орад. Илова бар ин, шумо барои дар реҷаи онлайн аз қайд гузаштан ё гирифтани талони мобилии саворшавӣ имконияти камтар доред, чунки дар аксари ҳолатҳо намояндагони интиқолдиҳанда бояд ҳуҷҷатҳои раводиди шуморо тафтиш кунанд.
   - Агар шумо дар ҳайати гурӯҳ парвоз карда истода бошед, ҳатман оиди **ҷои вохӯрӣ** маслиҳат кунед, чунки фурудгоҳҳои байналмилалӣ метавонанд хеле бузург бошанд.

2. *Бақайдгирӣ дар нуқтаи бақайдгирии ширкати ҳавопаймоӣ*
   - Пас аз расидан ба фурудгоҳ, шумо бояд ба назди **нуқтаи бақайдгирии мусофирон ва бағоҷ** равед. Агар шумо надонед, ки кадом нуқта ба шумо лозим аст, ба назди намолавҳа (табло) равед, ки он ҷо маълумот оиди парвозҳо нишон дода мешавад. Дар баъзе фурудгоҳҳо киоскҳоро (нуқтаҳоро) барои бақайдгирии мустақилона ёфтан мумкин аст. Агар ин корро карда натавонед, аз кормандони фурудгоҳ кӯмак пурсед.
   - Дар назди нуқтаи бақайдгирӣ шиноснома, чипта ва дигар ҳуҷҷатҳои сафарро, агар лозим шавад, нишон диҳед. Дар хотир нигоҳ доред, ки агар шахсияти шумо тасдиқ карда шуда натавонад, шумо сафари худро идома дода наметавонед, бинобар ин лутфан **АЗ ҲУҶҶАТҲОИ ШАХСИИ ХУД БОХАБАР БОШЕД**. Ҳуҷҷатҳои шахсиро якҷоя бо пул даруни бори дастии худ нигоҳ доред.
   - **Агар шумо бо рейси транзитӣ парвоз карда истода бошед, аз корманди нуқтаи бақайдгирӣ пурсед, ки оё бағоҷи худро дар фурудгоҳи транзитӣ гирифта онро дубора аз қайд гузаронидан ба шумо лозим аст ё не.**
   - **Расидро оиди қабул шудани бағоҷ якҷоя бо ҳуҷҷатҳои сафарии худ нигоҳ доред.**
   - Пас аз тасдиқи парвоз, ба шумо талони саворшавӣ медиҳанд, ки дар он ному насаб, рақами ҷои нишаст, тафсилоти парвоз ва баромад барои саворшавӣ ба ҳавопаймо нишон дода мешавад (ба талони саворшавӣ бо тавзеҳот, ки дар поён оварда шудааст, нигаред).
   - Ҳангоми гузаштан аз хати амниятӣ, шиноснomaи худ ва талони саворшавиро бо худ дошта бошед (ё 2 талони саворшавиро, агар рейси пайвасткунанда дошта бошед).

3. *Гузаштан аз гузаргоҳи азназаргузаронӣ*
   - Ҳангоми скан кардани бағоҷи шумо, шумо худатон аз дастгоҳи скринингӣ мегузаред ва баъд

бағоҷи худро аз тарафи дигар мегиред.

- Пеш аз гузаштан аз металлодетектор ё сканери пурраҳаҷм, шумо бояд пойафзоли худ, халтачаҳои пластикии шаффофро бо моеот, пичақ, ороишот, телефони мобилӣ, калидҳо ва ашёҳои металлиро ба контейнер барои азназаргузаронӣ гузоред. Ноутбук ва телефонҳои мобилӣ бояд аз ҷилдҳо баровардa шаванд, онҳо алоҳида скан карда мешаванд. Ҳатман шишаҳоро бо об ё ягон моеъи дигар гирифта партоед, онҳоро барои бехатарӣ мусодира карда метавонанд.
- Дар фурудгоҳ аз шумо хоҳиш мекунанд, ки аз дастгоҳи визуаликунандаи порталӣ гузаред. Пеш аз он бояд ҳама чизро аз киссаҳои худ бароред. Пас аз ба даруни дастгоҳ ворид шудан, шумо бояд рост истед ва чанд сония бе ҳаракат бошед.
- Агар ҳангоми гузаштан аз ягон дастгоҳҳои азназаргузаронӣ ягон чизи ғайриоддӣ пайдо карда шавад, шумо ва бағоҷи шуморо метавонанд аз санҷиши иловагӣ гузаронанд.
- Дар охир, чизҳои худро гиред ва назди нуқтаи гузариши муҳоҷират равед. Дар хотир нигоҳ доред, ки мувофиқи қонун, баргардонидани ашёи мамнӯъ, ки дар гузаргоҳи азназаргузаронӣ кашида гирифта мешаванд, манъ аст, бинобар ин қоидаҳоро оид ба бори дастӣ риоя намоед.

### 4. *Гузаштан аз нуқтаи гузариши муҳоҷират*

- Дар нуқтаи гузариши муҳоҷират ҳуҷҷатҳои сафарии худро нишон диҳед. Корманди хадамоти муҳоҷират шиноснома ва раводиди шуморо дида мебарояд, тафтиш мекунад, ки оё ҳуҷҷатҳои шумо ба шахсияти шумо мувофиқат мекунанд ва оё онҳо эътиборноканд ва инчунин тавассути компютер санҷишро анҷом медиҳад, то боварӣ ҳосил кунад, ки шумо "шахси муҳозотдор" нестед (шахсе, ки ба ӯ вуруд манъ аст). Ба шумо оиди сафар ва шартномаи меҳнатии шумо савол дода метавонанд.
- Агар шумо ҳангоми баромада рафтан аз Тоҷикистон ба ягон мушкилӣ дучор оед, ба агентии рекрутингии худ муроҷиат кунед.

### 5. *Расмиёти гумрукӣ*

- Пас аз гузаштан аз назорати муҳоҷират, шумо ба бозрасии гумрукӣ мегузаред, ки дар он бағоҷи шумо оиди вуҷудияти моли қочоқи ё ашёи мамнӯъ аз назар гузаронда мешавад. Аз ягон кас ягон хел бастаҳои санҷида нашударо қабул накунед. Агар ба шумо лозим ояд, ки барои ягон кас бастаеро гиред, бодиққат чизҳое дар дохили он бударо дида бароед.
- Нисбати пул, аслиҳа, доруворӣ ва ғайра қоидаҳои қатъӣ амал мекунанд.
- Пас аз анҷоми тафтишот корманди хадамоти сарҳадӣ ба шиносномаи шумо мӯҳр мегузорад ва ба шумо барои аз Тоҷикистон рафтан иҷозат дода мешавад.

### 6. *Ба баромадгоҳи нишондодашуда гузаред.*

- Пас аз гузаштан аз гузаргоҳи назоратӣ ва нуқтаи назорати муҳоҷират шумо ба терминали парвози фурудгоҳ мегузаред.
- Рақами терминал ва рақами баромадгоҳ барои саворшавӣ дар чиптаи шумо нишон дода мешавад. Шумо инчунин метавонед рақами баромадгоҳро барои саворшавӣ дар мониторҳои табло дар фурудгоҳ, ки дар он вақти парвоз нишон дода мешавад, бинед. Агар вақти парвози шумо ё рақами баромадгоҳ барои саворшавӣ тағйир ёбад, ин таблоҳо беҳтарин манбаи маълумоти нав кардашуда мебошанд. Ба рамз ва рақами парвоз диққат дода истед - QR 036 (ба талони саворшавии тавзеҳӣ, ки дар поён оварда шудааст, нигаред).
- Кӯшиш намоед, ки дар назди баромадгоҳ барои саворшавӣ дар вақти муайяншуда бошед. **Вақти саворшавӣ дигар аст, ин вақти парвоз нест!** Мусофироне, ки ба дари баромадгоҳ барои саворшавӣ дер меоянд, ба парвоз роҳ дода намешаванд ва ҳуқуқи ба сафар баромаданро аз даст медиҳанд.



| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Дар инҷо нишон дода шудааст, ки дар дасти шумо чиптаи кадом ширкати ҳавопаймоӣ аст. Дар инҷо ин “Аэрофлот” аст. | 8 | Вақти саворшавӣ |
| 2 | Рамзи броне, ки аз рӯи он дар оянда дар реҷаи онлайн аз қайд гузаштан мумкин аст. | 9 | Вақти парвоз |
| 3 | Номи шумо (ном, фамилия, номи падар) | 10 | Рақами баромад барои саворшавӣ |
| 4 | Шаҳр/фурудгоҳи парвоз, вақти саворшавӣ | 11 | Рақами ҷои шумо дар ҳавопаймо |
| 5 | Шаҳр/фурудгоҳи омадан (ё фурудгоҳи транзитӣ)<br>Рақами баромад барои саворшавӣ ба рейс | 12 | Рақами чипта |
| 6 | Рамзи ширкати ҳавопаймоӣ | 13 | Терминал/минтақаи саворшавӣ |
| 7 | Класс | 14 | Огоҳӣ барои мусофирон: саворшавӣ 20 дақиқа пеш аз парвоз ба охир мерасад. |

### *7. Саворшавӣ ба ҳавопаймо пас аз эълони саворшавӣ.*

Пеш аз савор шудан ба ҳавопаймо:

- Фаҳмида гиред, ки оё дар ҳавопаймо хӯрок ё газак медиҳанд ё не. Агар намедода бошанд, шумо метавонед дар буфет дар терминал ё дар «фудкорт» (минтақаи ғизо дар фурудгоҳ) хӯрок ва нӯшокиҳо харед.
- То гирифтани иҷозат барои саворшавӣ мунтазир шавед ва баъдан кӯшиш кунед, ки бо гурӯҳи таъинкардаи худ дар навбат истед (талони саворшавиро бинед, ки ба кадом гурӯҳ тааллуқ доред). Агар ягон савол дошта бошед, аз корманди фурудгоҳ дар назди баромадгоҳ барои саворшавӣ пурсед.
- ПЕШ аз ба ҳавопаймо савор шудан ба туалет равед.

### *Саворшавӣ ба ҳавопаймо*

Дар аксари ширкатҳои ҳавопаймоӣ мусофирон ба гурӯҳҳои саворшавӣ тақсим карда мешаванд (минтақаҳои A, B, C ё 1, 2, 3); замоне ки, вақти саворшавӣ ба ҳавопаймо мерасад, дар назди бортпроводник гурӯҳи саворшавӣ ё рақами қатори шуморо (масалан, қаторҳо аз 40 то 60) дар назди баромадгоҳ барои саворшавӣ эълон мекунад. Эълонҳоро оиди саворшавӣ бодиққат гӯш кунед ва дастурҳои кормандони фурудгоҳ / экипажи ҳавопайморо риоя кунед.

- Ҳангоми байни курсиҳо гузаштан, сумкаи худро аз пеш дар поён гирифта баред.
- Кӯшиш намоед, дар гузаргоҳ зиёд наистед.
- Ҳамеша кӯшиш кунед, ки ашёи худро зуд дар ҷевонҳои боло дар болои қатори курсиҳои худ

ҷой кунед. Агар ягон нофаҳмие ба миён ояд, бортпроводникҳо ё стюардессаҳо кӯмак карда метавонанд.

- Шумо бояд ба он курсие, ки дар чиптаи шумо нишон дода шудааст, нишинед. Агар бинед, ки касе аллакай дар курсии шумо нишастааст, боварӣ ҳосил кунед, ки талони саворшавии худро дуруст хондед. Агар ин ҷои шумо бошад, аз стюардесса хоҳиш кунед, ки вазъиятро ҳал намояд.
- Чизҳои ба шумо лозимаро ба тавре нигоҳ доред, ки онҳоро ба осонӣ гирифта тавонед (гӯшмонакҳо, китобҳо ва ғайра).

*А. ДАР ДОХИЛИ ҲАВОПАЙМО*

- Ҳамеша он чизеро, ки стюардессаҳо ва бортпроводникҳо ба шумо мегӯянд, иҷро кунед.
- Пеш аз парвози ҳавопаймо, тасмаи бехатариро, ки дар бари шумо аст, махкам кунед. Агар худро ба кампал печонида бошед, тасмаи бехатариро аз болои кампал махкам кунед, вагарна ба стюардессаҳо барои дидани он, ки оё тасмаи бехатарии шумо махкам карда шудааст ё не, лозим меояд, ки шуморо бедор кунанд.
- Курсиро рост нигоҳ доред. Агар курсиро ба қафо такя карданӣ бошед, оҳиста кунед. Ҳангоми истеъмоли хӯрок ва нӯшокиҳо фаромӯш накунед, ки курсиро ба ҳолати рост баргардонед.
- Лутфан, танҳо ҷои худро ишғол намоед.
- Боке нест, агар гоҳ-гоҳ аз ҷои худ хезед, пойҳоятонро дароз кунед, танҳо эҳтиёт кунед, ки ба мусофирони дар курсии дар бари шумо буда, халал нарасонед.
- Агар пойафзоли худро кашед, аз рӯи одоб рафтор карда пойҳои худро дар замин нигоҳ доред (онҳоро ба болои курсӣ нагузоред).
- Ҳагоми парвозҳои тӯлонӣ, хӯрок аз тарафи ширкати ҳавопаймоӣ пешкаш карда мешавад, бинобарин барои он пул додан лозим нест. Агар шумо ба ҳавопаймо бо худ хӯрок гирифта бошед, кӯшиш кунед, ки бӯйи хӯрок тез набошад ва шахси дар паҳлӯи шумо буда, бӯйи хӯроки шуморо ба осонӣ ҳис накунад.
- Гӯшмонакҳоро барои дастгоҳҳои электронии худ бо худ гиред.
- Агар шумо сумкаатонро дар пеши пои худ монед, эҳтиёт кунед, ки чизҳои даруни сумка будагӣ нарезад.
- Ҳангоми истифодаи ҳоҷатхона қоидаҳои гигиенаро риоя намоед.

*B. ФУРУДГОҲИ ТРАНЗИТӢ*

Агар парвози шумо мустақим, аз як фурудгоҳ рост ба фурудгоҳи дигар набошад, ба шумо тавассути фурудгоҳи транзитӣ парвоз кардан лозим меояд. Талабот барои гузаштан аз назорати муҳоҷиратӣ ва гумрукӣ дар фурудгоҳҳо ва кишварҳои гуногун ҳархелаанд. Ҳангоми парвозҳои байналмилалии гузаришӣ (трансферӣ), эҳтимол аст, ки бори дастии шумо аз назар гузаронда мешавад.

Дар хотир доред, ки ҳатто агар шумо танҳо як чипта дошта бошед ҳам, дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми трансфер дар баъзе фурудгоҳҳо шумо бояд як терминалро тарк карда дубора ба терминали дигар ворид шавед. Системаҳои бронкунии автоматӣ вақтеро, ки барои ин гуна трансфер (гузариш) лозим аст, дохил мекунанд. Дар сурати ягон таъхир, агар чиптаи шумо яктарафа бошад ва шумо ба рейси пайвасткунанда дер кунед, ширкатҳои ҳавопаймоии дахлдор бояд шуморо ба рейси навбатии дастрас савор кунанд.

Агар парвози шумо бо ҳамон як чипта сурат гирад (ҳамон як ширкати ҳавопаймоӣ ё ширкати ҳавопаймоии шарикӣ), бағоҷи шумо ба таври автоматӣ аз рейси аввал ба рейси дуюм интиқол дода мешавад. Аз ин рӯ, **ҳангоми аз қайд гузаштан барои парвоз, аз корманди фурудгоҳ пурсед, ки оё бағоҷи худро дар фурудгоҳи транзитӣ гирифта онро дубора аз қайд гузаронидан лозим аст ё не.**

*D. ДАР ФУРУДГОҲИ ВУРУД (КИШВАРИ ТАЪИНОТ)*

Пас аз расидан ба фурудгоҳи кишвари таъинот, шумо бояд аз ҳавопаймо бароед ва ба бинои

терминали мусофирон равед. Ба аломатҳои роҳ нигоҳ карда равед ва ба нуқтаи назоратии гузариш барои мусофирони навомада равед.

**Баромадан аз ҳавопаймо – кишвари таъинот**

| | |
|---|---|
| 1 | Баромадан аз ҳавопаймо |
| 2 | Аз қайд гузаштан дар нуқтаи карантинӣ |
| 3 | Гузаштан аз нуқтаи назорати муҳоҷиратӣ |
| 4 | Ба карусели нишондодашуда барои гирифтани бағоҷи худ гузаред |
| 5 | Расмиёти назорати гумрукӣ |
| 6 | Баромадан аз фурудгоҳ |

*1.Баромадан аз ҳавопаймо*

Ҳангоми аз ҳавопаймо баромадан аз мусофирони дигар бохабар бошед. Кӯшиш накунед, ки тела дода якумин шуда гузаред; бигзор аввал онҳое аз ҳавопаймо бароянд, ки ба баромад наздиктаранд. Вақте ки навбати шумо меояд, зуд ҳаракат карда бароед.

Лутфан пеш аз тарк кардани ҳавопаймо варақаи вуруд/ фаромадро пур кунед. Ин корт ба шумо ҳангоми парвоз дода мешавад ва онро бояд пас аз фуруд дар нуқтаи назорати шиноснома супоред.

*2. Бақайдгирӣ дар нуқтаи карантинӣ*

Агар шумо ҳангоми дар ҳавопаймо будан саволномаи карантинӣ гирифта бошед, лутфан маълумоти зарурииро пур кунед ва пас аз расидан анкетаро ба нуқтаи карантинӣ супоред. Агар шумо ягон нишонаҳои бемори ба монанди табларза ё дарунравӣ, вараҷа ё қайкунӣ дошта бошед, лутфан, ба корманди нуқтаи карантинӣ хабар диҳед.

*3. Гузаштан аз нуқтаи карантинӣ*

Шумо бояд аз назорати коркунони хадамоти муҳоҷират гузаред, то онҳо шиноснома, раводид ва корти вуруди мусофирии шуморо тафтиш кунанд. Баъд, лутфан ба нуқтаи лозима "**FOREIGNERS/ХОРИҶИЁН**" (на ба "**DOMESTIC/МАҲАЛЛӢ**") гузаред ва шиносномаи худро нишон диҳед. Шиносномаи шумо бояд эътибор дошта бошад ва шумо бояд раводиди эътиборнок дошта бошед. Боварӣ ҳосил кунед, ки шумо далел/ ҳуҷҷатҳоро, ки раводиди шуморо тасдиқ мекунанд, бо худ доред. Масалан, барои тасдиқи раводиди корӣ, шумо бояд маълумоти корфармои худ ва шартномаи меҳнатӣ дошта бошед. Эҳтимол, аз шумо пешниҳод кардани ҳамаи далелҳоро намепурсанд, аммо ҳамеша омода будан беҳтар аст!

Пас аз пешниҳод намудани шиноснома ва корти вуруди мусофир корманди хадамоти муҳоҷират метавонад ба шумо якчанд савол диҳад. Инҷо баъзе саволҳое оварда шудаанд, ки аз шумо пурсида метавонанд:

- *Ҳадафи омадани шумо чист?* Танҳо гӯед, ки чӣ гуна раводид доред: корӣ, меҳмонӣ ва ғайра.
- *Шумо чиптаи бозгашт доред?* Далели лозимаро нишон диҳед, ба монанди нусхаи коғазии чиптаи худ.
- *Оё шумо дар кишвар касе доред, ки бо он тамос гирифтан мумкин аст?* Маълумоти тамосии корфармои худро нишон диҳед.
- *Шумо дар куҷо истодан мехоҳед?* Суроғаи ҷои кории худро нишон диҳед.

Дар шиносномаи шумо мӯҳри хадамоти муҳоҷират гузошта мешавад. Дар хотир доред: дар нуқтаи вуруд ба кишвари таъинот корманди хадамоти маҳаллии муҳоҷират муайян мекунад, ки оё ба шумо иҷозати вуруд дода мешавад ва то чанд вақт шумо дар ин кишвар монда метавонед. Дар сурати пайдо шудани ягон мушкилот баъд аз омадан ба хадамоти муҳоҷират, ба агентии рекрутингии худ ё сафорати Тоҷикистон муроҷиат кунед.

*4. Ба карусели (дастгоҳи гардишии) таъиншуда барои гирифтани бағоҷи мусофирони ҳавоӣ гузаред*

- Агар шумо бағоҷи худро аз қайд гузаронда бошед, лутфан ба нуқтаи додани бағоҷ равед.

Каруселеро, ки ба рақами рейси шумо мувофиқат мекунад, ёфта гиред ва бағоҷи бақайдгирифтаи худро гиред.

- *Агар* бағоҷи шумо пайдо нашавад, дар бораи бағоҷи дар фурудгоҳ гумшуда хабар диҳед. Ба ширкати ҳавопаймоӣ оиди бағоҷи таъхиршуда/гумшуда ариза нависед. Лутфан, дар хотир нигоҳ доред, ки ба шумо биркаи бағоҷ, ки ба шумо дар нуқтаи бақайдгирии бағоҷ дар Тоҷикистон дода шуда буд, лозим мешавад.
- *Агар* бағоҷи шумо гум шавад, барои зараре, ки дар натиҷаи гум шудани бағоҷи бақайдгирифтаи шумо расонида шудааст, то ҳадди муайян ширкати ҳавопаймоӣ масъул мегардад.

*5. Расмиятҳои назорати гумрукӣ*

Дар бисёре аз фурудгоҳҳо мусофирон пас аз омадан бояд ба хадамоти гумрукӣ варақаи декларатсияи пуркардашударо пешниҳод кунанд. Лутфан варақаро пешакӣ пур кунед. Агар шумо дар бораи он чизҳое, ки дар бағоҷи худ баста печонда будед, шубҳа дошта бошед, инро дар декларатсияи худ нишон диҳед!

Корманди хадамоти гумрукӣ метавонад ба шумо баъзе саволҳо диҳад. Яке аз саволҳое, ки аз шумо пурсида метавонанд, чунин аст:

- *Оё шумо чизе барои расман эълон кардан доред?* Бояд чизеро, ки дар декларатсияи гумрукӣ нишон додаед, бигӯед.

**Дар вокзали роҳи оҳан**

Чиптаи роҳи оҳанро метавонед дар кассаҳои роҳи оҳан ё дар вокзал харед. Бояд танҳо ба кормандони вокзал бо нишони сарисинагӣ (кассирҳои чиптафурӯш, навбатдорони вокзал, навбатдорони толори вокзал, агентҳо барои додани маълумот) муроҷиат кунед.

Ҳамчун мусофир, шумо ҳуқуқ доред, ки як кӯдаки то 5-соларо, бе додани ҷойи алоҳида ба ӯ, дар қатора бо худ бепул гирифта баред. Агар мусофир зиёда аз як кӯдак дар синни то 5 -сола ҳамроҳи худ дошта бошад, яке аз онҳо ройгон бурда мешавад, ва дигарон бо 35% тахфиф аз чипта, бо додани ҷойгоҳи алоҳида, бурда мешаванд. Ба кӯдакони аз 5 то 10-сола инчунин тахфифи 50% аз нархи чипта бо ҷои алоҳида, дода мешавад. Барои кӯдакони аз 10 сола боло бояд чипта ба мисли калонсолон харида шавад.

Ҳуҷҷати сафар дар асоси ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти мусофир (шиноснома) ва барои кӯдакони то синни 16 -сола дар асоси шаҳодатномаи таваллуд, дар ҳоли вуҷуд будани акси кӯдакон, ки дар шиносномаи волидайн часпонида шудааст, дода мешавад. Ҳангоми сафари кӯдакони ноболиғ бо намояндагони қонунии худ (падару модар, биби, хола) берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатнома доштан лозим аст ва ба ҷои шаҳодатномаи таваллуди кӯдак - шаҳодатномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки то синни 16 -сола нарасидаст.

**Ҳангоми дар вокзалҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ва дар поездҳо будан, қоидаҳои зеринро риоя кардан лозим аст:**

- ҳангоми аз роҳҳои оҳан гузаштан аз гузаргоҳҳои махсуси барои пиёдагардон муҷаҳҳаз шуда, нақбҳо, пулҳо, гузаргоҳҳо ва инчунин дигар ҷойҳое, ки бо аломатҳои иттилоотии мувофиқ нишон дода шудаанд, истифода бурдан лозим аст (бо вуҷуди ин аз сигналҳое, ки тавассути воситаҳои техникӣ ва (ё) коргарони роҳи оҳан дода мешаванд хабардор шудан лозим аст);
- ҳангоми дар платформа будан, дар масофаи бехатар аз канори он истед, то таъсири ҷараёни ҳаво ба шумо нарасад;
- аз хатти сарҳадӣ дар канори платформаи мусофирон нагузаред ва то даме пурра истодани қатора ба вагонҳо наздик нашавед.
- танҳо ҳангоми пурра истодани қатора ба он савор шавед ва (ё) фароед, бе расодани халал ба

мусофирони дигар;
- ҳангоми боло рафтан аз зинапоя то ҳадди имкон аз тарафи рост бароед ва дар ҳоли дар эскалатор будан аз тарафи рост истед ва аз тарафи чап гузаред;
- кӯдаконро бе назорат нагузоред, хусусан ҳангоми ба вагонҳо савор шудан ва / ё фаромадан;
- бағоҷи худро беназорат нагузоред;
- агар шумо ашёи шубҳанок, ашёи фаромӯшшуда ё партофташударо дарёфт кунед, ба онҳо даст нарасонед ва фавран ба кормандони нақлиёти роҳи оҳан ё коркунони полис (милитсия) хабар диҳед;
- дар ҳолати рух додани ҳолати фавқулодда дастурҳои коргарони роҳи оҳан, афсарони политсия (милитсия) ва дигар хадамоти махсусро, ки масъалаҳоро оид ба рафъи вазъи ба вуҷуд омада ҳал мекунанд, қатъиян риоя кунед;

**Назорати гумрукӣ ва ба расмият даровардани ашёҳои қатораҳои мусофирбар**

Дар қатораҳои мусофирбар чизҳои зерин аз назорат гузаронда, ба қайд гирифта мешаванд:

- воситаҳои нақлиёт (локомотивҳо, вагонҳои мусофирбар, вагонҳои бағоҷ ва почта, вагон-тарабхонаҳо, вагон-қаҳвахонаҳо);
- молҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.
- назорати гумрукӣ ва ба расмият даровардани молҳое, ки дар қатораҳои мусофирбар интиқол дода мешаванд, тибқи қонунгузории гумрукӣ дар воситаҳои нақлиёт ҳангоми таваққуф ё ҳаракати қатораҳо, инчунин дар нуқтаҳои назорат (дар толорҳои азназаргузаронӣ, бағоҷ ва почта, анборхонаҳо ва ғ.) ҷорӣ карда мешавад.
- назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории молҳое, ки тавассути бағоҷ ва ё ирсоли почта интиқол дода мешаванд, тибқи Технологияи стандартӣ оид ба ҳуҷҷатҳои интиқолӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, инчунин тибқи қонунгузории гумрукӣ ҷорӣ карда мешавад.

Мақомоти гумрук якҷоя бо маъмуриятҳои роҳи оҳан, бо мақсади ҷорӣ намудани назорати босифат ва саривақтии гумрукӣ ва бақайдгирии қатораҳои мусофирбар тартиби ҳамкориро муқаррар мекунанд. Тартиби муайяншудаи ҳамкорӣ инро бояд дар бар гирад:

a. вақти таваққуфи қатораҳоро дар истгоҳҳои сарҳадии роҳи оҳан маъмурияти роҳи оҳан, мувофиқи принсипи басандагӣ барои гузаронидани назорати гумрукӣ ва барасмиятдарорӣ, бо мувофиқа бо мақоми гумрук, муайян менамояд. Мақомоти гумрук, дар навбати худ, барои барасмиятдарории саривақтии қатораҳо дар мӯҳлати муайяншуда масъул мебошанд;
b. кормандони роҳи оҳан мусофиронро дар вокзал, истгоҳҳо ва дар роҳ дар бораи назорати дарпешистодаи гумрукӣ ва муқаррароти асосии қоидаҳои гумрукӣ дар асоси маълумоте, ки мақомоти гумрук пешниҳод менамояд, огоҳ мекунанд.

Маълумоти муфассалро метавонед ба истиноди зерин гузашта, дастрас намоед - https://www.railway.tj/ru/

*Шумо дар бораи қочоқи маводи мухаддир бисёр шунидаед. Ин ба шумо чи тавр таъсир расонда метавонад?*

Коргарони муҳоҷирро аксар вақт ҳамчун курерон/интиқолдиҳандагони маводи мухаддири манъшуда ба кишварҳои дигар истифода мекунанд. Эҳтиёт бошед. Воридот ё содироти маводи нашъадор ва маводи мухаддир, ҳатто ба миқдори кам ҳам, барои истеъмоли шахсӣ, манъ аст. **Бо сабаби ин, вақти ба кишвари таъинот расидан, шумо метавонед бо мушкилоти ҷиддӣ дучор шавед.** Барои ин ҷазои сахт пешбинӣ шудааст, баъзан ҳатто ҳукми қатл.

*6. Баромадан аз фурудгоҳ*

- Пешакӣ фаҳмида гиред, ки барои ба ҷои кор ё истиқомат расидан, чи гуна роҳҳо ҳаст. Одатан, агар шумо тавассути агентии рекрутингӣ сафар кунед, ягон кас шуморо дар фурудгоҳ пешвоз мегирад.

- Бо шахсе, ки шуморо дар фурудгоҳ пешвоз мегирад, эҳтиёт бошед ва аз ӯ пурсед, ки шуморо аз куҷо мегирад. Ҷавоб бояд ба маълумоте, ки аз агентии рекрутингӣ гирифтаед ё дар шартномаи шумо нишон дода шудааст, мувофиқат кунад.
- Агар шумо худатон бояд ғами онро хуред, ки чӣ тавр аз фурудгоҳ ба ҷои истиқомат ё ҷои кор меравед, пешакӣ ва ба таври муфассал дар бораи нархи роҳпулӣ, оиди таксиҳои расмӣ ва ғайра маълумот гиред. Кӯшиш кунед, ки барои пардохти пули такси ё нақлиёти маҳаллӣ ба қадри кофӣ пули маҳаллии арзишаш гуногун бо худ дошта бошед, чунки баъзеи онҳо бақия намедиҳанд.
- Агар шумо дар ин кишвар дӯстон ё хешовандон дошта бошед, хуб мешуд, агар онҳо шуморо пешвоз гирифта тавонанд ё маслиҳат диҳанд, ки то ҷои лозима чи тавр рафта расида метавонед.

## Кадом корҳоро пеш аз сафар кардан мумкин аст, ва кадом корҳоро не

- Пеш аз сафар, рӯйхати санҷиширо бояд тайёр карда монед, то дилпур бошед, ки ҳама ҳуҷҷатҳои лозимаро доред, ба монанди шиноснома бо мӯҳри задашуда оиди раводид, маълумотномаи тиббӣ, корти маълумот дар бораи мусофир ҳангоми ба сафар баромадан, чиптаи ҳавопаймо, шартномаи меҳнатӣ, иҷозат барои кор, маълумот дар бораи суратҳисоби бонкӣ, суроғаи сафорат, суроғаи корфармо, буклет дар бораи омӯзиши пеш аз сафар гирифта шуда.
- Корти маълумотро дар бораи мусофир ҳангоми сафар бояд пешаки, якҷоя бо чиптаи ҳавопаймо гиред ва онро пур карда монед.
- Бояд яктои нусхаи шиноснома, раводид, иҷозатномаи кор, маълумоти суратҳисоби бонкӣ, шартномаи меҳнатиро ба касе аз аъзои оилаи худ, ки ба ӯ боварӣ доред, монда равед.
- Дар дохили бори дасти гирифта бурдани маҳсулоти моеъ, масалан маринадҳо, манъ аст.
- Шумо бояд 3 соат пеш аз парвоз дар фурудгоҳ аз қайд гузаред.
- Агар касе аз шумо хоҳиш кунад, ки бағоҷи уро бо худ гиред, боадабона онро рад кунед, зеро дар дохили он метавонад ашёи мамнӯъ/ғайриқонунӣ бошад, ки ин метавонад ба шумо зарар расонад.
- Аз вазни иҷозатдодаи бағоҷ зиёдтар бор нагиред

## Машғулияти 3 – Истиқомат дар хориҷа

### Кишвари таъинот

**Пас аз расидан ба кишвари таъинот чӣ бояд кард**

- Дарҳол ба оилаи худ ва агентии рекрутингӣ дар бораи омадани худ ва шароити кор хабар диҳед.
- Иҷозатнома барои истиқомат ё шаҳодатномаи шахсӣ ё корти меҳнатиро гиред, агар ин ҳуҷҷатҳо вақти ҳоло дар Тоҷикистон будан ба шумо таъмин карда шуда набошанд.
- Ягон дигар шартномаи меҳнатӣ ё варақаи холиро имзо накунед.
- Корпартоӣ накунед ва дар намоишҳои эътирозии кӯча иштирок накунед. Дар баъзе ҳолатҳо ин ғайриқонунӣ аст ва шуморо метавонанд ба ҳабс гиранд, махкам кунанд ва инчунин депортатсия кунанд.
- Аз алоқаҳои ҷинсӣ, ки боиси СПИД ё бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда шуда метавонанд, худдорӣ намоед.
- Бо наздиктарин намояндагии дипломатии Тоҷикистон дар кишвари таъинот дар тамос бошед.
- Дар сурати напардохтан ё боздоштани пардохти маош ё ҷубронпулӣ ё пайдо шудани ягон мушкилоти дигар ба идораи консулӣ ё сафорати Тоҷикистон шикоят кунед.

### Чӣ тавр дар сафорат ё консулгарии Тоҷикистон аз қайд гузаштан ё бо онҳо тамос гирифтан лозим аст?

Баъд аз омада расидан, шумо бояд дар сафорат ё консулгарӣ аз қайд гузаред ё бо онҳо тамос гирифта, оиди омадани худ хабар диҳед ва роҷеъ ба кори худ маълумоти муфассал диҳед. Муҳим аст, ки дар сафорат оиди будубоши шумо дар кишвар хабардор бошанд, то ки дар ҳолати бӯҳронӣ, фавқулодда ё таъҷилӣ шумо ба онҳо муроҷиат карда тавонед ва онҳо ба шумо кӯмак карда тавонанд.

МЗМ китобчаҳои (брошюраҳои) ба ҳар як кишвари муайян равона шударо нашр мекунад, ки роҷеъ ба кишварҳои асосии таъинот маълумот медиҳанд ва инчунин онҷо маълумоти пурраи тамос барои сафоратҳо ва консулгарӣ дохил карда шудааст. **Онҳоро аз сомонаи МЗМ ва шабакаҳои иҷтимоӣ зеркашӣ кардан мумкин аст.**

### Қоидаҳои кишвари таъинот, ки онҳоро бояд донед:

- Фарҳанг ва забони кишвари таъинот
- Урфу одатҳои маҳаллӣ ва қонунҳо оид ба истеъмоли машрубот ва маводи мухаддир.
- Либос - кадом либос мувофиқ ҳисобида мешавад? Кадом тарзи либос номақбул аст?
- Ҳаракатҳо - кадом ҳаракатҳо ё ифодаи чеҳра дағал ё кинояи шаҳвонӣ дошта ҳисобида мешаванд?
- Саломдиҳӣ – фаҳмида гиред, ки тарзи маъмулии саломдиҳӣ чи гунааст ва ҳангоми вохӯрӣ кадом саволҳоро додан лозим аст.
- Идҳои миллӣ ва маҳаллӣ – ин метавонад идҳои ба шаҳр ё минтақаи муайян хос ва инчунин идҳои умумимиллӣ бошанд.
- Табу (чизи манъшуда) - оё ягон манъи фарҳангӣ ё мазҳабӣ вуҷуд дорад? Масалан, дар моҳи Рамазон мусулмонон дар давоми рӯзи равшан чизе намехӯранд, наменушанд ва тамоку намекашанд ва дар баъзе ҷойҳо шикастани рӯза ва дар ҳузури одамон хӯрок хӯрдан аз рӯи одоб нест ва ҳатто ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад.
- Нақлиёт - қоидаҳои асосии ҳаракати роҳ чи гунаанд? Аз нақлиёти ҷамъиятӣ чӣ тавр истифода бурдан лозим аст?
- Қонун ва қоидаҳои кишвари таъинот

### Қонун ва қоидаҳои маҳаллиро риоя кунед

Меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳо дар ҳар як кишвар қатъиян фарқ мекунанд, аз ин рӯ, шумо бояд оиди фарқиятҳо дар соҳаи ҳуқуқӣ байни Тоҷикистон ва кишваре, ки он ҷо сафар мекунед, маълумот дошта бошед. Барои гирифтани маълумоти дақиқ, ба сафорати ҳамон кишвар ё МЗМ муроҷиат кунед.

Дар бораи кишвари таъиншуда то ҳадди имкон зиёдтар маълумот гиред. Бо анъанаҳо ва тамоюлҳои фарҳангии ин кишвар шинос шавед.

Шумо бо урфу одатҳое дучор мегардед, ки аз он урфу одатҳое, ки дар Тоҷикистон одат кардаед, фарқ мекунанд, аз ин рӯ хулосаҳои шитобкорона набароред ва кӯшиш кунед беғараз бошед.

Урфу одатҳои фарҳангӣ, меъёрҳо, одоби муошират ва намунаҳои рафтор ба ҳар як кишвар ё минтақа хос мебошанд. Пеш аз рафтан, худатон дар бораи анъанаҳои фарҳангии кишвари таъинот маълумот гиред. Аз дӯстон ва ҳамкорон маълумот гиред. Маълумотро дар интернет ҷустуҷӯ кунед. Ин ба шумо кӯмак мекунад, ки ба осонӣ ва зудтар ба муҳити нав мутобиқ шавед ва одат кунед.

### Интернет, телефон ва алоқаи мобилӣ

Тавсия медиҳем, ки пеш аз ба сафар баромадан телефони худро ба реҷаи роуминг пайваст кунед, то ба шумо баъд аз ба кишвари таъинот расидан занг задан шавад. Баъдтар, пас аз гирифтани рақами маҳаллии телефони, шумо метавонед аз реҷаи роуминг бароед. Агар роуминг надошта бошед, метавонед SIM корти маҳаллиро харед. Одатан, ҳангоми ба қайд гирифтани SIM -корт, фурушандагон аз шумо нишон додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро талаб мекунанд. Санҷида бинед, ки телефони шумо блоконида шуда набошад ва оё он барои кор дар шабакаҳои хориҷӣ пешбинӣ шудааст; дар акси ҳол, он дар хориҷа кор намекунад.

Пас аз омада расидан ба кишвари нав, муҳимтар аз ҳама ин барқарор намудани робитаҳо тавассути интернет ва телефони мобилӣ аст. Шумо метавонед якеро аз операторони гуногун дар кишвари будубоши худ интихоб кунед. Тарифҳо хеле фарқ мекунанд, бинобар ин фаҳмида гиред, ки кадом

оператор тарифи беҳтаринро пешниҳод мекунад, ё аз ҳамкорон ва ё дӯстон маслиҳат пурсед.

Усули арзон барои зангҳои байналмилалӣ ин истифодаи интернет аст. Ширкати Tcell барномаи мобилии Чигап (Chigap) дорад, ки онро аз Android ва Apple зеркашӣ кардан мумкин аст. Ин барнома ба шумо имкон медиҳад, ки дар дохили барнома зангҳои овозиро ба таври ройгон анҷом диҳед, ва инчунин бо нархҳои дастрас ба телефонҳои шаҳрӣ ва мобилии Тоҷикистон занг занед. Маълумоти муфассалтарро ба истиноди зерин гузашта дастрас кардан мумкин аст: https://www.tcell.tj/internet/mobile-apps/chi-gap.php

### Шаҳодатномаи ронандагӣ

Агар шумо шаҳодатномаи ронандагии байналмилалӣ дошта бошед, фаҳмида гиред, ки оё он дар кишвари таъинот эътироф карда мешавад ё не. Дар баъзе кишварҳо, ба шумо лозим меояд, ки боз ҳам имтиҳон супоред ё ба баъзе талаботҳо ҷавобгӯ бошед, то ки шаҳодатномаи ронандагии байналмилалии шумо дар хориҷа эътироф карда шавад. Баъзан ба шумо лозим меояд, ки дар кишвари таъинот шаҳодатномаи ронандагии нав гиред.

### Айни замон боду ҳаво дар кишвари таъинот чӣ гуна аст?

Вазъи обу ҳаворо тавассути интернет ё хабарҳо, аз дӯстон, хешу таборон ва ҳамкорон фаҳмида гиред. Ин ба шумо кӯмак мекунад, ки мувофиқи он омода шавед ва муайян кунед, ки кадом либосҳоро бо худ гирифтан лозим аст. Ин инчунин барои мутобиқ шудан ба муҳити нав ба шумо кӯмак мерасонад.

Агар шумо ба кишварҳои араби халиҷи Форс рафтанӣ бошед, шумо бояд ба ҳарорати то 40-55 дараҷа гармӣ омода бошед, ва агар ба Федератсияи Россия, Қазоқистон ё Аврупо, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷопон рафтани бошед – ба ҳарорати то минус 10-50 дараҷа.

Манбаъҳои эҳтимолӣ барои аниқ кардани обу ҳаво:

- www.weather.com
- www.bbc.com/weather
- https://yandex.tj/pogoda
- https://www.gismeteo.ru
- https://weather.rambler.ru

### Аз куҷо ҷойгиршавии гастрономҳо (мағозаҳои хӯрокворӣ), мағозаҳо, беморхонаҳо, клиникаҳо, бонкҳо, марказҳои интиқоли пул ва ғайраро дониста гирифтан мумкин аст, ва инчунин онро, ки барои расидан ба ҷои зист ва кор ва баргаштан аз кадом намуди нақлиёт истифода бурдан лозим аст?

Дар ДОМРПС ё дар маводҳои иттилоотӣ, ки ба шумо дар МЗМ дода мешаванд, маълумоти сафорат барои тамос нишон дода мешавад. Дар МЗМ фаҳмида гиред, ки барои кишвари таъиноти шумо PAOS мавҷуд аст ё не. Агар набошад, дар МЗМ модулҳои онлайн роҷеъ ба марҳилаи будубош пас аз омадан ба кишвари таъинот ҳастанд. Илова бар ин, МЗМ варақаҳои ба кишвари муайян равона шударо нашр мекунад, ки дар онҳо маълумот дар бораи кишварҳои асосии таъинот бо маълумоти пурраи тамоси сафоратхонаҳо ва консулгариҳо пешниҳод карда мешавад. Маълумотро тавассути интернет ҷустуҷӯ кунед. Минтақаи худро омӯзед. Маслиҳат ва тавсияҳои дӯстон, ҳамкорон ва ҳамсояҳоро ба назар гиред. Инчунин дар Фейсбук ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ сомонаҳои гурӯҳӣ ё чатҳо мавҷуданд, ки онҷо метавонед маълумоти мувофиқро пайдо кунед. Барои гирифтани маълумоти тару тоза дар чорабиниҳои сафорат ва ҷомеа мунтазам иштирок кунед.

Агар смартфон дошта бошед, оиди насб кардани барномаҳои мобилии муфид, ки ба шумо кӯмак мекунанд, ба монанди Google Maps, Maps.me, Citymapper (инчунин Waze), хадамотҳои шаҳрӣ (барномаи мобилии www.infomuhojir.tj ) ва имконоти нақлиёт (Yandex Taxi, Uber, Gett, Grab ва Careem) фикр карда бинед.

### Масъалаи манзил
Ба шумо метавонанд манзилро дар ҳамон ҷое, ки кор мекунед ё дар ҷои дигар таъмин намоянд. Пешакӣ аз агент оид ба рекрутинг фаҳмида гиред, ки оё ба шумо манзил дода мешавад ё не. Ин бояд инчунин дар шартномаи меҳнатии шумо зикр карда шавад.

Дар аксари ҳолатҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ихтисоси паст доранд, манзил бепул таъмин карда мешавад. Агар манзил ба шартномаи меҳнатии шумо дохил карда шуда бошад, он бояд ба стандартҳое, ки ниёзҳои асосии шуморо қонъ мегардонад, ҷавобгӯ бошад.

Агар корфармои шумо манзил таъмин намекарда бошад, беҳтараш ба ҷустуҷӯи манзил барои иҷора пеш аз Тоҷикистон рафтан шурӯъ кунед. Шумо бояд бо қоидаҳои асосии иҷораи манзил дар кишвари таъинот шинос шавед.

Манзилро барои иҷора дар реҷаи онлайн ё тавассути дӯстон, ҳамкорон ва аъзоёни оила ҷустуҷӯ кунед, хусусан тавассути онҳое, ки аллакай дар он ҷо ҳастанд ё буданд, зеро онҳо метавонанд ягон хел тавсияҳо диҳанд. Дар инҷо баъзе аз имкониятҳо дар реҷаи онлайн оварда шудаанд:
- https://www.airbnb.com
- https://www.booking.com/
- https://www.cian.ru/
- https://www.avito.ru/
- https://bn.ru

Агар шумо якҷоя бо гурӯҳ ба кор киро шуда бошед, шояд дар аввал манзилеро якҷоя бо гурӯҳ, барои кам кардани хароҷот, ба иҷора гирифтан беҳтар аст. Баъдтар, шумо метавонед тасмим гиред, ки алоҳида зиндагӣ мекунед. Инчунин тавсия медиҳем, ки моҳи аввали будубош, манзилеро наздиктар ё дар масофаи ба ҷои коратон дастрас ба иҷора гиред. Ин вақти рафтуомади ҳаррӯзаи шуморо ба кор ва аз кор кам мекунад. Инчунин тавсия медиҳем, ки хонаеро ба иҷора гиред, ки аллакай таҷҳизоти зарурӣ ё асбобҳои рӯзгори лозима дорад.

### Хизматрасонии тиббӣ
Саломатии шумо пеш аз ба сафар баромадан санҷида мешавад, барои ҳосил кардани боварӣ, ки шумо ба кишвари таъиноти худ ҳамчун шахси “солим” ворид мешавед. Дар баъзе ҳолатҳо, занон – муҳоҷирони меҳнатӣ бояд аз санҷиш оиди ҳомиладорӣ гузаранд. Баъд аз расидан ба кишвари таъинот, дастрас намудани хизматрасонии тиббӣ шояд ба шумо душвор мегардад, асосан бинобар меъёрҳои қонунгузорие, ки дар кишвари таъинот амал мекунанд.

Ҳатто агар системаи давлатии тандурустӣ дар кишвари таъинот вуҷуд дошта бошад ҳам, ба гумон аст , ки шумо барои он ҳақ доред. Бисёре аз муҳоҷирони меҳнатӣ полисҳои хусусии суғуртаи тиббиро мехаранд, то худро аз норасоиҳо дар фарогирии суғуртавӣ ҳифз намоянд. Аз корфармои худ ё дар агентии рекрутингӣ пурсед, ки кадом вариантҳои суғурта ба шумо дастрасанд.

Агар мунтазам дору қабул мекарда бошед, эҳтимол шумо мехоҳед, ки пеш аз рафтан то ҳадди имкон барои худ доруҳоро захира карда гиред. Шояд дар аввал, пас аз кӯчида омадан ба кишвари дигар, шумо аз духтур дорухат ва таъинот гирифта натавонед, бинобар ин беҳтар аст, ки ба қадри кофӣ бо худ дору дошта бошед, то дар аввал барои шумо басанда бошад.

Лутфан, ба чораҳои махсус дар сурати ба вуҷуд омадани ҳолатҳои бӯҳрони дар соҳаи тандурустӣ, ба монанди пандемияи COVID-19, диққат диҳед. Дар чунин ҳолатҳо мақомоти маҳаллӣ барои мубориза бо паҳншавии вирус чораҳои таъҷилӣ меандешанд. Ҳаракат байни вилоятҳо манъ карда мешавад, танҳо агар он бениҳоят муҳим ҳисобида нашавад, риоя намудани масофаи ҷисмонӣ тавсия дода мешавад. Мунтазам сомонаи Сафорати Тоҷикистон ва аккаунтҳоро дар шабакаҳои иҷтимоӣ барои гирифтани паёмҳои муҳим оид ба масъалаҳои амният ва бехатарӣ, аз қабили огоҳӣ ё хабар, дида

баромада истед. **Ҳамеша тавсияҳои мақомотро риоя намоед ва тамоми чораҳои заруриро барои кам кардани эҳтимолияти сироят бинед.**

### Чӣ тавр суғуртаи тиббӣ ва дигар имтиёзҳои бо он вобастаро истифода бурдан мумкин аст?

Барои дуруст истифода бурдан ва аз суғуртаи худ фоидаи бисёртар гирифтан, шумо бояд:

- Муқаррарот, мундарича, имтиёзҳо ва доираи фарогирии суғуртавиро хуб донед ва фаҳмед;
- Ҳаққи суғуртаро мунтазам ва саривақт пардохт кунед (агар корфармо маблағи суғуртаро пардохт кунад, фаҳмида гиред, ки оё он дар вақташ пардохт шуда истодааст ё не; агар ин тавр набошад, дар ин бора ба корфармо ё агент оид ба рекрутинг хабар диҳед);
- Нусхаҳои бланкҳо (варақаҳоро) нигоҳ доред, ки онҳоро дар сурати гирифтани имтиёзҳои суғуртавӣ истифода баред;
- Маълумоти тамосии дафтари наздиктаринро, ки ба он муроҷиат карда метавонед, бояд донед;
- Нусхаҳои натиҷаҳои тиббӣ, таъиноти духтурон, расидҳо ё ҳисобҳо ва ғайраро нигоҳ доред.

### Соатҳои корӣ / Рӯзи кории расмӣ

Рӯзҳо ва соатҳои корӣ ва расмӣ дар ҳар кишварҳо гуногунанд, вобаста ба омилҳо ва меъёрҳои гуногун. Ана чанд мисол:

Вобаста ба дин / мазҳаб дар кишварҳои дигар:

- кишварҳои мусулмонӣ: якшанбе-панҷшанбе
- дигар кишварҳо: аз душанбе то ҷумъа

Вобаста ба кор:

- Идораҳои муқаррарӣ: аз 8:00 то 18:00
- Барҳо ва тарабхонаҳо: аз соати 12 рӯз то соати 12 шаб
- Офисҳое, ки шабонарӯз кор мекунанд: на камтар аз 3 баст, масалан, аз 06:00 саҳар то 14:00 рӯз, аз 14:00 рӯз то соати 10:00 шаб, аз соати 10:00 шаб то соати 6:00 саҳар
- Кор дар хона: камтар аз 8 соат, бе танаффус барои дамгирӣ дар давоми рӯз

Вобаста ба корфармо:

- Киштиҳо (боркаш ё сайёҳӣ): на камтар аз 3 баст, тавре ки дар боло нишон дода шудааст.
- Аутсорсинги захираҳои ТИ (технологияҳои информатсионӣ) ё равандҳои бизнес: на камтар аз 3 баст, тавре ки дар боло нишон дода шудааст.

Таҷрибаи муқаррарӣ дар он аст, ки муассисаҳои давлатӣ, идораҳо, корхонаҳо, муассисаҳои бонкӣ ва ғайра аз соати 8:00 саҳар то соати 18:00 бегоҳ кушодаанд.

Мувофиқи қоидаҳои умумӣ, давомнокии рӯзи корӣ, тибқи қонун ва стандартҳои байналмилалӣ, набояд зиёда аз 8 соат дар як рӯз, бо танаффуси на камтар аз як соат пас аз ҳар чор соати корӣ бошад. Ҳама гуна вақти корӣ зиёда аз мӯҳлати иҷозатдодашуда, изофакорӣ ҳисоби карда мешавад, ки ин ба муҳоҷири меҳнатӣ ҳуқуқи гирифтани пардохти изофакорӣ медиҳад. Дар ин қоида истисно ҳаст, масалан, ба монанди хизматгорони хонагӣ, баҳрчиён ва онҳое, ки дар вазифаҳои роҳбарӣ кор мекунанд.

Дар варақаҳо оид ба кишварҳои муайян маълумоти лозима дар бораи кишварҳои асосии таъинот дода мешавад.

### Онҳоро дар сомонаи МЗМ ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо карда зеркашӣ кардан мумкин аст.

### Оё ягон маслиҳатҳо оид ба кор, ахлоқ, одоби муошират, кодекси рафтор ва ғайра ҳастанд, ки онҳоро

донистанатон лозим аст? Шумо онҳоро чӣ тавр дар муҳити нави кории худ истифода хоҳед кард?

- Бо корфармоёни худ, роҳбарон ва ҳамкорон, ҳам бо шаҳрвандони миллатҳои дигар ва ҳам бо ҳамватанони худ шинос шавед;
- Забонро дар сатҳи лозима омӯзед;
- Фарҳанг ва меъёрҳои маҳаллиро эҳтиром кунед;
- Нисбати корфармоён, роҳбарон ва ҳамкорони худ ростқавл ва хайрхоҳ бошед;
- Кӯшиш кунед, ки ба ягон гурӯҳи муайян ҳамроҳ нашавед, хусусан агар фаҳмед, ки онҷо мухолифат ё динамикаи рафтори гурӯҳӣ мушоҳида мешавад; бо вуҷуди ин, худро канор кашида мардумгурез ва хилватгузин нашавед;
- Дар фаъолият ё чорабиниҳои ширкат иштирок намоед;
- Агар ба ин иҷозат бошад ва агар ин кор ва мақоми шуморо зери хатар нагузорад, ба иттифоқи касаба ё иттиҳодияи коргарон ҳамроҳ шавед.

Чӣ тавр бо стресс мубориза бурдан лозим аст?

Ана чанд маслиҳат ва тавсияҳо:

- Бо кори дустдоштаи худ (хобби) машғул шавед, ба монанди машқҳои ҷисмонӣ, футбол, боғдорӣ, омӯзиши забонҳои нав, рафтан ба ҷойҳои таърихӣ ё ҷолиб ва ғайра.
- Ҳоли хуби саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳии худро нигоҳ доред;
- Дар вақти корӣ диққати асосиро ба кор диҳед, то вақти истироҳати худро барои машғулиятҳои дигар бештар истифода баред;
- Пешакӣ нақшаи тақвимии амалҳои худро тартиб диҳед; кӯшиш кунед, ки ин нақшаи худро риоя кунед;
- Ба гурӯҳҳо ва созмонҳои муҳоҷирон ҳамроҳ шавед;
- Дар чорабиниҳое, ки аз ҷониби сафоратхонаҳо ё консулгариҳо ташкил карда мешаванд, иштирок кунед;
- Мунтазам бо дӯстон ва хешу таборон алоқа намоед ва муоширaт кунед;
- Берун аз кор дӯстони нав пайдо кунед; бо одамони дигар миллатҳо шинос шавед; муоширатро танҳо бо дӯстони миллати худ маҳдуд накунед;
- Фикру андешаҳои худ, нуқтаи назар ва ғайраро нависта гиред; дафтари хотира тартиб диҳед;
- Дар бораи фарҳанг, урфу одат, қонунҳои миллатҳои дигар, ки бо шумо кор мекунанд ё бо онҳо мунтазам мулоқот мекунед, хусусан бо намояндагони корфармои худ, маълумоти бештар гиред.

Носталгия (ҳасрати ватан), пазмонии хонаро чӣ тавр паси сар бояд кард:

- одатҳои худро напартоед – навъи дустоштаи варзиш ё фаъолнокӣ барои ба ҳаёти ҳаррӯзаи шумо баргардонидани осудахотирӣ ва тартиби муқаррарӣ мусоидат мекунад;
- машқҳои мунтазами варзишӣ ба шумо барои мубориза бо танҳоӣ ва нигоҳ доштани саломатӣ ва намуди солим ба шумо кӯмак мерасонанд;
- кӯшиш накунед, ки ғаму ғуссаи худро бо машрубот, маводи мухаддир ё қимор таскин диҳед – он ба шумо ҳеҷ фоидае намерасонад, ба ғайр аз он боиси он мегардад, ки ба он одат мекунед;
- бо дигар одамон робита ва муошират кунед - бо оила ва дӯстон дар тамос бошед ва кӯшиш кунед, ки дӯстони нав пайдо кунед.
- бо дигарон дар бораи фикру эҳсосоти худ сӯҳбат кунед ва кӯмак пурсед.

## Пул ва пасандозҳо

### Ҳисоби бонкӣ

Барои гирифтани маош ё пардохти ҳисоботҳои гуногун, масалан пардохти иҷорапулӣ, шумо бояд суратҳисоби бонкӣ кушоед. Дар аксари ҳолатҳо, барои кушодани суратҳисоби бонкӣ барои шумо дар кишвари таъинот корфармо масъул аст, асосан дар ҳолатҳое, ки маош танҳо тавассути бонк пардохт карда мешавад. Бо шартҳои кушодани суратҳисоби бонкӣ шинос шавед.

### Оё ягон андозҳо, пардохтҳои суғурта ва дигар пардохтҳое ҳастанд, ки шумо ҳангоми дар хориҷа кор кардан, бояд пардохт кунед?

Дар ҳар як кишвар қоидаҳои муайян оиди андозбандии даромади дар хориҷа бадастоварда шуда ҳастанд, ки метавонанд ба шумо дахл дошта бошад. Уҳдадориҳои худро дониста гиред ва ҳуҷҷатҳои заруриро ҷамъ карда монед. Аз рӯи қоида, шумо аз тамоми даромадҳои худ дар кишваре, ки онҷо кор мекунед, бояд андоз супоред. Маблағи андоз аз даромади солона ва ӯҳдадориҳои андозии шумо вобаста хоҳад буд.

### Нақшаи молиявӣ

Сабаби асосӣ барои ба хориҷа барои кор рафтан, ин гирифтани даромадҳои зиёдтаре аст, бинобар ин бисёр муҳим аст, ки пулҳои худро дуруст идора намоед, ки каме пул пасандоз намоед ва ҳамзамон тавонед, ки каме пул баргашта ба хона равон кунед.

Музди коре, ки барои кор дар хориҷа ба даст мегиред, ба назари муҳоҷирони меҳнатӣ хеле баланд намуда метавонад, аммо бо вуҷуди ин, арзиши зиндагиро дар хориҷа ба назар гирифтан лозим аст. Пас аз баровардани ҳамаи хароҷотҳои зарурӣ, ки ба шумо барои зиндагӣ кардан дар кишвари дигар лозим аст, эҳтимол дертар мефаҳмед, ки маблағе, ки сарфа карда метавонед, аз маблағи умед доштаатон хеле камтар аст.

Нақшаи молиявиро тартиб диҳед. Ба ин нақша бояд маълумотро дар бораи он ки ҳадафи шумо чист, барои расидан ба ин ҳадаф шумо бояд чӣ қадар пул кор кунед, дар асл чи қадар пул кор мекунед, чӣ қадар пул бояд сарфа кунед ва харҷ кунед ва ғайраро ворид намоед. Дар МЗМ ба шумо намунаи нақшаи молиявиро, агар ба шумо лозим бошад, дода метавонанд.

Дар бораи хароҷоти миёна барои хӯрок, иҷорапулӣ, ипотека ва хизматрасонии коммуналӣ дониста гиред. Маълумоти фаҳмидагиатонро нависта гиред ва бо хароҷотҳои ҳозираи худ муқоиса кунед. Ин ба шумо тасаввурот медиҳад, ки хароҷоти шумо чӣ гуна тағйир хоҳад ёфт ва шумо метавонед нақшаи молиявии худро мувофиқи он аз нав таҳия намоед.

### **Пулҳои худро чӣ тавр идора мекунед? Чи тавр пулҳоятонро пасандоз мекунед?**

Чанд маслиҳат ва тавсияҳо:

- Пеш аз ҳама пулҳои худро барои талаботи зарурии худ сарф кунед, на ба хоҳишҳои гуногун ва дигар чизҳои беҳуда.
- Қарз ва кредитҳои худро сари вақт пардохт намоед. Барои пардохт намудани дигар қарзҳо, пул қарз нагиред.
- Як қисми пасандозҳои худро ба ягон тиҷорат сармоягузорӣ кунед, ё худ мустақиман ё тавассути касе аз оилаи шумо, ки бо ин тиҷорат фаъолтар машғул шуда метавонад, агар онҳо бо ягон кори дигар банд набошанд.

Курсҳои онлайн барои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва дастрасттар намудани хизматрасонии молиявӣ мавҷуданд, ки онҷо метавонед маълумоти зеринро дастрас кунед:

- Ба таври оқилонатар идора намудани интиқолҳои пулӣ
- Усулҳои самараноки ҷамъ кардани пасандозҳо
- Аз бори қарз чи гуна раҳо ёфтан мумкин аст
- Ба куҷо маблағҳои худро сармоягузорӣ бояд кард
- Чӣ тавр соҳиби тиҷорат шудан мумкин аст

Курсҳои онлайн:

- https://zillion.net/courses/show/6926/osnovy-finansovoi-ghramotnosti
- https://www.coursera.org/learn/upravlenie-lichnymi-finansami
- https://www.coursera.org/learn/ekonomika-dlya-neekonomistov
- https://stepik.org/course/56728/promo

- https://4brain.ru/finance/

Чунин курсҳо инчунин дар марказҳои иттилоотӣ барои муҳоҷирон гузаронда мешаванд.

Илова бар ин, дар брошюраҳо оид ба ҳар як кишвари муайян, маълумот дар бораи кишварҳои асосии таъинот оварда шудааст. **Онҳоро аз сомона ва шабакаҳои иҷтимоии МЗМ зеркашӣ карда гирифтан мумкин аст.**

## Машғулияти 4 – Кор дар хориҷа

Кадом намуди корро иҷро карда метавонед?
Баъзе шартҳо бевосита дар иҷозатномаи кории шумо навишта мешаванд. Ба ин бандҳои зерин дохил карда шуда метавонанд:

- намуди коре, ки шумо иҷро карда метавонед;
- корфармое, ки барои ӯ кор карда метавонед;
- ҷое, ки кор карда метавонед, ё
- то кай шумо кор карда метавонед.

Ба ин шартҳо диққати зиёд диҳед!

### Кадом қонунҳо ва қоидаҳоро доир ба фаъолияти меҳнатӣ дар кишвари таъинот шумо бояд донед?

Мақоми ҳуқуқии кормандон тибқи қонунҳои меҳнат танзим карда мешавад, ки дар ҳар кишвар фарқ мекунад. Ҳатман бо қонунгузории асосии меҳнатӣ дар кишвари таъинот шинос шавед, инчунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро дар он кишвар дониста гиред.

Дар МЗМ пурсед, ки онҳо модули омӯзишӣ барои кишвари таъинот, ки онҷо нияти сафар кардан доред, доранд ё не. Агар набошад, шумо метавонед барои гирифтани маълумоти бештар ба сомонаҳои дахлдори хадамоти муҳоҷират ё вазоратҳои корҳои хориҷии кишварҳои таъинот гузаред.

### Чораҳои бехатарӣ ва ҳифз:

- Ҳангоми қабул кардани қарор оид ба муҳоҷират рафтан, бояд дар бораи шароити кор дониши зарурӣ дошта бошед.
- Аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва равонӣ барои қабули одатҳои нави хӯрокхӯрӣ, ки эҳтимолан аз одатҳои Тоҷикистон фарқ мекунанд, омода бошед.
- Ҳаво дар Шарқи Наздик аз ҳавои Тоҷикистон комилан фарқ мекунад, бинобар ин шумо бо худ бояд либоси мувофиқро, бо назардошти муҳити кишвари таъинот, гирифта баред.
- Кишварҳои Шарқи наздик қоидаҳои исломиро қатъиян риоя мекунанд, аз ин рӯ, шумо бояд ба он омода бошед, ки қоидаҳои либоспӯшии исломиро ва гуфтаҳои исломро бояд риоя кунед.
- Барои нигоҳ доштани муошироти лозима, шумо бояд забони онҳоро ёд гиред.
- Маошро ба суратҳисоби худ пардохт намудан лозим аст.
- Ба корфармо ва агентии рекрутингӣ маълумотро барои тамос бо аъзои оилаи худ, барои ягон ҳолатҳои фавқулодда хабар диҳед.
- Ҳуҷҷатҳои шахсиро дар ягон ҷои эътимоднок нигоҳ доштан лозим аст, хусусан шиноснома, пул ва ғайра.
- Маълумотро барои тамос бо беморхонаи наздиктарин, шӯъбаи полис, сафорат ва ғайраҳоро нависта бо худ нигоҳ доштан лозим аст.
- Инчунин рақами телефонро барои тамос бо шиносҳои ҳамкорони худ, барои ҳолатҳои фавқулодда, нависта гирифтан лозим аст.
- Шумо бояд қонунҳои кишвари таъинотро донед.
- Ҳангоми ба охир расидани раводид, шумо бояд фавран аз паи бозгашт ба кишвари аслии худ шавед.
- Барои интиқоли пул ҳамеша каналҳои қонуниро истифода баред, масалан - тавассути

амалиётҳои бонкӣ.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ, шумо метавонед аз ин сомонаҳо дидан кунед ва агар шумо ягон савол дошта бошед ё ба шумо маълумоти иловагӣ даркор шавад, бо МЗМ мунтазам тамос гиред:

- http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_34683/ (Федератсияи Россия)
- https://www.fmr-online.ru (Федератсияи Россия)
- http://www.profmigr.com/index.php?option=com_frontpage&Itemid=1 ( Федератсияи Россия)
- https://go Government.ae/en/information-and-services#/ (Аморати Муттаҳидаи Араб)
- https://www.onlineqatar.com/living/laws-and-regulations/labour-laws-in-qatar (Қатар)
- https://qatarlaborlaw.com/ (Қатар)
- http://www.koreanlaborlaw.com/ (Кореяи Ҷанубӣ)
- https://nomada.info.pl/?lang=ru/ (Лаҳистон)
- https://emigration.center/job-pravo.php (Лаҳистон)
- http://www.web-globus.de/articles/trudovoe_pravo_germanii (Олмон)

Маслиҳатҳо ва тавсияҳое, ки барои дар кори нав ба муваффақиятҳо ноил шудан, онҳоро бояд риоя намоед.

- Донистани ихтисос ва соҳа, ҳадафҳои корфармо ва ғайра (хоҳ шахси воқеӣ бошад хоҳ шахси ҳуқуқӣ).
- Фаҳмида гирифтан ва омода будан ба иҷрои вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои худ;
- Риоя намудани қоидаҳои корӣ, протоколҳо, расмиёт ва кодекси рафтор;
- Фаҳмидани механизмҳои ҳифзи ҳуқуқӣ, ҳалли баҳсҳо ва дастрасӣ ба адолат ва қонуният, ба хадамотҳои давлатӣ ва шабакаҳо оид ба дастгирӣ дар ҷои кор;
- Таъмини бехатарӣ ва ҳимояи худ, ашёҳои шахсӣ ва дигар молу мулк;
- Ҳамкорӣ намудан бо ҳамкорон, ҳамсояҳо ва ҷомеаи маҳаллӣ.

### Шартномаи меҳнатӣ

Аксари кишварҳо шартномаи меҳнатиро ҳамчун шартномаи байни корфармо ва коргар мувофиқ карда шуда, муайян мекунанд. Шартномаи меҳнатӣ метавонад дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ баста шавад. Шартномаи меҳнатӣ метавонад бо шартҳои муқарраршуда ё тағйирпазир, ба мӯҳлати муайян ё номуайян ва инчунин барои корҳои мавсимии давомнокияш аз 12 моҳ камтар баста шавад. Давомнокии шартномаи меҳнатӣ дар худи шартнома нишон дода мешавад.

Муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон пеш аз омадан ба кишвари таъинот, бояд шартномаи хаттиро, ки ба тарзи мувофиқ аз ҷониби спонсор/корфармо имзо шудааст, ба даст оранд. Забони расмии шартнома маъмулан забони расмии кишвари таъинот мебошад. Дар хотир нигоҳ доред, ки агар шартнома бо ду забон таҳия шуда бошад, дар сурати баҳс дар бораи шартҳои шартнома, нусхае, ки дар забони расмии кишвари таъинот таҳия карда шудааст, бартарӣ хоҳад дошт.

### Шартҳои ақаллии шартномаи меҳнатӣ

Ба шартномаи меҳнатӣ бояд ба камаш маълумоти зерин дохил карда шавад:

- Тавсифи кор, ҷои кор ва мӯҳлати эътибори шартнома;
- Ҳадди ақали музди меҳнат, маоши асосии ҳармоҳа ва меъёри пардохти изофакорӣ; **шумо бояд даромади худро пурра назорат карда тавонед;**
- Соатҳои корӣ, рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои идонаи муқарраршуда;
- Арзиши сафар ба кишвар/ба ҷои кор ва бозгашт;
- Ҷубронпулӣ дар ҳолати осеб ва бемории касбӣ, инчунин барои ёрии таъҷилии тиббӣ ва табобати стоматологӣ (дандон);
- Заминаҳои асоснок барои қатъ намудани шартнома;
- Роҳҳои ҳалли баҳсҳо;
- Пардохтҳо ва имтиёзҳои ғайрипулӣ, аз ҷумла таъминоти хӯроки ройгон ва манзил (агар чунин мавҷуд бошад).

Дохил кардан ё илова кардани ягон гуна муқарраротe, ки ба стандартҳои ҳадди ақал ҷавобгӯ нестанд, иҷозат дода намешавад. Бо вуҷуди ин корфармо метавонад илова ба музди меҳнати ақаллӣ, ба коргар дигар имтиёзҳо ва подош диҳад, ки мувофиқи қонунҳои байналмилалӣ ё миллӣ пешбинӣ шудаанд.

**Баъзе маслиҳатҳо ва тавсияҳо, ки онҳоро донистан беҳтар аст.**

- Ҳар як банди шартнома бояд фаҳмо бошад; он бояд бо забон/забонҳои ба тарафҳои шартнома фаҳмо навишта шуда бошад;
- Дурустӣ ва пуррагии шартномаро дида баромадан лозим аст: бояд донед, ки барои машварати ҳуқуқӣ ба кӣ муроҷиат кардан мумкин аст;
- Шартнома бояд пешакӣ дода шавад, на дар фурудгоҳ ё ҳангоми ба парвоз баромада рафтан;
- Нусхаи дуюми ҳамаи ҳуҷҷатҳоро нигоҳ доред; нусхаи ҳуҷҷатҳоро ба ягон аъзои оила, дӯсти боваринок ё ҳамкоратон монда равед.

Чораҳои эҳтиётӣ

- Шартномаи меҳнатиро бодиққат хонда бароед. Дар он бояд ҳама шароитҳои кори таъминшуда, аз ҷумла музди меҳнат, батафсил баён карда шаванд.
- Баъд аз омада расидан ба кишвари таъинот, корфармо инчунин метавонад аз шумо талаб кунад, ки шартномаи нави меҳнатиро имзо кунед. Ҳеҷ гуна шартномаи меҳнатиро, ки шартҳои он назар ба шартномаи дар Тоҷикистон басташуда бадтаранд, ё ягон варақаи холиро, имзо НАКУНЕД. Пеш аз имзо кардани шартномаи нав, онро бодиққат хонда бароед ва тамоми матни онро бо шартҳои шартномаи намунавии муҳоҷири меҳнатӣ ё шартномаи байни шумо ва агентии бокортаъминкунӣ, ки пеш аз омадан мувофиқа карда будед, муқоиса кунед. Агар байни нусхаи шартнома, ки дар даст доред, ва шартномаи дуввум дар шартҳо тағйирот бошад, талаб кунед, ки онро шарҳ диҳанд. Агар шумо бо тағйиротҳо розӣ набошед, барои кӯмак муроҷиат кунед.
- Дар хотир нигоҳ доред, ки дар амал, дар баъзе ҳолатҳо, шартномаи дуюм ба меъёрҳои ҳадди ақал ҷавобгӯ нест ва ҳатто метавонад ҳуқуқҳои шуморо ба фоидаи корфармо поймол кунад.

Рӯйхати санҷишии шумо оид ба кортаъминкунӣ

| | | Санҷида бинед ✓ |
|---|---|---|
| Оё шумо: | Шартномаро имзо кардаед?<br>Нусхаи шартномаро гирифтаед?<br>Пурра ҳама шартҳои бокортаъминкуниро, мӯҳлати шартномаро фаҳмида гирифтед ва медонед ки дар сурати мухолифат чӣ гуна рафтор намудан лозим аст (масъалан, шартнома пеш аз ба охир расидани мӯҳлати қонунии он қатъ карда мешавад)? | |
| Оё шумо медонед: | Номи расман бақайдгирифташуда ва ё номи пурраи корфармои шумо чист? | |
| | Тафсилот дар бораи корфармо (ном, нишонӣ ва ғайра)? | |
| | Номи вазифаи худ? | |
| | Чӣ гуна корро шумо бояд иҷро намоед? | |
| Оё шумо медонед ки : | Бо шарти шуғли пурра, шуғли қисман кор мекунед ё ки кори рӯзбаъйро иҷро менамоед ? | |
| | Ба таври доимӣ ё муваққатӣ кор мекунед? | |
| | Бо мӯҳлати санҷишӣ кор мекунед ва мӯҳлати санҷишӣ кадом вақт ба охир мерасад? | |
| | Пули изофакорӣ, ки баъд аз вақти расмии корӣ иҷро мешавад, пардохт карда мешавад? | |
| | Аз нақлиёти ройгон барои ба кор рафтан ва аз кор омадан, ки корфармои таъмин менамояд, истифода мебаред? | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё маълумоти зерин ба ведомости маошии шумо дохил карда шудааст: | Номи шумо? | |
| | Номи корфармои шумо? | |
| | Саршавии давра ки барои он маош дода мешавад, санаи ба охир расидани он ва санаи пардохти маош? | |
| | Ҳаҷми маоши шумо? | |
| | Ягон маблағҳое, ки ба таври қонунӣ аз маош нигоҳ дошта мешаванд? | |
| Оё шумо оиди ин чизҳо медонед: | Маоши тарифии яксоатаи худро пеш аз пардохти андозҳо? | |
| | Давраи пардохт (ҳар ҳафта, ҳар моҳ)? | |
| | Роҳи пардохт (пули нақд, расид дар шакли депозит ба суратҳисоби бонкии шумо)? | |
| | Вақти оғоз ва ба охир расидани кор? | |
| | Миқдори камтарини соати корӣ дар як ҳафта? | |
| | Вақте ки барои хурдани хӯрок ва истироҳат ҷудо карда шудааст? | |
| Оё шумо медонед ки дар ҳолатҳои зерин чӣ кор кардан лозим аст: | Шумо бемор ҳастед ва ба шумо рӯзи истироҳат лозим аст? | |
| | Шумо ба рӯхсатӣ рафтан мехоҳед? | |
| | Дар ҷойи кор осеб ё зарари ҷисмонӣ гирифтаед? | |
| | Шумо шикоят кардан мехоҳед? | |
| | Шумо аз кор рафтан мехоҳед? | |
| | Шуморо аз кор озод карданд? | |

Кадом муқаррароти меъёрии ширкат, тартиботро оид ба масъалаҳои кадрӣ ва маводи роҳнамоии корфармои худро шумо бояд пурра омӯхта гиред?

Одатан, коргарони навомадаро дар корхона ё ҳангоми кори кироя бо ӯҳдадориҳои онҳо шинос менамоянд ва дар самти кор роҳнамоӣ мекунанд. Мавзӯъҳои гуногун, ба монанди профили корхона/корфармо, кор ва фаъолияти он, шӯъбаҳо/офисҳои гуногун, тартиботи молиявӣ ва кадрӣ, маводҳои дастурамалӣ ва ғайра баррасӣ карда мешаванд. Ҳатман дар чунин презентатсияҳо иштирок кунед ва кӯшиш кунед, ки ҳама чизҳоро дуруст фаҳмида гиред.
Дар сурате, ки ягон брифинги муқаддимавӣ ё роҳнамоӣ гузаронда нашавад, барои гирифтани маълумоти бештар оида маводи дастурамалӣ ба шуъбаи молия ё кадрҳо муроҷиат кунед. Баъзан ширкатҳо барои ин мақсад дастурамали худро доранд. Аз корфармо ё роҳбари худ хоҳиш кунед, ки бо ӯ алоҳида вохӯред ва масъулият ва ӯҳдадориҳои худро ва он чиро, ки онҳо аз шумо интизоранд, муҳокима кунед. Шарм накунед, ва агар ин ба шумо барои дуруст ва зуд иҷро кардани кори худ кӯмак расонад, бо одамони мувофиқ дар ширкати худ вохӯрда аз онҳо саволҳои худро пурсед.

Одатан, ҳар як ширкат ё корфармо аз коргарони худ чизҳои зеринро интизор аст:

- Ба идора ё ҷои кор ба таври мунтазам ва сари вақт биёед
- Вазифаҳои худро бо ҷидду ҷаҳд ва ба таври бояду шояд иҷро намоед
- Утоқҳо ва захираҳои офисро ба таври дуруст истифода баред
- Дар сурати ба вуҷуд омадани мушкилот, фавран ба роҳбари худ ё мудири шӯъба, ба ҳамкор, оила ё ба кормандони сафорат муроҷиат карда маслиҳат пурсед.
- Малакаҳои навро, ки барои беҳтар иҷро кардани кор кӯмак мекунанд, омӯзед.
- Корфармоён, роҳбарон, ҳамкорон, шахсони мансабдорро новобаста аз мақом ва нажоду насаби онҳо эҳтиром кунед
- Талабот ва мақоми худро фаромуш накунед
- Фарҳанги кишвар, ва инчунин меъёрҳои қабулшудаи рафтор, расмиёт ва сиёсати ширкатро эҳтиром кунед.
- Ба одамон ва моликият зарар нарасонед
- Ҳеҷ гоҳ бо ягон фаъолияти ғайриқонунӣ, ба монанди қиморбозӣ, арақхӯрӣ, хариду фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ғайра машғул нашавед.

### Агар кори ҳозираи шумо ба он шартҳое, ки дар шартнома дохил карда шудааст, мувофиқат накунад, чӣ кор бояд кард?

Ин вайронкунӣ ё иваз кардани шартнома аст. На ба ин ва на он иҷозат дода намешавад ва барои ҳардуи ин амал ҷазо ва ё ҷарима пешбинӣ шудааст. Агар шумо ба ин ҳолат дучор шудед, шумо метавонед фавран ба мақомоти дахлдор хабар диҳед ё шикоят кунед.

Агар вайронкуниҳо тадриҷан ё қисман рух диҳанд, тавсия медиҳем, ки ин ҳодисаҳоро дар қайдҳои худ ё дар паёмҳое, ки ба дӯстон, оила ё ҳамкорон мефиристед, сабт намоед. Агар шумо оиди ин вайронкуниҳо ба корфармо ё агентии рекрутингӣ хабар диҳед, он паёмҳоро нест ё нобуд накунед. Ин шикоятҳои шумо далели ҳуҷҷатнок ва тақвияти шикоятҳои шумо мегардад, агар шумо ситониш ё ҷуброни зиёни расондашударо талаб намоед.

Дар хотир нигоҳ доред , ки ҳатто агар вайронкуниҳо тадриҷан ё қисман содир шуда бошанд ҳам, ин шахси гунаҳкор ё вайронкунандаро аз ҷавобгарӣ ва ҷазо озод намекунад.

### Агар ин кор ба шумо маъқул набошад, чӣ кор карда метавонед?

Агар коратон ба шумо маъқул набошад, чунки ба ин гуна кор одат накардаед, шумо бояд каме сабр кунед, то тарзи кор карданро омӯзед ва ба он мутобиқ шавед. Зиндагӣ ва кор кардан дар кишвари дигар бо муҳити дигар, бо одамони дигар, бо қоидаҳои дигар на ҳамеша бароҳат аст. Барои одат кардан ба тартиботи нав, омӯхтани кори нав, мутобиқ шудан ба ҳамкорони нав ва ғайра, вақт лозим аст. Дарҳол ноумед нашавед. Бо дигар ҳамкорони худ сӯҳбат кунед, шояд онҳо низ ҳамин хела эҳсосот доранд.

Агар ба шумо ин кор аз он сабаб маъқул набошад, ки бо шумо бад муносибат мекунанд, шуморо истисмор мекунанд, ё ҳуқуқ ва осудагии шуморо поймол мекунанд, фавран ба мақомот ё сафорат хабар диҳед.

Агар ба шумо ин кор аз он сабаб маъқул набошад, ки ин кор душвор ва хастакунанда аст, инро бо корфармо ё роҳбари худ муҳокима кунед ва роҳҳои беҳтар намудани муҳити корро барои шумо, бе расонидани зарар ба маҳсулнокии меҳнат ва дигар омилҳое, ки пеш аз ҳама ба ҳамкорони шумо таъсир мерасонанд, пешниҳод кунед. Инчунин бо дигар ҳамкорони худ, ки ин гуна ҳолатро аз сар гузаронидаанд, сӯҳбат кунед, чунки онҳо метавонанд ба шумо маслиҳат диҳанд ё роҳи ҳалли ин вазъиятро нишон диҳанд.

Агар мушкилот боз ҳам боқӣ монад ва ё дубора пайдо шавад, пас ин вазъиятро худатон таҳлил кунед, тарафҳои мусбат ва манфии ин вазъиятро - дар кор мондан ё ба хона баргаштанро баҳо диҳед. Ана чанд омилҳое, ки шумо метавонед дар бораи онҳо фикр кунед:

- Оё шумо метавонед кори дигаре пайдо кунед, ки маоши камтар дошта бошад ҳам, аммо талаботаш ба кор камтар бошад?
- Агар чунин бошад, пас шумо метавонед чун пештара қарзҳои худро баргардонед?
- Агар ин тавр бошад, шумо метавонед чун пештара оилаи худро таъмин кунед?
- Оё шумо метавонед кори дигаре пайдо кунед, ки аз он қаноатманд бошед?
- Оё шумо омодаед, ки аз барои ин кор бисёр чизҳои дигареро зери хатар гузоред?

### Оё шумо метавонед корфармои худро иваз кунед?

Барои иваз кардани корфармо, шумо бояд барои тағйир додани шартҳои иҷозатномаи кории худ муроҷиат кунед. Он чизе, ки ба шумо лозим аст, аз қонунгузории бозори меҳнат, ки дар кишвари таъинот амал мекунад, вобаста хоҳад буд.

Тибқи системаи Кафала, шахси сарпарастӣ кардашуда ӯҳдадор мешавад, ки ба ҷуз сарпарасти худ ба ҳеҷ каси дигар кор намекунад. Сарпараст инчунин ӯҳдадор мешавад, ки хориҷии дигареро, ки сарпарастӣ ӯ нест ё аз ҷониби дигарон сарпарастӣ шудааст, ба кор қабул намекунад.

## Коргарони хонагӣ

Ҳозира вақт , коргаронеро, ки намудҳои гуногуни корро дар хонаи корфармо иҷро мекунанд, одатан “коргарони хонагӣ” меноманд. Ин мафҳум ҳам дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам дар қонунгузории Россия истифода мешавад.

Мувофиқи Конвенсияи Созмони Байналмиллалии Меҳнат (№ 189, ба Замима нигаред): 1) “кори хонагӣ” маънои кореро дорад, ки дар хонавода ё барои хонавода ё хонаводаҳо анҷом дода мешавад; 2) истилоҳи “коргари хонагӣ” маънои ҳама гуна шахсонеро дорад, ки дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ба корҳои хонагӣ машғуланд. Дар доираи кори хонагӣ ҳам мардону ҳам занон машғуланд, ки пурра ё қисман, барои як ё якчанд корфармо кор мекунанд, дар ҷои кор ё берун аз он истиқомат мекунанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, тақсимкунии коргарони хонагӣ ба ду категорияи шартӣ қабул карда шудааст: онҳое, ки асосан бо одамон кор мекунанд (доя, парастор, касалбон, гувернантка (мураббия ва муаллима барои кӯдакон дар оила) ва ғайра) ва онҳое, ки асосан бо ашёи хона кор мекунанд (фаррош, хизматгорзан, ошпаз, боғбон, посбон). Ғайр аз он, намудҳои коргарони хонагӣ бо асосҳои дигар муайян карда мешаванд, масалан, муваққатӣ, доимӣ, онҳое, ки рӯзи пурраи корӣ кор мекунанд, онҳое, ки рӯзи нопурраи корӣ кор мекунанд, онҳое, ки ба хонаи корфармо танҳо дар вақти кор меоянд; онҳое, ки дар хонаи корфармо ба таври доимӣ зиндагӣ мекунанд ва ғайра. Мувофиқи таснифоти стандартии байналмилалии касбҳо (ТСБК) -и СБМ, кори хонагӣ касбҳои зеринро дар бар мегирад: ронанда / ронандаи мошини хусусӣ; сарпешхизмат; коргари хонагии деҳот / коргарон дар хоҷагӣ (ферма); борбардор, хизматгорони шабона; нигоҳбон / посбон; ошпаз; парастор / гувернантка / дояи ба хона меомадагӣ; коргари хоҷагӣ / кадбону / хизматгори хона/ хизамтгорзан/ “бой”; коргаре, ки ба маъюбон ва беморон нигоҳубин мекунад; коргаре, ки ба пиронсолон нигоҳубин мекунад; боғбон; коргаре, ки барои ҷомашӯӣ масъул аст/ либосшӯӣ; коргаре, ки барои дарзмоли либосҳо масъул аст; коромӯзон; донишҷӯён - доя / дояҳои иловагӣ, муваққатӣ; фаррошон.

Дар Аврупои Шарқӣ ва кишварҳои ИДМ соҳаи кори хонагӣ камтар паҳн шудааст ва камтар аз 1% шумораи умумии аҳолии шуғлдоштаро ташкил мекунад. Ҳамин тариқ, соли 2006 дар Полша 11 ҳазор коргарони хонагӣ ба қайд гирифта шуданд (0,1% аз шумораи умумии шуғлдоштагон), дар Руминия - тақрибан 29 ҳазор нафар (0,3% аз шумораи умумии шуғлдоштагон). Дар Россия, то соли 2008, 43 ҳазор коргарони хонагӣ ба қайд гирифта шудаанд, дар Озарбойҷон - 68 ҳазор, дар Қазоқистон - 21 400 нафар. Сарфи назар аз он, ки дар ҷаҳон 8,9 миллион мардон бо кори кирояи хонагӣ (боғбонон, нигоҳбон, посбонон) машғуланд, барои кори хонагӣ сатҳи баланди феминизатсия хос аст: аксарият (83%) коргарони хонагӣ занҳоянд - аз 63% дар Шарқи Наздик то 92% дар Амрикои Лотинӣ ва Ҷазираҳои баҳри Кариб. Байни кӯдакон - коргарони хонагӣ – шумораи духтарон низ зиёдтар аст.

Тибқи маълумоти СБМ, муҳоҷирон - коргарони хонагӣ яке аз осебпазиртарин категорияи коргарон дар ҷаҳон ба шумор мераванд. Таҳқиқотҳои зиёд нишон медиҳанд, ки ҳамаи коргарони хонагӣ, хоҳ онҳо шаҳрванди ҳамон кишвар бошанд, хоҳ муҳоҷирони қонунӣ ё ғайриқонунӣ, онҳо аз шароити вазнини кор ва истисмор ҳифз нестанд. Аммо, бояд таъкид кард, ки осебпазирии муҳоҷирон, бахусус муҳоҷирони ғайриқонунӣ – занон, аксар вақт аз сабаби надонистани забон ва қонунҳои кишвар, шароити маҳаллӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ, шадидтар мегардад. Меҳнати кирояи хонагӣ дар хонаводаҳои хусусӣ – ин доираи шуғлест, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аз ҳама ноаён ва кам ҳифз карда шуда аст.

Коргарони хонагӣ, ки дар хонаводаи корфармои худ зиндагӣ мекунанд, махсусан ба хатари ба маҳдудият афтидан ва ба муносибати бад гирифтор шудан дучор мегарданд. Агар мақоми онҳо ғайриқонунӣ бошад, зиндагии онҳо метавонад дар чор девор боз ҳам пӯшидатар шавад. Агар шумо хоҳед, ки ба кори хонагӣ машғул шавед, ҳатман қонунгузории кишвари таъинотро дар ин бора таҳлил кунед. Бисёре аз кишварҳое, ки муҳоҷирони тоҷик онҳоро ҳамчун кишварҳои таъинот беҳтар

медонанд, кори хонагиро аз ҷиҳати татбиқи кодекси меҳнатӣ, ҳамчун меҳнат эътироф намекунанд ва онҳо ҳуқуқи ин тоифа коргаронро ба татбиқи ҳуқуқҳое, ки қонунгузории меҳнат ҳифз мекунанд, дохил намекунанд.

### Чӣ гуна ба зуровари ҷисмонӣ, ҷинсӣ, равонӣ, молиявӣ ва таҳқиру дашном роҳ набояд дод?

Ана чанд маслиҳат ва тавсияҳо:

- Бо корфармо ва оилаи ӯ муносибати наздик нигоҳ дошта истед, ҳамзамон маҳфияти ҳаёти шахсии худро ҳифз ва ҳимоя намоед.
- Кӯшиш намоед, ки шумо дар хона фазои (ҷои) шахсии худ дошта бошед.
- Нагузоред, ки корфармо ба ҷои шахсии шумо ворид шавад, хусусан вақте ки шумо танҳоед
- Ба дастрасонӣ ё хушомадгуиҳои нолозима роҳ надиҳед.
- Нисбати хусусиятҳои фарҳангии (стереотипҳои тафаккури миллӣ) ин ё он кишвар, ки ба ҷинс, мансубияти гендерӣ ва ғайра марбутанд, эҳтиромона ва эҳтиёткорона муносибат намоед;
- Аз корфармои худ пул ва дигар дороиҳои моддиро қарз нагиред, чунки дар ҳоли ба таври мунтазам гаштани ин гуна қарзгирӣ, ин метавонад боиси сӯиистифодаи эҳтимолии молиявӣ гардад; агар ба шумо лозим ояд, ки бинобар ягон ҳолати фавқулодда қарз гиред, онро фавран баргардонед.
- Дар вақти корӣ тамоми диққатро ба кор диҳед, аммо ҳангоми танаффус, рухсатӣ ё рӯзҳои ид кӯшиш кунед, ки дар бораи кор фикр накунед).
- Ҷавобан ба корфармои худ дод назанед; агар ӯ ба шумо бисёр дод занад, бо ӯ муҳокима кунед, ки чи тавр ба ин роҳ надодан лозим аст; агар ин такрор шудан гирад ё агар ин масъала ҳал нашавад, оиди ин ҳолат ба сафорат, созмони муҳоҷират ё созмонҳои ҷамъиятӣ хабар диҳед.

Дар шартномаи меҳнатӣ вазифаҳо ва масъулиятҳои мушаххаси шумо бояд аниқ нишон дода шуда бошанд, хусусан агар кори хонагӣ нигоҳубини кӯдакон, пиронсолон ё дигар аъзоёни оиларо бо мушкилоти ҷисмонӣ ё тиббӣ дар назар дошта бошад, чунки ин кор малака ва таваҷҷӯҳи махсусро талаб мекунад. Мувофиқи ин, ба шумо лозим аст, ки маълумоти заруриро дошта бошед, шумо бояд омӯзиши лозима гиред ё бояд тахассуси мувофиқ дошта бошед, то кори худро хуб иҷро кунед ва ба хатогиҳо роҳ надиҳед, ки боиси хатар ба саломатӣ ё марги корфармои шумо гардад.

Агар шумо ба пиронсолон ё ба одамон бо мушкилоти ҷисмонӣ ё бемории шароити тиббӣ нигоҳубин кунед:

- Таҳти роҳбарии табиби касбӣ (духтур, ҳамшираи шафқат ва ғайра) амал кунед.
- Дорухатҳои тиббӣ, миқдори додани доруҳо, ҷадвали истеъмоли доруворӣ ва ғайраро бодиққат омӯзед ва фаҳмида гиред.
- Бояд рақамҳои телефонҳои таъҷилии беморхонаҳоро донед
- Аз курси омӯзиш оид ба расондани ёрии аввалини тиббӣ гузаред.

Қайдҳои худро дар ин ҷо бинависед

## Худро санҷед

Шумо бояд ба камаш ба 6 савол ҷавоби дуруст диҳед, то ки тестро супоред ва ба модули навбатӣ гузаред.

| | |
|---|---|
| **Саволи 1. Қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ҳар кишвар хеле фарқ мекунанд, ва бинобар ин бисёр муҳим аст, ки худатон таҳқиқот гузаронда фарқиятро дар қонунҳо байни Тоҷикистон ва кишваре, ки онҷо меравед, дониста гиред.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 2. Дар фурудгоҳ ба шумо иҷозат медиҳанд ки парвози худро идома диҳед, ҳатто агар шахсияти шуморо муайян карда натавонанд.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 3. Истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ (ба монанди ҳуҷҷатҳои қалбакии сафарӣ/ шаҳодатномаи шахсии миллӣ ва ғайра барои ворид шудан ба кишвари таъинот бо роҳи фиреб) дар баъзе ҳолатҳои махсус иҷозат дода мешавад).** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 4. Ҳангоми саворшудан ба ҳавопаймо муҳим аст, ки дар гузаргоҳ андармон шуда, ба дигарон халал нарасонед .** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 5. Дар баъзе кишварҳо, барои он ки шаҳодатномаи ронандагии байналмиллалии шумо дар хориҷа эътиборнок ҳисобида шавад, шумо бояд имтиҳон супоред ва баъзе талаботҳоро иҷро намоед.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 6. Шумо метавонед бо худ ба ҳавопаймо баъзе хӯришҳои сахтро гиред ба монанди: кренделки, чипсҳои картошкагӣ ва ё чӯбчаҳои мевагӣ/сабзавотӣ.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 7. Шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишвари хориҷӣ тавассути агенти бақайдгирифташуда оиди бакорҷалбкунӣ, ё ки бевосита тавассути корфармои хориҷӣ, бо кор таъмин мегарданд.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 8. Кафала – ин яке аз мақбултарин системаҳои дастрас намудани роҳ ба бозори меҳнат барои хориҷиён аст** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 9. Ҳама чизҳои қимматбаҳои худро бояд ба бағоҷи бақайдгирифташуда баста гузоред.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 10. Дар нуқтаи назоратии мамлакати таъинот коргари Хадамоти муҳоҷиратии маҳаллӣ тасмим мегирад, ки оё ба шумо вуруд ба кишвари таъинот иҷозат дода мешавад ё не, ва инчунин то кадом вақт шумо онҷо монда метавонед.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |

### Захираҳои маълумотдиҳӣ

- ВКХ Вазорати корҳои хориҷӣ - https://www.mfa.tj
- ВКД Вазорати корҳои дохилӣ - https://mvd.tj
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ- https://mehnat.tj

## МОДУЛИ 3. ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

| Ҳадафҳои омӯзиш: | Ба даст овардани маълумоти воқеӣ оид ба ҳимояи қонунии ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ |
|---|---|
| Натиҷаҳои омӯзиш:<br><br>Дар охири ин модул шумо метавонед: | - Фаҳмида гирифтед ки чӣ тавр мақоми ҳуқуқии худро дар кишвари таъинот нигоҳ доштан лозим аст<br>- Мушкилоти маъмулиро, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дучор мегарданд муайян менамоед<br>- Аз салоҳияти сафорати Тоҷикистон хабардор ҳастед ва медонед ки онҳо чӣ тавр ба шумо ёрдам кардан метавонанд |

### Машғулияти 1 – Мақоми ҳуқуқӣ (қонунӣ)

#### Вуруди қонунӣ

- **Ҳамеша аз он бохабар бошед, ки мӯҳлати эътиборнокии шиносномаатон нагузарад.** Мӯҳлати эътибори онро, на камтар аз ду моҳ пеш аз ба охир расидани мӯҳлати он, дар намояндагии дахлдори Тоҷикистон дар хориҷа тамдид (дароз) кунед.
- Агар шумо шиносномаи худро гум карда бошед, оиди он фавран ба намояндагии Тоҷикистон хабар диҳед ва ба онҳо маълумоти муфассалро, аз қабили рақами шиноснома, сана ва ҷои дода шудан, ном ва насаби худ, инчунин санаи ворид шудан ба кишвари таъинот, диҳед; бинобар ин ҳамеша нигоҳ доштани нусхаи шиносномаи худ ин қадар муҳим аст.
- Мӯҳлати эътибори раводид/шартномаи меҳнатии худро пеш аз ба охир расидани он тамдид (дароз) кунед. Агар шумо хоҳед, ки ҳангоми рухсатӣ ба Тоҷикистон баргардед, аниқ кунед, ки мӯҳлати раводиди шумо то баргаштани шумо ба кишвари таъинот тамом намешавад.
- Пас аз ба охир расидани мӯҳлати раводид дар кишвари таъинот наистед.

#### Бокортаъминкунии қонунӣ

- Ҳамеша эътиборнокии иҷозатномаи худро барои кор ё ҳуҷҷати ба он монандро, ки кишвари таъинот додааст, санҷида истед.
- Ҳамеша ба он диққат дода истед, ки шартномаи меҳнатии ба як мӯҳлати муайян эътиборнок дошта бошед.
- Мувофиқи низоми Кафала, шумо набояд ба ягон кори доимӣ ё муваққатӣ аз ягон корфармо ба ғайр аз корфармое, ки шуморо сарпарастӣ кардааст, розӣ нашавед. Ин боиси ҷазо мегардад.
- Кӯшиш накунед, ки аз корфармои худ фирор намоед, зеро фирор ҳамчун вайрон кардани шароити будубош ба қайд гирифта мешавад ва шуморо депортатсия карда метавонанд.

**Қонунҳои кишвареро, ки онҷо кор мекунед, риоя кунед,** ҳатто агар онҳо дағал ё беадолат ба назар расанд.

### Машғулияти 2 – Ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ

Новобаста аз мақоми қонунии худ, шумо барои эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандии худ ҳақ доред. Дар поён баъзе ҳуқуқҳои муҳимтарин, ки шумо ҳангоми кор кардан дар хориҷа доред, оварда шудаанд.

#### Музди меҳнат ва маоши ҳадди ақал

Тибқи шартномаи меҳнатӣ, новобаста аз шакли шартнома, шумо барои гирифтани музди меҳнат ҳуқуқ доред; ин музди меҳнат ё маоши асосӣ ё ҳадди ақал ва инчунин ҳама гуна ҷубронпулии иловагиро дар бар мегирад. Музди кор бояд ба таври мунтазам, бевосита ба шумо дода шавад.

Шумо барои гирифтани музди меҳнат барои кори иҷрошуда, ҳатто агар шумо боздошт шавед, корро тарк кунед ё аз кор озод карда шавед, ҳақ доред.

#### Оё корфармо метавонад маоши шуморо боздошт намояд (кам кунад)?

Бале, метавонад, лекин бо баъзе маҳдудиятҳо. Пардохтҳо бояд шаффоф бошанд, дар инҷо бояд ба таври аниқ маоши брутто нишон дода шавад, кадом маблағҳо ва бо кадом мақсад нигоҳ дода мешаванд (масалан, пардохтҳо ба фонди нафақа ва буҷети таъминоти иҷтимоӣ ё пардохтҳои иттифоқи касаба, агар лозим бошад) ва инчунин оиди маоши софе, ки ба шумо бояд дода шавад.

Шумо ҳақ доред, ки пас аз пардохти ҳар як маош маълумоти муфассалро дар шакли хаттӣ роҷеъ ба музди меҳнат, аз ҷумла оиди давраи корие, ки барои он музди меҳнат дода мешавад, оиди имтиёзҳо, иловапулӣ барои изофакорӣ ва дигар маблағҳои аз маош нигоҳ дошта ё ба он илова карда шуда, агар чунин вуҷуд дошта бошад, гиред. **Бодиққат бошед ва санҷида бинед, ки ягон пардохтҳои ғайриқонунӣ аз музди меҳнат** барои об, барқ, истиқомат, хӯрок ва нақлиёт ҷой надошта бошад.

### Бехатарӣ ва гигиенаи меҳнат

Шумо ба шароити муносиби корӣ ва муҳити кории бехатар ва солим ҳуқуқ доред.

Корфармоён ӯҳдадоранд, ки мувофиқи қонунгузории маҳаллӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, ба ҳамаи коргарон шароити бехатар ва солими корӣ таъмин намоянд. Шумо ҳам инчунин бояд дастурҳоро оид ба техникаи бехатарӣ, ки ба кори шумо вобастаанд, риоя кунед ва таҷҳизоти зарурии бехатариро ба бар кунед.

### Соатҳои корӣ ва танаффусҳо

Рӯзи корӣ одатан аз 8 соати корӣ ва ҳафтаи корӣ – аз 48 соат иборат аст (танҳо агар дар шартномаи имзошудаи шумо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад). Дар шароитҳои муайян, вақти корӣ зиёдтар карда шуда метавонад, масалан, дар ҳолатҳои фавқулодда ё форс–мажорӣ (ғайричашмдошт). Агар шумо барои кор кардан баъд аз вақти муқаррарии корӣ розӣ шавед, корфармо бояд ба шумо пули изофакориро пардохт намояд.

### Рӯзҳои идонаи давлатӣ ва вақти рухсатӣ

Шумо ҳуқуқи истироҳат кардан доред.

Шумо ҳуқуқи дар рӯзҳои идонаи давлатӣ истироҳат кардан доред. Агар шумо қонунҳои маҳаллиро риоя намоед, ба шумо ҳуқуқи рухсатии солона дода шуда метавонанд. Корфармо метавонад вақти гирифтани рухсатии солонаи шуморо пешакӣ дар қоидаҳои дохилии ширкат қайд намояд ва онро зери назорат гирад.

Дар вақти аз кор холӣ шумо метавонед ҷои корро тарк намоед. Бо вуҷуди ин ҳуҷҷатҳои худро ҳамеша бо худ бояд дошта бошед.

### Рухсатӣ бо сабаби беморӣ

Дар ҳоли бемор шудан, чун қоида, шумо бояд ба духтур муроҷиат кунед ва маълумотнома (справка) гиред, ки шумо кор карда наметавонед. Шумо барои гирифтани рухсатӣ бо сабаби беморӣ ҳақ доред. Ҳар як қонунгузории меҳнат қоидаҳои худро роҷеъ ба давомнокии зиёдтари рухсатии беморӣ ё оиди нишондиҳандаҳои тиббӣ дорад (дар баъзе кишварҳо, агар бемории шумо бо машрубот ё истеъмоли маводи мухаддир алоқаманд бошад, рухсатии беморӣ пардохт карда намешавад).

### Омӯзиши касбӣ

Аз ҳама имкониятҳо истифода бурда, дар тренингҳо, мастер-классҳо ё семинарҳо иштирок кунед, ба шарте, ки ин ба кори шумо ё ба реҷаи кории шумо таъсир нарасонад. Баъзе тренингҳо дар интернет дар реҷаи онлайн пешниҳод карда мешаванд ва шумо метавонед аз онҳо дар вақти барои шумо қулай истифода баред.

Дар Тоҷикистон аксари муассисаҳои расмии давлатӣ оид ба ОТТК (омӯзиш ва таълими техникӣ ва касбӣ) дар тобеияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мебошанд; бо вуҷуди он, инчунин

якчанд муассисаҳои давлатӣ оид ба ОТТК мавҷуданд, ки дар тобеияти дигар вазоратҳои давлатӣ ҳастанд. Маълумоти бештарро дар сомонаи https://www.maorif.tj пайдо кардан мумкин аст.

### Эмин будан аз бекоркунии беадолатона

Одатан қонунгузории меҳнатӣ кормандонро аз бекоркунии беадолатона ҳифз менамояд. Чун қоида, дар шартномаи меҳнатии шумо роҷеъ ба ин як банди махсус ҳаст, аз он ҷумла оиди роҳҳои имконпазири ҳалли баҳсҳо.

### Озодии иштирок дар ассотсиатсияҳо (иттиҳодияҳо) оид ба ҳуқуқҳои меҳнатӣ: ҳуқуқ барои ташкил кадани иттифоқҳои касаба ва дохил шудан ба онҳо.

Конвенсияҳо оид ба ҳуқуқҳои инсон асосан ҳуқуқҳои коргаронро барои ташкил кардани иттифоқҳои касаба ва дохил шудан ба онҳо ҳифз мекунанд. Бо вуҷуди ин муқаррарот, дар баъзе кишварҳо қонунгузории меҳнат ба коргарон барои созмон додани иттифоқҳои касаба, ба таври коллективӣ музокира кардан ё корпартоӣ кардан иҷозат намедиҳад. Ҳар касе, ки кӯшиши ташкили иттифоқи касаба мекунад, метавонад аз кор ронда шавад, ба ҳабс гирифта шавад ё дар ҳолатҳои вобаста бо муҳоҷирони меҳнатӣ - депортатсия карда шавад. Ин қонунҳоро дар хотир нигоҳ доред.

### Нусхаҳои аслии ҳуҷҷатҳои шахсӣ

Шумо ҳақ доред, ки ҳуҷҷатҳои аслиро бо худ нигоҳ доред, аз ҷумла шиноснома, раводид ва шартномаи меҳнатӣ. Ҳамеша шиноснои худро бо худ нигоҳ доред. Ҳатман нусхаҳои ҳуҷҷатҳои шахсиро нигоҳ доред. Агар смартфон дошта бошед, инчунин метавонед ҳамаи ҳуҷҷатҳои худро ба он аксбардорӣ кунед.

## Машғулияти 3 – Мушкилоти маъмулии муҳоҷирони меҳнатӣ

Мушкилоти аз ҳама маъмултарин, ки муҳоҷирон дучор мешаванд, чунинанд:

- Нигоҳ доштани шиноснома ва иҷозат надодан барои рафтан ё тарк намудани ҷои кор.
- Манъ намудани тарки кишвар бе маълумотномаи (справкаи) сарпараст оид ба”набудани эътироз”.
- Маҷбур кардан ба идомаи муносибатҳои меҳнатӣ, ҳатто агар корфармо ӯҳдадориҳои шартномавиро риоя накунад.

Тобеияти қарзӣ ё меҳнати маҷбурӣ ин яке аз шаклҳои маъмултарини ғуломӣ дар замони мо мебошад. Коргарони мутеъ аксар вақт ба шаклҳои дигари маҷбурият, аз ҷумла зӯроварӣ ва маҳдудияти озодии ҳаракат дучор мешаванд.

- Маҷбур кардан ба имзои варақаи холӣ бо мақсади вайрон кардани реҷа ва тартиботи муқарраршуда.
- Корфармо аз иҷрои ӯҳдадориҳои худ вобаста ба кор ва будубоши корманд дар кишвар даст мекашад, ки боиси ғайриқонунӣ гаштани будубош ва зоҳир шудани ҳолатҳои зӯроварӣ мегардад
- Ба таъхир андохтани пардохти музди меҳнат ё напардохтани он.
- Ба таври ғайриқонунӣ нигоҳ доштани маблағҳои гуногун аз маоши коргар.
- Шароити хатарноки корӣ
- Таъмини манзили антисанитарӣ ва барои саломатӣ хатарнок, бе шароитҳои зарурӣ
- Дар бораи коргарон беасос ба полисия хабар додан, ки боиси ба ҳабс гирифтан ва депортатсия кардани онҳо мешавад.

### Ҳуқуқҳои худро чӣ гуна бояд ҳифз кард

Ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ, шумо бояд инро дар хотир доред ва оиди ҳолатҳои сӯиистифода ва истисмор бохабар буда ҳушёр бошед. Агар нишонаҳои ин гуна ҳолатҳо вуҷуд дошта бошанд, фавран онро бо роҳбари худ, корфармо ё агент оид ба рекрутинг муҳокима кунед. Агар ин масъала фавран ҳал нашавад, дар ин бора ба ВММША ё дигар муассисаҳои салоҳиятдор, ба сафорати худ хабар диҳед, ки дар он ҷо ба шумо кӯмак расонда метавонанд.

Агар шумо аз ҷавоби ин муассисаҳо қаноатманд нагардед, бо ин масъала ба мақомоти судии маҳаллӣ муроҷиат намудан мумкин аст.

### Вайрон кардани ҳуқуқҳои меҳнат чист? Ин ба муҳоҷирони меҳнатӣ чӣ иртибот дорад?

Вайрон кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ ҳама гуна муносибати беадолатона ё ғаразнокро дар ҷои кор дар бар мегирад. Инҳо мисолҳои вайронкунии ҳуқуқҳои меҳнатӣ мебошанд:

- Иваз кардани шартнома
- Аз ҳад зиёд будани вақти корӣ
- Ба таъхир андохтани пардохти музди кор, ва инчунин пардохт накардани маош ва дигар подошҳо
- Ба таври ғайриқонунӣ нигоҳ дошта шудани маблағҳои гуногун аз маош
- Шароити хатарноки меҳнат бе чораҳои дуруст оид ба ҳифзи меҳнат
- Зуроварии ҷисмонӣ, молиявӣ ва/ё равонӣ, иддаои ҷинсӣ.

### Меҳнати маҷбурӣ ва истисмор

Сарфи назар аз ӯҳдадориҳои ҳуқуқии давлатҳо оид ба ҳифзи ҳама одамон аз меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ махсусан осебпазиранд, хусусан коргарони хонагӣ, зеро онҳо аксар вақт аз чашми ҷомеа пинҳонанд, ва инчунин коргарони соҳаи кишоварзӣ, зеро кори онҳо аксар вақт хусусияти маҳдудкунӣ ва мавсимӣ дорад ва онҳо ба осонӣ метавонанд коргарони маҷбурӣ шаванд.

Дар хотир доред, ки муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба кишвари дигар ин як амали ғайриқонунӣ буда, хатари ҷиддӣ дорад. Савдои инсон истифодаи зӯрӣ, қаллобӣ ё маҷбуркуниро бо мақсади гирифтани розигӣ барои иҷрои ин ё он кор ё бо «шаҳвати (секси) тиҷоратӣ» машғул шуданро дар бар мегирад. Одамҷаллобон барои фирефта ҷалб кардани қурбониёни худ ба савдои одамон, метавонанд зӯроварӣ, қаллобӣ ё ваъдаҳои бардурӯғ оиди кори сердаромад ё муносибатҳои ошиқонаеро истифода баранд. Шаклҳои маъмули хариду фурӯши одамон ин меҳнати маҷбурӣ дар хоҷагии қишлоқ, сохтмон, хонаводаҳо ва дигар бахшҳоро дар бар мегирад.

### Истисмор чист? Чӣ тавр фаҳмида метавонед, ки шуморо истисмор мекунанд?

Истисмор ин амалест, ки ҳангоми он корфармоён аз қудрат ё ваколати худ сӯиистифода карда, меҳнати муҳоҷири меҳнатиро зиёнкорона ва аксаран ба манфиати худ истифода мебаранд. Мувофиқи меъёрҳои СБМ, нишондиҳандаҳои истисмори меҳнатӣ инҳоянд:

Нишондиҳандаҳои аён:

- Вақти корӣ ё соатҳои кории аз ҳад тулонӣ
- Шароити бади зиндагӣ
- Кори хатарнок
- Маоши кам ё набудани маош

Усулҳои маҷбуркунӣ:

- гирифта нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият;
- зӯроварии ҷисмонӣ;
- таҳдид ба ҷабрдида ё ба оилаи ӯ;
- зуроварии равонӣ, лафзӣ ва эҳсосӣ (таҳқир, дашном, муомилаи шаъну эътиборро паст мезадагӣ, барангехтани ҳисси гунаҳкорӣ ва қалобӣ ...);
- маҳдудкунӣ (манъ намудани тамос гирифтан бо атрофиён ё бо оила);
- маҳрум кардан аз ҳуқуқ барои ҳаёти шахсӣ ва маҳрамона. Коргарон аксар вақт дар болои матрас, дар болои фарш дар ҳуҷраи кӯдакон ё дар ҳаммом, ошхона ва ҳатто дар анбор хоб мераванд;
- дастрас набудани ёрии тиббӣ;
- надодани хӯрок ва расондан то ба ҳолати гуруснагӣ;
- маҳдуд кардан аз озодии ҳаракат вобаста ба эҳтиёҷоти корфармо;
- таҳдиди депортатсия.

Нишондиҳандаҳои миёна:

- Риоя накардани қонунҳои меҳнат ё шартномаҳои имзошуда
- Набудани ҳифзи иҷтимоӣ (суғуртаи тиббӣ ва ғайра).
- Шароити даҳшатноки кор
- Ҳилаю маккорӣ бо музди меҳнат

Агар шумо бо яке аз ин нишондиҳандаҳо дучор оед, лутфан оиди он фавран ба Сафорат ё Консулгарӣ, МЗМ, маъмурияти маҳаллӣ, агентии рекрутингӣ ё ба рафиқони худ, муҳоҷирони меҳнатӣ хабар диҳед.

Чӣ тавр худро аз зӯроварӣ, истисмор, ғуломӣ ва ғайра ҳифз кардан мумкин аст?

- Қонунҳо ва қоидаҳои меъёрии дахлдорро риоя намоед
- Оиди қонунгузории ҷорӣ, хабарҳои охирин аз ҳукумат ё корфармо огоҳ бошед; барои машварат ба таври мунтазам ба иттиходияхои коргарон ё иттифокхои касаба муроҷиат кунед.
- Ба муҳоҷират ҳатман бо ҳуҷҷатҳои дуруст ва пурра тартиб додашуда равед.
- Бо роҳбар ё корфармои худ рӯйрост, виҷдонан ва мунтазам муошират кунед.
- Дар кори худ ҷиддӣ ва масъул бошед ва ба ҳеҷ гуна зӯроварӣ, истисмор ё табъиз роҳ надиҳед.
- Дар ҷои кори худ шабакаи дастгирии муҳоҷирон ё ҳамкоронро ташкил намоед ё ба чунин шабакаҳо ҳамроҳ шавед (ё иттифоқи касаба ё ассотсиатсияи коргарон, агар ба он иҷозат дода шуда бошад); шумо метавонед якдигарро дастгирӣ кунед ё барои некӯаҳволӣ ва ҳимояи якдигар баромад кунед.
- Бо намояндагони сафорат ё консулгарии худ, инчунин бо дигар созмонҳои муҳоҷирон ва гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ робита ва муколамаи доимӣ барқарор кунед.

Ҳатто агар ин ҳолати истисмор бошад ҳам, оё ин ҳоло ягон аҳамият дорад, агар шумо аз аввал ба чунин вазъияти корӣ розӣ шуда бошед?

Розигии шумо - шифоҳӣ ё не, дар назар дошта шуда ё не – ин барои корфармо баҳона буда барои амали ӯ маъзур буда наметавонад. Шумо ба ҳар ҳол метавонед шикоят кунед, ҷуброн ё пардохти зиёни расондашударо ва инчунин риояи пурраи шартномаи бо корфармои худ басташударо талаб кунед.

Табъиз нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ

Ҳангоми дар хориҷа будан, шумо метавонед дар ҷои кор, ҳангоми иҷора намудани хона ва ё дар ягон дигар хел ҳолатҳо, ба табъиз дучор гардед. Конвенсияи генералии СБМ оид ба табъиз нисбат ба меҳнат ва шуғл (Конвенсияи No111), ки 25 июни соли 1958 дар сессияи чилу дуюм қабул шудааст, ҳолатҳои зеринро ба табъиз марбут меҳисобад:

a. ҳама гуна фарқият, роҳ надодан ё афзалият додан дар асоси нажод, ранги пуст, ҷинсият, дин, ақидаи сиёсӣ, нажоди миллӣ ё мансубияти иҷтимоӣ, ки боиси нобуд ё вайрон кардани баробарии имкониятҳо ё муомила дар доираи меҳнат ва шуғл мегардад;
b. ҳама гуна дигар фарқият, роҳ надодан ё афзалияте, ки боиси нобуд ё вайрон кардани баробарии имкониятҳо ё муомила дар доираи меҳнат ва шуғл мегардад, ки аз ҷониби узви дахлдор дар машварат бо ташкилотҳои намояндагии корфармоён ва коргарон, ки дар он ҷо мавҷуданд, ва бо дигар мақомоти дахлдор, муайян карда мешавад.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ, табъиз ҳамчун ҳама гуна маҳдудияти ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои шахс дар асоси ягон аломати муайян фаҳмида мешавад. Дар бозори меҳнат табъиз дар маҳдуд намудани дастрасӣ ба намудҳои муайяни кор ва соҳаҳои шуғл, маош ва шароити кор зоҳир мегардад.

Иқтисодиёти муосири меҳнат намудҳои зерини табъизи меҳнатиро муайян менамояд:

1. <u>Табъиз дар ҳаҷми музди кории баъзе коргарон ё гурӯҳҳои коргарон дар муқоиса бо дигарон</u>. Дар иқтисодиёти ҳар як кишвар, кормандон бо маҳсулнокӣ, тахассус ва таҷрибаи кории баробар аксар

вақт барои иҷрои ҳамон як кор, дар ҳамон як соҳа ва ҳатто дар ҳамон як ташкилот маоши гуногун мегиранд. Гурӯҳҳои анъанавӣ ҳастанд, яъне гурӯҳҳои коргароне, ки дар бисёр кишварҳо бештар аз рӯи музди меҳнат, табъиз карда мешаванд: занон нисбат ба мардон, сиёҳпӯстон нисбат ба сафедпӯстон ва сокинони маҳаллӣ нисбат ба навкорони аз берун омада.

2. <u>Табъиз ҳангоми ба кор қабул ва аз кор озод шудан</u>. Ба ин гуна табъиз ба ҷуз аз гурӯҳҳои дар боло зикршуда, одатан афроди аз маҳбас озодшуда, маъюбон, ҷавонони беихтисос дучор мешавад. Онҳо охирин касоне ҳастанд, ки ба кор қабул карда мешаванд ва аввалин шуда аз кор озод карда мешаванд. Имкониятҳои нобаробар оиди бокортаъминкунӣ бинобар синну соли коргар, мансубияти нажодӣ ё қавмӣ (этникии) ӯ ва ғайра ҷой дошта метавонанд.

3. <u>Табъиз ҳангоми ба зинаи касбӣ пеш рафтани онҳое, ки аллакай дар созмон кор мекунанд</u>. Барои коргарон (ё гурӯҳҳои коргарон)-и табъизшуда ба мартабаи баланди касбӣ расидан душвортар аст, ба зинаи хизматӣ пеш рафтан ва ба вазифаҳои масъул таъин кардани онҳоро он қадар намеписанданд. Аён аст, ки ба чунин табъиз инчунин бештар занон, муҳоҷирон ва намояндагони ақаллиятҳои миллӣ дучор мешаванд, аммо дар ҷои онҳо гурӯҳҳои дигари коргарон низ буда метавонанд.
4. *Сегрегатсияи (ҷудокунии) касбӣ, ки дар тақсимоти устувори касбу вазифаҳо байни гурӯҳҳои гуногуни коргарон зоҳир мешавад*. Ҳамин тавр, касбҳои одатшудаи мардона ва занона мавҷуданд. Сегрегатсияи касбӣ ҳангоми тақсим кардани касбҳо байни коргарони маҳаллӣ ва хориҷӣ, байни намояндагони гурӯҳҳои гуногуни этникӣ мушоҳида мешавад.
5. <u>Табъиз дар таҳсил ва омӯзиши касбӣ</u>. Дар ҷаҳони муосир маҳдудияти расмӣ оид ба дастрасии шахс ба таҳсил бо сабаби шаҳрвандии хориҷӣ, надонистани забони давлатӣ ва ғайра онқадар бисёр мушоҳида намешавад. Бо вуҷуди ин ҳатто дар кишварҳои пешрафта ва мутараққӣ дар пеши баъзе гурӯҳҳои аҳолӣ дар роҳи таҳсил намудан ва гирифтани таълими касбӣ монеаҳои воқеӣ пайдо мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки дар бисёр кишварҳои қабулкунанда табъиз тибқи қонуни асосии онҳо мамнӯъ аст. Дар асоси ин, шумо бояд донед, ки:

- Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки шуморо табъиз кунад ва ҳуқуқҳои шуморо поймол кунад. Агар шумо қурбонии табъиз шуда бошед, шумо бояд, ки ба ташкилотҳои болоии давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин ба суд муроҷиат кунед.
- Барои шароити табъизии кор Бозрасии давлатии меҳнат (ГИТ/БДМ) метавонад корфарморо ба ҷавобгарӣ кашад.
- Барои табъиз кардан ҳангоми иҷораи манзил, шумо метавонед соҳиби манзилро бо ёрии Роспотребнадзор ва ё бо тартиби судӣ ба ҷавобгарӣ кашед.
- Агар дар натиҷаи табъиз ба шумо зарари маънавӣ расонида шуда бошад, шумо метавонед аз сабабгори он тавассути суд ҷуброни он зарарро ситонида гиред.
    - Оиди ҳолатҳои табъиз нисбати муҳоҷирон ба Шӯро дар назди Президенти ФР оид ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи инсон (Совет при Президенте РФ по развитию гражданского общества и правам человека) хабар додан мумкин аст.

## Машғулияти 4 – Кӯмаки ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ

Қайд кардан муҳим аст, ки Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо (аз тарафи СММ таҳия карда шудааст) давлатҳои иштирокчии ин Конвенсияро ӯҳдадор мекунад, ки ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳоро ҳимоя кунанд. Ин Конвенсия дар тӯли тамоми раванди муҳоҷират нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо татбиқ карда мешавад, ки давраи омодагиро ба муҳоҷират, сафар, транзит ва тамоми давраи будубош ва фаъолияти пулакиро дар кишвари шуғл, ва инчунин давраи бозгаштро ба кишвари аслӣ (ватан) ё кишвари истиқомати муқаррарӣ дар бар мегирад. Барои гирифтани маълумоти бештар, ба истиноди зерин гузаред https://mfa.tj/uploads/main/2020/12/7-Mezhdunarodnaya- konvenciya-o-zash-ite-prav-vsekh-trudyash-ikhsya-migrantov-i-chlenov-ikh-semei.pdf

### Агар шумо ба чунин хушунат ё истисмор дучор шавед, шумо чӣ кор бояд кунед?

- Дарҳол бо сафорат ё консулгарии худ, инчунин ба ягон созмонҳои дигари муҳоҷират ва гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ё полис муроҷиат намоед; аз онҳо маслиҳат пурсед, ки чӣ гуна ба корфармо ё агенти рекрутинг муқобилат нишон додан беҳтар аст.
- Аз муоинаи тиббӣ ё ҷисмонӣ гузаред; агар шумо ба корфармо оиди ҷуброни зарар даъво кунед, ба шумо хулосаи тиббӣ лозим мешавад.
- Бар зидди корфармо ё ҷабркунанда/истисморкунанда ба таври расмӣ бо даъвои ҷиноӣ ё шаҳрвандӣ муроҷиат кунед.
- Ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки арзи шуморо тасдиқ мекунанд ва инчунин нусхаҳои ин ҳуҷҷатҳоро нигоҳ доред.
- Агар лозим бошад, ба МЗМ ё ба созмони муҳоҷирон барои маслиҳат ё кӯмаки равонӣ муроҷиат кунед.

### Муҳоҷирзанҳое, ки ба истисмори меҳнатӣ ва истисмори ҷинсӣ дучор шудаанд/шуда истодаанд, ба куҷо бояд муроҷиат кунанд?

- Хадамоти давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳар шаҳр вуҷуд дорад. Агар шумо ба зуроварию хушунат дучор шуда бошед ва худро бад ҳис кунед, пас шумо имконият доред, ки аз хадамоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ кӯмак ва дастгирӣ гиред.
- Агар шумо гумон дошта бошед, ки бар зидди шумо ҷиноят содир шудааст, дар қаламрави Федератсияи Россия ба полис бо рақами 102 ё 112 муроҷиат кунед, ва агар ба шумо ёрии таъҷилӣ лозим бошад, ба рақамҳои 103 ё 112 занг занед. Дар ягон кишвари дигар, кӯшиш кунед, ки рақами телефонҳои полисро ёфта гиред ва онро дар телефони худ ё дар рӯзномаи худ нависта гиред.
- Агар шумо қурбонии зуроварӣ шуда бошед ва ба шумо бо ягон кас сӯҳбат кардан лозим бошад ва ё ба паноҳгоҳи боэътимоде ниёз дошта бошед, метавонед бо марказҳои бӯҳронӣ барои занону духтарон дар шаҳри истиқомати худ тамос гиред.

### Оё кишвари таъинот вазифадор аст, ки ҳуқуқҳои шуморо ҳифз намояд?

Мақомоти давлатӣ мувофиқи салоҳияти худ, бояд вазифаҳои ба зиммаи давлат гузошташударо, аз ҷумла оиди ҳифзи муҳоҷирони меҳнатӣ иҷро кунанд. Дар шароити муайян, давлат метавонад имтиёзҳои ба ҳуқуқҳои муайян марбут бударо маҳдуд намояд.

Шумо бояд кӯшиш кунед, ки дар бораи қоидаҳо ва қонунҳои асосӣ, ки ҳуқуқҳои шуморо дар кишвари таъинот ҳифз мекунанд, маълумот пайдо кунед.

### Оё Тоҷикистон вазифадор аст, ки ҳуқуқҳои шуморо ҳифз кунад?

Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати возеҳи дастгирии шуғл ва бокортаъминкунии коргарони тоҷикро дар хориҷа татбиқ менамояд. Нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон бошад, намояндагиҳои кишвар дар хориҷа, хизматрасонии зерини дипломатӣ ва консулиро пешниҳод мекунанд:

- Ҷои корро санҷида мебинанд;
- Ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар ирсоли интиқоли пул кӯмак мерасонанд;
- Ба манфиати муҳоҷирони меҳнатӣ кор мекунанд;
- Ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар таъмини манзил, табобат ва дигар шароитҳо (лавозимоти зарурӣ) кӯмак мерасонанд;
- Ёрии ҳуқуқӣ ва машваратӣ мерасонанд;
- Дар ҳалли мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ, вобаста бо шароити кории онҳо кӯмак мерасонанд;
- Шикоятҳоро байни муҳоҷири меҳнатӣ ва корфармои ӯ ё байни муҳоҷири меҳнатӣ ва агент оид рекрутинг баррасӣ менамоянд;
- Дар судҳои дахлдори кишвари қабулкунанда барои мусоидат намудан ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳалли даъвоҳои қонунии онҳо нисбат ба корфармо иштирок менамоянд;
- Дар баррасии парвандаҳо вобаста ба фавти муҳоҷир иштирок менамоянд ва дар гирифтани

ҷубронпулӣ вобаста ба фавти муҳоҷир дар ҷои кор ё гирифтани осеби истеҳсолӣ мусоидат менамоянд;

- Ҳуҷҷатҳои гуногунро, аз ҷумла шартномаҳои меҳнатиро санҷида мебароянд;
- Ҳуҷҷатҳоеро, ки барои муҳоҷири меҳнатӣ лозиманд, тасдиқ мекунанд;
- Ҳуҷҷатҳои сафар, шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳоро омода карда медиҳанд; ва
- Дар гузарондани фестивалҳо/чорабиниҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки барои барқарор намудани робитаҳои фарҳангӣ мусоидат мекунанд, кӯмак мерасонанд.

**Диққат**
**Сафорат ба шаҳрвандони Тоҷикистон танҳо дар ҳоле кӯмак мерасонад, ки агар аз ҷониби онҳо ягон вайронкунии шаҳрвандӣ ё ҷиноии қонунҳои маҳаллӣ содир нашуда бошад.**

Дастгирӣ дар ҳолати фавқулодда
Рақами телефонҳои хадамотҳои таъҷилӣ
Дар МЗМ ба шумо инчунин метавонанд маълумотро оид ба рақамҳои таъҷилӣ дар ҳар як кишвари муайян пешниҳод кунанд. Ин гуна маълумотро инчунин аз сомона ва шабакаҳои иҷтимоии МЗМ зеркашӣ кардан ё дар брошюраҳо оид ба кишварҳои мушаххас, ки МЗМ нашр мекунад, пайдо кардан мумкин аст.

Барои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар Аврупо кор мекунанд:

Ташкилоти R.E.S.P.E.C.T ҳамчун як шабакаи муҳоҷирон - коргарони хонагӣ, созмонҳои худи онҳо, созмонҳо оид ба дастгирии муҳоҷирон, иттифоқҳои касаба ва шахсони алоҳида, ки барои ҳуқуқи муҳоҷирон – коргарони хонагӣ дар Аврупо мубориза мебаранд, таъсис ёфтааст. Кори шабака ба беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии шумораи афзуда истодаи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар бахши хусусии хизматрасонии хонагӣ кор мекунанд, равона шудааст. Вазифаи афзалиятноки он ин вусъат додани ҳуқуқ ва имкониятҳои муҳоҷирон, тавассути худтанзимкунии онҳо, баланд бардоштани сатҳи таълим ва гузарондани маъракаҳо барои ҳуқуқ ва некӯаҳволии муҳоҷирон аст. Барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба истиноди зерин гузаред: http://www.respectnetworkeu.org

Ҳангоми бӯҳрон ё ҳолатҳои фавқулодда чиро бояд донед ва чӣ кор бояд кунед?

**Ҳангоми берун аз Тоҷикистон будан шумо бояд ба бӯҳрони эҳтимолӣ омода бошед.**

**Ҳамеша огоҳ бошед**

- Сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоии Сафорати Тоҷикистон, ВММША ё МЗМ-ро, барои гирифтани паёмҳои муҳим ба монанди хабарнома ё огоҳиҳо, хабар гирифта истед.

**Омода бошед**

- Оиди омадан ва будубоши худ дар кишвари таъинот ба Сафорати Тоҷикистон хабар диҳед.
- Сумкаро барои эвакуасия (таҳлияи) ё кӯчидани таъҷилӣ, аз ҷумла бо шиносномаҳои худ, пули нақд бо асъори миллӣ ва ҳама доруҳои зарурӣ тайёр карда монед

Эҳтиёт бошед

- Стратегияи баромада рафтанро бо зиёда аз як роҳи ба ҷои бехатар расидан, дар сурати рӯй додани ҳодисаҳои гуногуни бӯҳронӣ - сӯхтор, обхезӣ, қатъи барқ, тӯфонҳо, бӯҳрони тиббӣ ва ғайра, кор карда бароед. Ба воҳима наафтед ва мувофиқи стратегияи худ оиди баромада рафтан амал намоед. Дастурҳои мақомоти маҳаллиро оиди бехатарӣ ва эвакуасия (таҳлия) риоя намоед. Барои беҳтар фаҳмида гирифтани дастурҳо, асосҳои забони маҳаллиро омӯзед!
- Агар ба шумо кӯмак лозим шавад, бо сафорат ё консулгарии Тоҷикистон тамос гиред.
- Рӯйхати ҳамаи шахсони лозимаи худро барои тамос гирифтан дар ҳолатҳои фавқулодда омода нигоҳ доред ва дар ҳолати фавқулодда бо оилаи худ тамос гиред (тавассути телефон, тавассути

шабаҳои иҷтимоӣ ё бо ягон роҳҳои дигар).

Лутфан, ба чораҳои фавқулодда, ки дар сурати ба вуҷуд омадани бӯҳрон дар соҳаи тандурустӣ, ба монанди пандемияи COVID-19, дида мешаванд, диққати махсус диҳед. Дар чунин ҳолатҳо мақомоти маҳаллӣ барои мубориза бо паҳншавии вирус чораҳои фавқулодда меандешанд. Мутаассифона, муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар баъзе касбҳои муайян шуғл доранд, ба хатари бештаре ё ба мушкилоти махсус дучор мешаванд, зеро ҳуқуқи онҳо барои истодан дар кишваре, ки онҷо кор мекунанд, аз кори онҳо вобаста аст. Аз сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоии Сафорати Тоҷикистон, ВММША ё МЗМ хабардор шуда истед, то паёмҳои муҳимро оид ба масъалаҳои бехатарӣ, ба монанди хабарнома ё огоҳӣ гирифта истед. Дар ҳолатҳои бӯҳрони, ба монанди бӯҳрони COVID-19, дар сомонаҳои сафорати Тоҷикистон ё МЗМ, маълумот роҷеъ ба баста шудани фазои ҳавоӣ ва дигар маҳдудиятҳо барои сафар ва инчунин маълумот дар бораи имкониятҳои бозгашт ба Тоҷикистон пешниҳод шуда метавонад. **АЗ ОНҲО ХАБАРДОР ШУДА ИСТЕД, ТО ИТТИЛООТИ НАВКАРДАШУДАРО ВА ХАБАРҲОИ ОХИРИНРО ГИРЕД!**

## Ҳолатҳои мушаххас

### Агар шуморо полис боздорад ё дастгир кунад

Барои ҷиноятҳои вазнин, шуморо ҳар як корманди полис бидуни ордер метавонад боздорад ва ба ҳабс гирад.

Агар кормандони полис шуморо боздоранд, онҳо метавонанд ҳама гуна саволеро, ки ба назари онҳо дахлдор аст, аз шумо пурсанд. Саволҳои муқаррарӣ чунинанд:

- Ман метавонам ҳуҷҷатҳои аслии шуморо бинам?
- Номи пурраи шумо чист?
- Суроғаи пурраи шумо?

Аз онҳо боадабона пурсед, ки чаро шуморо боздошт мекунанд. Агар шумо боздошт шуда бошед, шумо ҳақ доред иҷозат пурсед, ки ба хешовандони наздики худ, сафорати Тоҷикистон ё адвокат (ҳимоягар) занг занед.

Кӯшиш кунед, ки ба ягон чиз иқрор нашавед ва ё ягон ҳуҷҷатҳоеро, ки ба шумо фаҳмо нестанд, имзо накунед. Фиреб накунед ва ҳуҷҷатҳои қалбакиро нишон надиҳед.

### Агар шуморо ба суд гирифта оранд

Агар шумо забони маҳаллиро нафаҳмед ва дар фаҳмидани он чизе, ки шуморо дар он гунаҳгор мекунанд, мушкилот доред, шумо бояд инро қайд кунед ва тарҷумонро талаб кунед. Шумо ба кӯмаки ҳуқуқии адвокат (ҳимоягар) ҳақ доред. Дар суд, агар шумо нафаҳмед, ки шуморо дар чӣ айбдор мекунанд, ба ягон чиз иқрор нашавед - ба адвокат (ҳимоягар) ё ба сафорати Тоҷикистон муроҷиат кунед.

## Ташкилотҳои муҳоҷирон

### Оё дар кишвари таъинот ташкилотҳои муҳоҷирон ҳастанд, ки бо онҳо тамос гирифтан мумкин аст?

Дар кишварҳои таъинот намудҳои гуногуни ташкилотҳои муҳоҷирон мавҷуданд, ки аъзоёни онҳо намояндагони танҳо як миллат ё намояндагони миллатҳои гуногунанд. Онҳо бо фаъолиятҳои гуногун машғуланд, ба монанди:

- Фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, касбӣ, варзишӣ, ҷуғрофӣ
- Таъмини кӯмаки башардӯстона, гузаронидани амалиётҳои наҷотдиҳӣ ва расонидани дастгирии таъҷилӣ
- Расонидани кӯмак дар рушди кишвари худ
- Хизматрасонии тиббӣ, таълимӣ ё манзилӣ барои ҷомеаи муҳоҷирон дар кишвари таъинот
- Хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ ба муҳоҷирон
- Тарғибот ва ташвиқот намудан (масалан, системаи «Medicare», суғурта, ҳуқуқи овоздиҳӣ ва

ғайра).

Шумо метавонед бар асоси ниёзҳо ва манфиатҳои худ, ба кадоме аз ин созмонҳоро ҳамроҳ шуданро интихоб кунед. Барои ҳамроҳ шудан ба баъзеи онҳо, ба шумо лозим меояд, ки ҳаққи аъзогӣ супоред ё саҳми худро гузоред. Баъзе аз ин ташкилотҳо эҳтимол дар кишвари таъинот расман ба қайд гирифта шуда бошанд, дар ҳоле ки дигаронаш ташкилотҳои ғайрирасмӣ мебошанд. Агар ба якеи аз ин созмонҳо шомил шавед, ин ба шумо фоидаи калон меорад; онҳо метавонанд барои шумо натанҳо як давраи дастгирӣ, балки як манбаи иттилоот, маслиҳат ва роҳнамоӣ шаванд.

Бо вуҷуди ин, бо баъзе созмонҳои муҳоҷирон, ки ба фаъолияти ғайриқонунӣ машғуланд, ба монанди тиҷорати пул (интиқоли маблағ тавассути каналҳои ғайриқонунӣ), бакорҷалбкунии ғайриқонунӣ, ба таври ғайриқонунӣ ҷамъ намудани маблағҳо ва сӯиистифода аз онҳо, эҳтиёт бошед. Инчунин кӯшиш кунед, ки узвияти шумо дар ин ташкилотҳо ва иштирок дар чорабиниҳои онҳо ба ҷадвали корӣ, кор ва мақсаднок будани кори шумо таъсири манфӣ нарасонад.

Шумо метавонед маълумоти бештарро дар истинодҳои зерин дастрас намоед:

Федератсияи муҳоҷирони Россия/Федерация мигрантов России
https://www.fmr-online.ru/?fbclid=IwAR1birC3CwizjiKsKe-ADmYWHuXzi0RL9BFrLYC-XLfiVj058jH7HvuuHKM
Иттифоқи касабаи муҳоҷирони меҳнатӣ/ Профсоюз трудящихся мигрантов
https://www.facebook.com/prof.migr.official
Лаҳистон/ Польша
https://forummigracyjne.org
https://interwencjaprawna.pl/ru/
https://en.ocalenie.org.pl
Германия
http://www.bvre.de/novosti.html
http://wp.kid-inter.de/ru/glavnaja/
Кореяи ҷанубӣ
https://www.liveinkorea.kr/portal/RUS/page/contents.do?menuSeq=5554&pageSeq=42
Канада
https://immigrant.today/canada/13672-pomoshh-immigrantam-v-kanade.htm

Қайдҳои худро дар ин ҷо бинависед

## Худро санҷед

Шумо бояд ба камаш ба 6 савол ҷавоби дуруст диҳед, то ки тестро супоред ва ба модули навбатӣ гузаред.

| | |
|---|---|
| **Саволи 1. Барои ҷиноятҳои ҷиддӣ ҳар як офисери полис шуморо метавонад боздошт ва бе ордер хабс намояд.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 2. Шумо худатон метавонед худро аз таҳқир ва истисмор ҳимоя намоед.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 3. Ҳеҷ лозим нест, ки борхалтаро барои эвакуасияи таъҷилӣ ё рафтани таъҷилӣ омода намоед; агар лозим шавад, ба шумо вақт кифоя мешавад, ки чизҳои лозимиатонро ҷамъ карда гиред.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 4. Шумо ҳақ доред ки нусхаҳои ҳуҷҷатҳои аслии худро бо худ нигоҳ доред, аз он ҷумла шиносномa, раводид ва шартномаи меҳнатӣ** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 5. Новобаста аз мақоми қонунии худ шумо барои эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ҳақ доред.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 6. Маъмулан, қонунгузории меҳнатӣ коргаронро аз корозодкунии беасос ва беадолатона ҳимоя менамояд.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 7. Рӯзи корӣ, ҳамчун қоида 8 соат давом мекунад ва ҳафтаи корӣ - 48 соат.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 8. Савдои одамон, истифодаи зурӣ, фиреб ва ё маҷбуркуниро дар назар дорад, то ки шахс ин ё он корро иҷро кунад** ё ба **«шаҳвати (секси) тиҷоратӣ» розӣ шавад.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 9. Тобеияти қарз ва ё меҳнати маҷбурӣ ин яке аз шаклҳои хоси ғуломӣ барои имрӯз аст.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |
| **Саволи 10. Истисмор ин амалест, ки ҳангоми он корфармоён аз мақом ва салоҳияти худ истифода мекунанд ва то қадри имкон меҳнати муҳоҷирони меҳнатиро ба фоидаи худ истифода мебаранд.** | |
| ☐ **Дуруст** | ☐ **Не** |

### Захираҳои маълумотдиҳӣ

- Вазорати корҳои хориҷӣ - https://www.mfa.tj

## МОДУЛИ 4. БОЗГАШТ ВА АЗНАВМУТОБИҚШАВӢ

| | |
|---|---|
| **Ҳадафҳои омӯзиш:** | **Ба даст овардани маълумоти фоидаовар оиди раванди бозгашт, мушкилот ва имкониятҳои муҳоҷирони баргаштаистода** |
| **Натиҷаҳои омӯзиш: Дар охири омӯхтани ин модул шумо метавонед:** | • **Чораҳои гуногунро барои андешидан ҳангоме, ки барои ба Тоҷикистон бозгаштан қарор медиҳед, муайян намоед.**<br>• **Мушкилоти асосиро, ки муҳоҷирони баргарташтаистода дучор мегарданд, муайян намоед.** |

Бояд бозгашт ва реинтегратсия (азнавмутобиқшавии) худро ба нақша гиред ва пешакӣ дар бораи он фикр кунед, ки пас аз бозгашт ба Тоҷикистон шумо бо чӣ кор машғул мешавед.

### Машғулияти 1 – Алоқа ва робитаҳо бо кишвари аслӣ

Муносибатҳои оилавӣ қисми муҳими шахсияти шумо мебошанд. Бо оила ва дӯстони худ ҳарчи бештар муошират кунед. Навъҳои гуногуни алоқа намудан ва технологияҳои шабакаҳои иҷтимоӣ мавҷуданд, ки барои истифода бурдан дастрасанд. Шумо метавонед почтаи электронӣ, чатҳои онлайн ва ҳатто шабакаҳои иҷтимоиро истифода баред, то ки аз ҳаёти аъзоёни оилаи худ бохабар бошед. Ин ба шумо кӯмак мекунад, ки бо онҳо бемалол дар тамос бошед ва алоқа намоед. Ба аъзоёни оилаи худ ном, рақами телефон ва суроғаи корфармои худро хабар диҳед. Кӯшиш кунед, ки оилаи шумо ҳама маълумотро дар бораи шумо, нусхаҳои ҳуҷҷатҳое, ки шахсияти шуморо тасдиқ мекунанд (шиноснома, рақами раводид ва иҷозатномаи кор) ва нусхаи шартномаи меҳнатии шуморо дошта бошанд.

**Оилае, ки дар хона (ватан) мемонад**

Ҳангоми кор кардан дар хориҷа чи хел метавонед оилаи худро нигоҳубин кунед? Чаро ин он қадар муҳим аст? Кӯшиш кунед, ки вақти бисёрро дар бораи оилаи худ, ки аз шумо хеле дур аст, фикр карда ва аз он хавотир шуда, нагузаронед. Аъзоёни оилаи шумо бояд ҳангоми набудани шумо имконият дошта бошанд, ки худашон аз паи зиндагии худ шаванд. Ҳамин тавр, шумо метавонед тамоми диққати худро ба кор диҳед ва ҳангоми кор кардан дар хориҷа хотирҷамъ бошед.

Ба аъзоёни оилаи худ кӯмак кунед, ки худи онҳо ғами оиларо хӯранд ва барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти худ, ва инчунин дар ҳолатҳои фавқулодда танҳо ба шумо умед набанданд.

Фиристодани пул ба хона

Ба туфайли интиқолҳои пулӣ, манбаҳои даромади хонаводаҳо зиёд мегардад. Ин на танҳо барои мубориза бурдан бо камбизоатӣ, балки инчунин барои пасандоз кардани каме захираҳо барои сармоягузорӣ имконият медиҳад.

Интиқолҳои пулиро тавассути каналҳои расмӣ ё ғайрирасмӣ фиристодан мумкин аст. Пеш аз интихоб намудани усули интиқол, шумо бояд бодиққат масъалаи дастрасӣ, арзиш ва эътимоднокии онро дида бароед.

Кӯшиш кунед, ки то ҳадди имкон аз фиристодани пул тавассути шабакаҳои шахсии муҳоҷирони меҳнатӣ (масалан, пулҳои нақд, ки шахсан бурда расонда мешаванд) худдорӣ кунед. Дар бисёр кишварҳо, низоми ба ном «Ҳавала / Ҳунди» мавҷуд аст, ки мувофиқи он муҳоҷирони меҳнатӣ пулро тавассути «Ҳаваладор» мефиристонан. Ӯ ин маблағро бо арзиши пули маҳаллӣ, ба бенефитсиари (гирандаи) муҳоҷир тавассути шарики худ дар Тоҷикистон мефиристонад. Дар хотир доред, ки азбаски ин система ба танзим дароварда нашудааст, он барои сӯиистифода хеле боз аст.

Оё шумо метавонед, ба оилаи худ пул фиристед, ҳатто агар суратҳисоби бонкӣ надошта бошед? Ҳатто агар шумо суратҳисоби бонкӣ надошта бошед ҳам, фиристодани пул ба оила ҳануз ҳам имконпазир аст. Хизматрасониҳо оид ба интиқоли пул тавассути провайдерҳои мухталиф дар кишваре, ки шумо

кор мекунед ё тавассути ташкилотҳое, ки интиқоли пулиро анҷом медиҳанд, ба монанди Western Union ва Money Gram, дастрасанд.

Барои гирифтани маълумоти бештар дар бораи каналҳои интиқоли пул, лутфан ба сомонаҳои дахлдор гузаред:

- https://unistream.ru/transfers/corridors/tajikistan/
- https://www.contact-sys.com/where
- https://www.westernunion.com/
- https://www.moneygram.com/
- http://nbt.tj/tj/npcr/

**Оё ба оила иҷоза ё ваколатномаи махсус мондан лозим аст, дар сурате, ки он лозим шуда монад?**
Тавсия медиҳем, ки ба аъзои оила ё дӯсти боваринок мактуб-иҷозатнома ё ваколатномаи махсусро монда равед. Ин гуна мактуб ё ваколатнома ба онҳо ваколат медиҳад, ки аз номи шумо амалҳои муайянеро анҷом диҳанд, ки баъдтар ҳангоми дар хориҷа будан ба шумо лозим шуда мемонанд.

Ваколатнома дар ҳолатҳои фавқулодда лозим шуда мемонад. Агар шумо ин корро пешакӣ анҷом диҳед, ин хароҷоти шуморо кам мекунад, чунки вақте ки шумо аллакай дар кишвари таъинот бошед, додани ваколатнома қиматтар мешавад. Агар лозим бошад, метавонед аз МЗМ як намунаи мактуб-иҷозатнома ё ваколатномаро гиред.

## Машғулияти 2 – Бозгашта рафтан ё депортатсия

### Сафари бозгашт
Раводиди маъмулӣ ин иҷозати вуруд аст, бе манъи бозгашт. Аммо, дар баъзе кишварҳо аз хориҷиён раводиди бозгашт талаб карда мешавад. Дар доираи системаи муҳоҷирати муваққатии меҳнатӣ, шумо дар асоси шартнома ба мӯҳлати муайян кор мегиред. Баъди ба охир расидани шартномаи меҳнатӣ шумо бояд ба хона баргардед ва чун қоида, корфармои шумо тибқи шартномаи меҳнатӣ бояд маблағи сафари бозгашти шуморо пардохт намояд. Коргарони хориҷӣ дар Арабистони Саудӣ ва Қатар пеш аз бозгашта рафтан бояд раводиди бозгашт ва иҷозати корфармо дошта бошанд. Раводиди бозгашт ин як қисми раванди баромада рафтан аз кишвар мебошад ва шахсе, ки раводиди мӯҳлаташ гузашта дорад, ё ки он гумшуда ё дуздида шудааст, метавонад бо мушкилот дучорояд ва кишварро тарк карда натавонад.

Аз рӯи қоида, шумо оиди аз кор рафтан ариза медиҳед ва баъд интизор мешавед, ки корфармо ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани раводиди баромад медиҳад. Дар рафти ин, пеш аз тасдиқ намудан ва додани раводиди баромадан, имзои сарпарастони гуногун ва тарафҳои дахлдор лозим шуданаш мумкин аст. Бо вуҷуди ин, корфармо метавонад ин равандро кашол дода, шуморо маҷбур созад, ки дар кишвар бисёртар монед. Ин масъаларо пеш аз рафтан бо корфармои худ муҳокима кунед. Шумо бояд ҳуҷҷатҳои муайян дошта бошед (масалан, иҷозати тарки кишвар), ки аз кор рафтани шуморо тасдиқ мекунанд.

Таҷрибаи талаб кардани раводиди баромад, хусусан нибати коргароне, ки барои тарки кишвар бояд иҷозати корфармо дошта бошанд, саволҳоро роҷеъ ба риояи ҳуқуқи инсон ва истисмори муҳоҷирони меҳнатӣ ба миён меорад. Агар шумо бо корфармо дар бораи маош ё муносибатҳо ягон мухолифат дошта бошед, корфармо метавонад ба шумо додани раводиди баромадро рад кунад, ҳамчун фишанги фишор барои хотима додан ба баҳсу муноқиша.

### Депортатсия (ихроҷи маҷбурӣ)
Аз кишваре, ки онҷо кор мекунед, бояд пеш аз ба охир расидани мӯҳлати раводид, баромада равед. Агар дар кишвар пас аз ба охир расидани мӯҳлати шартнома ва ё иҷозати кор монед, мақоми шумо ғайриқонунӣ мегардад, ки боиси тафтишоти судӣ, аз он ҷумла боиси депортатсия мегардад.

Депортатсия ин маҷбуран хориҷ кардани шахс “ба манфиати ҷамъият” мебошад, одатан пас аз адои ҷазои ҷиноятӣ дар кишваре, ки ӯ онҷо кор мекард. Агар нисбати шумо фармон оиди депортатсия бароварда шавад, шумо оиди тартиби депортатсия огоҳӣ мегиред. Дар бисёр кишварҳо ҳуқуқи шикоят (эътироз) кардан аз болои қарор оиди депортатсия дода намешавад.

Вобаста ба ҳар як кишвар, раванди депортатсия ҳархела буда метавонад. Дар баъзе мавридҳо ду намуди депортатсия вуҷуд дорад - қонунӣ ва маъмурӣ. Депортатсияи қонунӣ бо қарори суд ба расмият дароварда мешавад ва депортатсияи маъмурӣ аз ҷониби Идора оид ба масъалаҳои муҳоҷират/шаҳрвандӣ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ба манфиати ҷамъият, бехатарии ҷамъиятӣ ё ахлоқи ҷамъиятӣ тартиб дода мешавад.

Агар шумо фикр кунед, ки шуморо ғайриқонунӣ депортатсия кардаанд, ба адвокат (ҳимоягар) муроҷиат кунед. Ӯ шуморо бевосита намояндагӣ мекунад ва ба шумо дар ҳифзи ҳуқуқҳои шумо кӯмак мекунад. Бо вуҷуди ин, дар хотир доред, ки ҳалли масъала бо тартиби судӣ одатан вақт ва хароҷоти зиёдро мегирад.

Дар хотир доред, ки маъмулан шаҳрванди хориҷие, ки депортатсия шудааст, танҳо бо иҷозати махсус ба кишвар баргашта метавонад.

**Экстрадитсия (Истирдод)**[5]

Боз як чораи дигаре бар зидди шумо, экстрадитсия буда метавонад. Экстрадитсия ва депортатсия аз он ҷиҳат монандӣ доранд, ки ҳардуи онҳо бо тартиби судӣ амалӣ карда шуда метавонанд. Аммо, сабаби экстрадитсия дар он мебошад, ки шахсе аз кишвари дигар омада ҷиноят содир кардааст. Ба ҷиноятҳое, ки боиси экстрадитсия шуда метавонанд, маъмулан ҷиноятҳое дохил мешаванд, ки барои содир кардани ин гуна ҷиноят ҷазо дар шакли маҳрумият аз озодӣ ба мӯҳлати на камтар аз як сол пешбинӣ мешавад. Ҷиноятҳое, ки метавонанд боиси баргардондани ҷинояткор бошанд, ин ҷиноятҳо вобаста ба андозҳо, боҷҳои гумрукӣ ва мубодилаи асъори хориҷӣ мебошанд. Маъмулан экстрадитсия истифодаи хизматрасонии ҳуқуқиро барои исбот намудани бегуноҳии шахсе, ки дар ҷиноят айбдор мешавад, дар назар дорад.

## Машғулияти 3 – Бозгашт ва реинтегратсия (азнавмутобиқшавӣ)

### Реинтегратсия (азнавмутобиқшавӣ) дар ҷои кор

Яке аз мушкилоти бузургтарин ҳангоми бозгашта омадан ба хона метавонад имконияти ёфтани кори дигаре бошад, ки онро шумо қабул карда тавонед. Агар ҳис кунед, ки барои шумо пайдо кардани кор дар бозори меҳнат душвор буда метавонад, ба агентиҳои шуғли аҳолии Тоҷикистон муроҷиат намуда маслиҳат пурсед. Ҳангоми кор кардан дар хориҷа, кӯшиш кунед, ки то ҳадди имкон малака ва таҷрибаи худро аз даст надиҳед, балки ҳангоми бозгашт ба ватан кӯшиш кунед, ки онҳоро такмил диҳед. Ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ оиди маълумот роҷеъ ба талабот ба кори ба шумо мувофиқ, муроҷиат намоед.

### Фаъолияти меҳнатии инфиродӣ (соҳибкорӣ)

Эҳтимол, дар хориҷа кор карда, шумо маблағеро пасандоз карда бошед ва фикри бо соҳибкории инфиродӣ машғул шудан ба шумо ҷолиб менамояд. Пеш аз оғоз кардани тиҷорат, хуб фикр кунед, оё шумо медонед, ки пасандозҳои худро чи тавр дуруст истифода бурдан лозим аст. Пеш аз оғоз намудани тиҷорат, шумо бояд имкониятҳои тиҷорат ва банақшагирии тиҷорати худро омӯзед. Баъзе аз муҳоҷирони тоҷик, ки ба ватан баргаштаанд, қисме аз маблағҳои худро ба истеҳсолот ва бахши хизматрасонӣ, сохтмон ё соҳаҳои марбут ба кишоварзӣ сармоягузорӣ мекунанд ва барои сокинони маҳаллӣ ҷойҳои корӣ фароҳам меоранд.

---

[5] Ба кишвари хориҷӣ дастгир карда баргардонани шахсе, ки қонуни он кишварро вайрон карда гурехтааст.

## Молияҳо

Ҳангоме, ки шумо бизнес-нақша доред ва медонед, ки ба шумо чи гуна кӯмаки молиявӣ лозим аст ва онро ба чӣ равона мекунед, шумо метавонед барои гирифтани қарз муроҷиат кунед, агар маблағи худи шумо кофӣ набошад. Манбаҳои маъмулии маблағгузории соҳибкории хурд ва миёна ин сармоягузориҳои шахсӣ, қарзгирӣ аз хешовандон, қарзҳо аз бонкҳо/муассисаҳои молиявӣ ва қарзҳо аз донорҳо мебошанд. Ташкилотҳои саҳҳомӣ ва микромолиявӣ ба корхонаҳои хурду миёна қарз медиҳанд. Айни замон, ташкилотҳо, ба монанди «Accelerate Prosperity", барои соҳибкорони эҳтимолӣ омӯзишҳо мегузаронанд ва барои тиҷорати миёна ва хурд грант медиҳанд. https://nbt.tj .

Аз соли 2016 инҷониб, ташкилоти «Accelerate Prosperity" дар Тоҷикистон соҳибкорони эҳтимолиро дастгирӣ менамояд, тавассути омӯзондани моделсозии тиҷорат, гузаронидани коучинги (омӯзиши касбӣ) 1:1 аз тарафи кормандон, таҷрибаомӯзӣ, барқарор намудани алоқа ва робитаҳо бо соҳибкорон, омодагӣ ба маблағгузорӣ, маблағгузорӣ дар давраи инкишоф ва рушд, хизматрасонӣ ба сармоягузорон ва мусоидат намудан ба тиҷорату савдо. Маълумоти бештарро метавонед ба истиноди зерин гузашта, пайдо кунед: https://tj.accelerateprosperity.org/ru

## Доираи муошрати оилавӣ ва иҷтимоӣ

Бозгашт ба доираи муошрати касбӣ ва иҷтимоӣ метавонад барои аксари одамон боиси мушкилот гардад. Шумо бояд донед, ки муддати дароз дар хориҷа кор кардан, метавонад ба муносибати шумо бо оилаатон таъсир расонад.

Таҷрибаи кор ва зиндагии шумо дар хориҷа албатта шуморо тағйир медиҳад, ва умедвориҳои шумо низ тағйир ёфта метавонанд. Пас аз бозгаштан ба хона, ба шумо ба муҳити атроф дубора мутобиқ шудан лозим мешавад, зеро на танҳо худи шумо, балки дӯстон ва оилаи шумо низ тағйир ёфтааст. Дастгирӣ аз тарафи ҷомеаи маҳаллӣ метавонад баъзе аз стрессҳои кӯтоҳмуддатро дар аввал, ки бо бозгашт вобастаанд, сабук кунад. Шитоб накунед, кӯшиш намоед, ки аз нав мутобиқ шавед ва муносибатҳои худро барқарор кунед.

## Машғулияти 4 – Сармоягузории воситаҳои пулӣ дар Тоҷикистон

Ҳукумати Тоҷикистон сиёсати ҳавасманд гардондани сармоягузориро пеш гирифтааст ва аллакай як қатор чораҳоро оид ба либерализатсия (озодкунии) иқтисодиёт, барои ҷолибтар кардани кишвар андешидааст. Маълумоти иловагиро дар сомонаи https://investcom.tj дастрас намудан мумкин аст.

Кумитаи давлатӣ оид ба сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатӣ (КДСИАД) маблағҳои зарурӣ ва кӯмакро дар бунёди соҳаҳои нави саноат таъмин менамояд. Муайян кардани роҳи сармоягузорӣ, дар маҷмӯъ, аз бахши мушаххас ва сиёсати пешгирифтаи ҳукумати Тоҷикистон вобаста аст. Идораҳои минтақавӣ барои ҳама хизматрасонии дар боло зикршуда аз тарафи КДСИАД дар сатҳи ноҳияву вилоятҳо масъуланд. Онҳо асосан дар додани иҷозатномаҳои сармоягузорӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолият дар дохили кишвар, хизматрасонии машваратӣ оид ба сармоягузорӣ ва идоракунии бахшҳои саноатӣ фаъолона саҳм мегузоранд. Манбаъ: http://investcom.tj

Доираҳои эҳтимолӣ барои сармоягузорӣ:

- Бахши кишоварзӣ
- Соҳаҳои саноати истихроҷи маъдан
- Бахши энергетика
- Инфрасохтор
- Бахши саноат
- Бахши бонкӣ ва суғурта
- Бахши телекоммуникатсия
- Бахши тандурустӣ
- Соҳаи нақлиёт ва логистика
- Сохтмон

Қайдҳои худро дар ин ҷо бинависед

## Худро санҷед

Шумо бояд ба камаш ба 6 савол ҷавоби дуруст диҳед, то ки тестро супоред ва ба модули навбатӣ гузаред.

| | |
|---|---|
| **Саволи 1. Баъд аз ба охир расидани мӯҳлати шартномаи меҳнатӣ, шумо метавонед дар кишвари ҷои кори худ чӣ қадаре ки хоҳед, истед.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 2. Дар Тоҷикистон барои муҳоҷирони баргаштаистода имкониятҳо барои сармоягузорӣ нест.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 3. Шумо метавонед ба оилаи худ пул равон кунед, ҳатто агар суратҳисоби бонкӣ надошта бошед.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 4. Коргарони хориҷӣ дар Арабистони Саудӣ ва Қатар пеш аз бозгаштан бояд иҷозати корфармоpo гиранд.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 5. Ҷиноятҳое ки боиси экстрадитсия (истирдод) мегарданд, маъмулан ҷиноятҳое дохил мегарданд, ки барои онҳо ҷазо дар шакли маҳрумкунӣ аз озодӣ ба мӯҳлати на камтар аз 1 сол пешбинӣ шудааст.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 6. Истодан дар кишвар бе тамдиди мӯҳлати шартномаи меҳнатӣ ва иҷозат барои кор мақоми шуморо ғайриқонунӣ мегардонад, ки мувофиқи қонун таъқиб карда мешавад ва метавонад боиси депортатсия гардад .** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Q7. Интиқолҳои пулӣ қисми муҳими манбаъҳои зиндагии хонаводаҳо мебошад.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 8. Депортатсия – ин ихроҷи маҷбурии ягон шахс «барои беҳбудии ҷамъиятӣ» одатан баъд аз гирифтани ҷазои ҷиноӣ дар мамалакате, ки он шахс кор мекард** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 9. Тавсия дода мешавад ки пеш аз рафтан ба хориҷа ба оилаи худ ваколатномаи махсус монда равед** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |
| **Саволи 10. Ҳангоми будани шумо дар хориҷа, ба аъзоёни оила имконият додан лозим аст ки аз паи зиндагии худ шаванд.** | |
| ☐ Дуруст | ☐ Не |

### Захираҳои маълумотӣ

Имкониятҳо барои сармоягузорӣ:

- Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ПСС ҶТ) - https://www.tpp.tj
- Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (КДСИАД) - https://investcom.tj
- Вазорати рушди иқтисод ва савдо - https://medt.tj